823048

# Намунаҳои фольклори Дарвоз

1955 г. № 1276
Таджик. ГПБ

# НАМУНАҲОИ ФОЛЬКЛОРИ ДАРВОЗ

ҶАМЪКУНАНДА
ВА ТАРТИБДИҲАНДА
*А. З. РОЗЕНФЕЛЬД*

*Нашриёти Давлатии*
*Тоҷикистон*
*1955*

ОСУДАРСТВЕННАЯ
02308
Р 64

# САРСУХАН

Вазифаи дар пешгузоштаи ин маҷмуа аз он иборат аст, ки оммаи васеи хонандагони тоҷикро бо намунаҳои эҷодиёти даҳонии Дарвоз шинос намояд. Материалҳои ба маҷмуа дохил кардашуда асосан дар солҳои 1949, 1951 ва 1953 дар районҳои Қалъаи Хумб ва Тавилдара (қишлоқи Сафедорон)-и вилояти Ғарм ва райони Ванҷи Вилояти Автономии Бадахшони Кӯҳии Республикаи Советии Социалистии Тоҷикистон ҷамъ карда шудаанд. Ғайр аз он, ба маҷмуа материалҳое дохил карда шудаанд, ки дар солҳои 1932—1933 дар маҳалли Вахиёи Боло (қишлоқи Сангвор) навишта гирифта будем. Инчунин шаш афсонаю ду суруди аз тарафи Н. А. Кисляков дар солҳои 1930, 1931, 1933 навиштагирифтаро бо розигии ӯ ба маҷмуа дохил намудем.

Маҳалҳои номбаршуда бо якчанд хислатҳои умумии худ бо ҳам муттаҳид шудаанд; онҳоро, дар навбати аввал, умумияти забонӣ муттаҳид менамояд, зеро аҳолии он ҷоҳо (вахьёчӣ, сагирдаштӣ, дарвозӣ, ванҷӣ), бо лаҳҷаҳои дарвозии забони тоҷикӣ, ки чи аз забони адабӣ ва чи аз лаҳҷаҳои дигари тоҷикӣ ба андозаи муайян фарқ дорад, гуфтугӯ мекунанд. Дар гузашта низ он маҳалҳоро умумияти шароити зиндагӣ, иқтисодӣ, маданӣ ва моддӣ муттаҳид мекард. Ин умумият таърихан ба амал омадааст. Бероҳӣ ва аз марказҳои маданиии тореволюционӣ дур будан он ҷойҳоро ба ҳам зич алоқаманд намуда буд. Маҳалҳои мазкур дар ҷанубӣ ва шимолии доманаҳои қаторкӯҳҳои Дарвоз воқеъ шудаанд.

Маркази Дарвоз райони Қалъаи Хумб аст. Қишлоқҳои ин район қад-қади дарьёи Панҷ ва шохобҳои хурду калони вай, ки аз силсилаи кӯҳҳои Дарвоз сар мезананд, ҷой гирифтаанд. Қишлоқҳои Сафедорон, Сангвор (Вахиёи боло) ва водии Ванҷ назар ба райони Қалъаи Хумб музофот ба шумор меравcovered.

Ҳоло дар натиҷаи коллективонидани хоҷагии қишлоқ, канда шудани роҳҳои мошинагард, тараққиёти босуръати хоҷагӣ ва маданият ин умумияти маҳаллӣ аз байн рафта, танҳо дар забон ва урфу одатҳои онҳо боқӣ мондааст. Ин умумиятро аз ҷумла дар фольклор низ мушоҳида мекунем.

Эҷодиёти даҳанакии Дарвоз ва маҳалҳои атрофи он аз ҷиҳати гуногунӣ ва боигарии худ дар фольклори тоҷик мавқеи хеле муҳимро ишғол мекунад: суруд, рубоӣ ва афсонаҳо аз айёми кӯдакӣ то пиронсолагӣ, чи дар гузашта ва чи дар замони мо, шарики ҳамешагии ҳаёти шахси дарвозӣ буданд ва ҳастанд. Шароити сахти табиӣ, ҳаёти вазнин дар зери зулми феодализм, истисмори бераҳмонаи аҳолии камбағал аз тарафи боёни маҳаллӣ, чиновникҳои амирӣ, руҳониён, тақдири тираи занони тоҷик, меҳнати вазнини тоқатшикан дар замини пурсангги камҳосили кӯҳӣ ва зимистони сахт дар асарҳои сершумор ва гуногуни эҷодиёти даҳанакии халқ, ки то замони мо расидаанд, ба таври васеъ инъикос ёфтааст. Ба ин муносибат овардани гуфтаи Фр. Энгельс оид ба китобҳои халқии немис хеле ҷоиз аст: „Китоби халқӣ,— навишта буд Фр. Энгельс,— чунин вазифа дорад, ки деҳқонро бегоҳиҳо баъди аз кори вазнини рӯзонаи худ монда шуда баргаштанаш, дилхуш кунад, ба ҷон дарорад, маҷбур кунад, ки меҳнати вазнинашро фаромӯш намояд, саҳрои санглохи уро ба боғи муаттар табдил диҳад, китоб чунин вазифае дорад, ки ҳиссиёти маънавии ӯро равшан кунад, ӯро барои қувваи худ, ҳуқуқи худ, озодии худро дарк кардан водор намояд, мардонагии ӯ, муҳаббати ӯро нисбат ба Ватан бедор кунонад“*.

Дар гузашта дар рӯзу шабҳои дарози зимистон аҳолии кӯҳистон афсонаҳои сеҳрангез, достонҳои дуру дарози эпоси Гурӯғлиро гӯш карда, вазнинии зиндагӣ, гуруснагӣ ва қарздориро фаромӯш мекард. Дар байни

---

* *К. Маркс и Ф. Энгельс,* Сочинения, т. II, стр. 26.

аҳолӣ одамони босавод хеле кам буданд ва эҷодиёти даҳанакӣ барои қаноат кунонидани эҳтиёҷи маънавии шахси кӯҳистонӣ ягона воситае буд. Тамоми эҷодиёти даҳанакии халқи Дарвоз бо самимияти комил, нафосати баланд, ғояҳои инсонпарварӣ, муҳаббат ба ватани худ фаро гирифта шудааст.

Муҳимтарин жанрҳои фольклори Дарвоз афсона ва рубоӣ мебошанд. Дар гузашта дар Вахиёи боло, Сафедорон ва Сағирдашт эпоси қаҳрамонӣ—„Гӯрӯғлӣ" шӯҳрати калон дошт, дар он ҷойҳо гӯяндагони машҳуре буданд, ки ин эпосро бо дутор, ба тарзи махсус мехонданд. Аз афти кор, дар худи Дарвоз эпоси қаҳрамонӣ васеъ инкишоф наёфтааст[1]. „Гуруғлӣ" дар солҳои охир, ҳатто дар районҳои номбаршуда ҳам, ки дар гузашта махсусан паҳн шуда буд, иҷро карда намешавад.

Зиёда аз 50 сол пеш аз ин аввалин бор олими рус проф. А. А. Семёнов 26 афсонаи Дарвозро, ки аз онҳо 18-тоашон дар Дарвоз ва 8-тоашон дар Ванҷ навишта гирифта шуда буданд, ба забони тоҷикӣ ва тарҷимаи русиашон, бо шарҳу эзоҳи зарурӣ чоп карда буд[2]. Баъд аз ин то имрӯз фақат як афсонаи дарвозӣ аз тарафи проф. М. С. Андреев ба русӣ чоп карда шуд.[3]

Дар масъалаи чоп намудани рубоиҳои Дарвоз бошад, вазъият беҳтар аст. Як миқдори калони рубоиҳои Дарвоз ба маҷмӯаҳое, ки А. Н. Болдырев[4] ва М. Турсунзода[5] нашр кардаанд, дохил карда шуда буданд. Назми халқии Дарвоз на танҳо рубоӣ, балки суруд ва шеърҳои зиёдеро низ дар бар мегирад. Чунин факт аҷиб аст, ки бисьёре аз дарвозиён истеъдоди шоирӣ доранд. Баъзан колхозчиён дар ҳангоми сӯҳбат ба осо-

---

[1] Намунаи эпоси „Гӯрӯғлӣ" дар қишлоқи Лухч (Сағирдашт) навишта гирифта шудааст. Нигоҳ кунед: А. Н. Болдырев „К. фольклору Таджикистана". Труды Таджикистанской базы АН СССР, т. III, 1936 г. Оид ба библиографияи эпоси „Гӯрӯғлӣ", И. С. Брагинский, „Заметки о таджикиском эпосе Гуругли". Краткие сообщения Института Востоковедения АН СССР, 1953.

[2] *А. А. Семёнов,* Материалы для изучения наречия горных таджиков Центральной Азии, ч. I, 1900; ч. II, 1901, Москва.

[3] *М. С. Андреев,* Дарвазская сказка. Живая старина, т. т. II—IV, 1912, стр. 485—488.

[4] *А. Н. Болдырев,* Намунаи фольклори тоҷик. Дар зери таҳрири проф. Е. Э. Бертельс, Сталинобод—Ленинград, 1938.

[5] *М. Турсунзода,* Намунаи фольклори тоҷик, т. II, Сталинобод—Ленинград, 1940. Нигоҳ кунед ба маҷмуаи „Фольклори тоҷик", тартибдиҳандагон: Турсунзода, М. ва А. Н. Болдырев, Сталинобод, 1954.

нӣ қофия ёфта, бо шеър фикри худро баён мекунанд. Чунин ҳодисаро муаллиф, масалан, соли 1949 дар қишлоқи Кеврон мушоҳида намуда буд. Ҳаминро ҳам бояд қайд намуд, ки сарфи назар аз бесаводии аҳолӣ дар гузашта дар Дарвоз шеърҳои классикони тоҷик—Ҳофиз, Саъдӣ, Бедил маъруф буданд.

Дар Дарвоз инчунин фольклори бачагона, чистонҳо, зарбулмасал ва мақолҳо, ҳикояҳои аҷиб ба таври васеъ паҳн шудаанд. Фольклори маросимӣ дар системаи фольклори Дарвоз ҷои махсусро ишғол менамуд ва ҳоло бо суръат барҳам хӯрда истодааст. Жанрҳои фольклори Дарвоз инчунин пьесачаҳои хурди танқидии театри халқиро дар бар мегиранд. Мутаассифона, намунаҳои фольклори советиро ба ғайр аз як қисм рубоӣ ва шеърҳои шоирони маҳаллӣ ба андозаи зарурӣ ҷамъ карда натавонистем. Адабиёти советӣ, газета, радио ба ҳаёти аҳолӣ ба таври васеъ дохил шудааст. Талаботи маданӣ ва эҳтиёҷи аҳолии Дарвозро асарҳои бадеии нависандагони советӣ, ки ҳаёти дурахшон ва пурҷӯши Мамлакати Советиро инъикос менамояд, қаноат мекунонанд.

* * *

Материалҳои маҷмуа ба ду қисм—наср ва назм ҷудо карда шудаанд. Қисми якум 15 афсона, 8 ҳикояи хандаовар, 20 зарбулмасал ва мақолҳоро дар бар гирифтааст.

Қисми дуюм аз рубоӣ (75), нақарот ё фаровард (9), суруд (7), фольклори бачагона (15 шеъру 18 чистон), шеърҳои шоирони маҳаллӣ (24) ва намунаҳои фольклори советӣ иборат аст. Ғайр аз сарсухани умумӣ ҳар як қисм сарсухани алоҳида ва тафсири хурде дорад, ки аз кӣ ва кай навишта гирифта шудани намунаи мазкур нишон дода мешавад. Ба мақсади дастраси оммаи хонандагон гардонидани материалҳои насрӣ—афсона ва латифаҳо забони онҳоро, ки дар асл бо риоя кардани хусусиятҳои лаҳҷаи Дарвоз навишта шудаанд, ба забони адабӣ наздик кардем.

Ин тағйирот асосан ба ҷиҳатҳои фонетикӣ, морфологӣ, лексикии текстҳо тааллуқ дошта, вале сохти синтаксисии онҳо ба ҳадди имкон пурра нигоҳ дошта шудааст.

Сюжети афсонаҳо бо баъзе илова ва тағйиротҳои

зарурӣ, ки ба пурра шудани мазмун ёрӣ мерасонад, дода шудааст.

Намунаҳои манзум бошанд, бетағьирот, дар шакли оригинални худ оварда шудаанд. Калимаҳои номафҳуми маҳаллӣ ва ё калимаҳое, ки нисбат ба забони адабӣ шакли дигар доранд, эзоҳ дода шудаанд. Дар охир луғати калимаҳои маҳаллие, ки дар шеър ва сурудҳо вомехуранд, низ барои осон шудани мутолиаи хонандагон дода мешавад.

* * *

Дар дохили лаҳҷаҳои ҷануби шарқии забони тоҷикӣ лаҳҷаҳои Дарвоз гурӯҳи махсусро ташкил медиҳанд. Характерноктарин хусусияти лаҳҷаҳои Дарвоз дар он аст, ки дар феълҳои замони ҳозира-оянда ҳиссачаи „ме“ дар охири феъл меояд: мегӯям—*гӯме*, мекунам—*куме*, меравад—*раваме* ва ҳоказо. Дар лаҳҷаҳои Дарвоз аз ҷиҳати фонетика низ фарқи ҷиддӣ мавҷуд аст: садоноки махсуси *ә* (*дәл*, *гәрг*, *мән*) вуҷуд дорад, *у* ба *и* бармегардад (*зардолӣ*, *собин*); дар мобайн ва охири калима ҳамсадои „*д*“ меафтад, (*мерава*, *дом*—ба ҷои додам), *о* пеш аз *н* ва *м* ба *у* бармегардад (*нун*, *ҷума*), ҳамсадои *ҳ* тақрибан ба кор бурда намешавад (*амин* ба ҷои ҳамин, *дия* ба ҷои деҳа), дар айни ҳол дар аввали калимаҳое, ки бо *а* ва *о* сар мешаванд, *ҳ* илова карда мешавад (ба ҷои олам—*ҳолам*), *б* ба *в* бармегардад (*вега*, *ведор*, *ова биёр*); шумораи ҷамъ бо суффикси *о* ифода карда мешавад (ба ҷои аспҳо—*аспо*, ба ҷои бачагон—*бачо*), суффикси пуркунандаи бевосита пас аз садонокҳо—*ра, ро*, пас аз ҳамсадоҳо *а* буда, пешоянди ба (*бай*) одатан пас аз худ калимаеро талаб мекунад, ки суффикси пуркунандаи бевосита дошта бошад (*бай вегара*, *бай хунара*), пешоянди аз шакли *ай*-ро дорад (*ай шаҳр*), бандаки феълии шахси III шумораи танҳо шакли *ай*-ро дорад (*пурай*, *торикай*), аз ҷумлаи ҳиссаҳои нутқ зарфҳои махсуси маҳаллӣ мавҷуданд—*ғал* (ҳозир), *анда* (ин ҷо) ва ғайра. Дар лексикаи шеваи Дарвоз махсусан фарқи зиёде дида мешавад: *соба* (рӯймоли сар), *вошкӣ* (ресмон), *варав* (майдатар), *мәткин* (санги кулӯла) ва ғайра.

Муаллиф умедвор аст, ки пас аз кори хоксоронаи

у як қатор нашрҳои нави беҳтарин намунаҳои эҷодиёти даҳанакии халқи тоҷик ба вуҷуд хоҳанд омад.

Ин маҷмуаро коркуни Институти забон ва адабиёти Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон рафиқ Зиёратшо Воҳидов (соли таваллудаш 1929, аз қишлоқи Ҷорф, райони Қалъаи Хумб) дида баромада, дар он баъзе илова ва ислоҳҳо даровардааст. Тартибдиҳанда ба у ташаккур баён менамояд.

Номзади фанҳои филологӣ
*А. З. Розенфельд.*

КИСМИ ЯКУМ

# НАСР

# АФСОНАҲО

Афсонаҳои Дарвоз аз ҷиҳати гуногунжанрӣ ва гуногунии шаклҳои таомул доштани худ хеле қобили диққатанд. Афсонаҳо дар байни халқи маҳаллӣ ба таври васеъ паҳн шудаанд. Дар гузашта дар шабҳои дарози зимистон аҳолӣ ба воситаи ағбаҳои баланди барфин, роҳҳои касногузар аз тамоми дуньё бурида шуда, ё дар хонаҳои умумии назди масҷид (аловхона) ё дар хонаҳои худ нишаста афсонаҳо гӯш мекарданд. Афсонаҳо ҳоло ҳам шабҳо, бештар дар шабҳои зимистон, дар вақтҳои пеш аз хоб гуфта мешаванд. Баъзан афсонаро якчанд шаб паси ҳам нақл мекунанд. Афсонагӯй дар вақти ҳикоя кардан якчанд бор боз истода, хоб рафта мондан ва ё бедор будани шунавандагонро мефаҳмад. Вақте ки афсонагӯй боварӣ ҳосил мекунад, ки ҳамаро хоб бурдааст, давоми афсонаро ба шаби оянда мавқуф мегузорад. Афсонаро ҳам мардҳо ва ҳам занҳо мегӯянд. Мо ба афсонагӯйҳои профессионалӣ вонахӯрдем, вале бо вуҷуди ин ба монанди Амирбек Давлат, 71-сола аз қишлоқи Тоғмай, ё ки Умар Раҳмонов, котиби Совети қишлоқи Вишхарви районн Қалъаи Хумб шахсонеро ҳам дучор намудаем, ки ба гуфтани афсона маҳорати калон доранд. Сарфи назар аз ин, ҳар кас, аз он ҷумла, бачагон бисьёр афсона медонанд.

Афсонаҳои суруднок махсусан завқоваранд. Ин гуна афсонаҳоро ё як кас (гӯянда) иҷро мекунад ё ду кас: яке нақл мекунад, дигаре—ҳофиз дар мавриди худ ба сурудхонӣ ҳамовоз мешавад, ё танҳо худаш месарояд. Афсонаҳои № 1—„Ориф“ ва № 3—„Тоҷбек“, ки онҳоро

дар қишлоқҳои Сангвор ва Вахиёи Боло Н. А. Кисляков навишта гирифтааст, намунаи ҳамин гуна афсонаҳо мебошанд. Афсонаи „Ориф“ аз ҳофизи хушовоз Юсуф Фазлиддинов, ки миқдори зиёди суруд ва афсонаҳои халқиро медонист, навишта гирифта шудааст.

Афсонаҳои Дарвозро аз рӯи мундариҷаашон ба якчанд гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст.

1. Афсонаҳои сеҳрангез (№№ 1—8), ки дар онҳо ҳар хел персонажҳои мифологияи дарвозиҳо: аҷина, парӣ, дев, аждаҳо иштирок мекунанд. Қаҳрамони мусбии афсонаҳои сеҳрангез аксар шоҳзода, ки ҳар хел корнамоиҳои қаҳрамонона нишон медиҳад ва шоҳдухтари соҳибҷамол аст. Дар ин афсонаҳо далерӣ, вафодорӣ, олиҳимматӣ тарғиб карда шуда, тарсончакӣ, аҳдшиканӣ, хасисӣ барин нуқсонҳо тамасхур карда мешаванд. Ба қаҳрамон барои иҷро намудани супоришҳое, ки одатан аз тарафи подшоҳону вазирони ҳасадхӯр ва бадқаҳр супорида мешаванд, амал намуда, мамониатҳои бисьёреро бартараф кардан лозим меояд. Ӯ бештар аз ҳама бо аждаҳо мубориза карда, ҳамеша голиб мешавад. Аждаҳо бар хилофи девҳо, ки бо тарсончакӣ ва бевафоии худ фарқ мекунанд, таҷассуми қувваи нопоки зараровар аст.

Қаҳрамон дар мубориза бо қувваҳои зарарнок ҳар гуна ёрдамчиҳо дорад. Афсонаи „Мурдаи сӯзанпур“, ки варианти форсии онро Субҳӣ дар маҷмӯаи афсонаҳои форсӣ, соли 1946 дар Теҳрон[1] чоп карда буд, хеле шавқовар аст. Ин афсона дар бораи он нақл мекунад, ки чӣ гуна бо устуворӣ мақсади дар пеш гузоштаро ба даст овардан мумкин аст ва он одамоне, ки қувваи шахсии худро сарф накарда ҳосили меҳнати дигаронро соҳибӣ мекунанд, сахт танқид карда шудаанд.

2. Афсонаҳои маишӣ-реалӣ (№№ 9—13). Ин афсонаҳо зиракӣ, ӯҳдабароӣ, хусусан хирадмандӣ ва вафодории занонро васф мекунанд. Варианти афсонаи „Духтари доно“ дар ҷилди якӯми китоби номбаршудаи А. А. Семёнов дохил карда шудааст. Афсонае, ки қаҳрамони он Кал аст (№ 13) бо вариантҳои гуногун дар тамоми Тоҷикистон паҳн шудааст.

Мазмуни асосии ин афсона чунин аст: Кал (одатан

---

[1] Нигоҳ кунед: *А. З. Розенфельд*, Второй том персидских сказок, журн. Советская Этнография, № 1, 1950, стр. 231.

бародари хурдӣ) аз бародарони калони худ азият ва озор мебинад ва дар охир озордиҳандагони худро аҳмақ карда ҷазо медиҳад. Кал чун одами уҳдабаро, доно ва бародарони ӯ—нодону хасис тасвир карда мешаванд.

3. Афсонаҳо дар бораи ҳайвонот. Ин афсонаҳо низ якчанд гурӯҳро ташкил медиҳанд. Дар инҳо ҳайвонҳои гуногун: гург, хирс, рӯбоҳ, шер, харгӯш амал мекунанд, вале сарфи назар аз ин, ҳайвонҳо ҳамон хислатҳоеро доранд, ки ин хислатҳо ба одамон хосанд. Афсонаи № 14 аз қабили чунин афсонаҳо мебошад.

4. Афсонаҳои хандаовар. Намунаи ин қабил афсонаҳо афсонаи № 15 шуда метавонад, ки дар онҳо мушҳо ва ҳашаротҳо иштирок доранд.

Афсонаҳои Дарвоз одатан аз рӯи анъана бо суханҳои буд, набуд сар шуда, пас аз он худи афсона шурӯъ мешавад, хотимаи афсона низ аз рӯи анъана бо суханони: „онҳо ба мақсадашон расиданд, шумо ҳам ба мақсад мерасед“ ё „онҳо он ҷо буданд, мо омадем“ ба охир мерасад. Чи навъе ки дар сарсухан гуфта шуд, афсонаҳо баъзе хусусиятҳои шевагии ба оммаи хонандагон номафҳум доранд. Бинобар ин забони афсонаҳо каму беш ислоҳ карда шуда, вале сохти синтаксисӣ ва сюжети асосии афсонаҳо пурра нигоҳ дошта шудааст. Дар афсонаҳои байтдор, ба мисли Ориф (№ 1), Тоҷбек (№ 3) ва ғайра байтҳо чи гунае, ки аз гӯянда навишта гирифта шуда буданд, ҳамон навъ чоп карда мешаванд.

## 1. ОРИФ

Як подшоҳ буд, даҳ вазир дошт. Аз онҳо як вазирро бисьёр дуст медошт. Як рузе шуд, ки уро фарьёд кард[1]

— Дар[2] пеши ман биё, гап дорам.

Вазир омад. Даррав онхо маслиҳат карданд, баъд шикор рафтанд. Як сари офтоб буд[3], ки ҳадьягир рафт, ки подшоҳ духтар ёфт[4]. Подшоҳ ҳамон рӯз ба хона наомад. Рӯз намози аср буд, ки ҳадьягир рафт, ки вазир бача ёфт. Даррав подшоҳу вазир омаданд, дар хонаашон расиданд. Пагаҳ, рӯз ки шуд, чӣ қадар тӯйро ташриф доданд. Як вақт подшоҳ вазирро фармуд, ки „дар ин хурсандӣ, хез, дар ин майдон тилфорро[5] тозон, тамошо бинем".

Вазир хест, тилфорро зину авзор кард, ба пеши подшоҳ расонид. Дар ин майдон ғоре буд, дар он ғор рафт, тилфор ҳам мурд, вазир ҳам. Подшоҳ омад, шишт, бачаро дар зонуи росташ гирифт, духтарро дар сари зонуи чапаш, гуфт:

— Бачаро Ориф ном кардем, духтарро Бибиоим ном кардем. Мо ва вазир қавлу қасам карда будем ки ҳар дуи онҳоро гаҳворабахш кунем.

Чанд вақт гузашт. Онҳо калон шуданд, онҳоро ба мактаб доданд. Подшоҳ Қаработур хат фиристод, ки „подшоҳи Миср як духтари соҳибчамол доштааст, агар уро ба мо диҳад—хуб, агар не—ҷои ҷангашро дуруст кунад".

Подшоҳ хатро хонд, гуфт:

— Бисьёр хуб мешавад.

Баъд гуфт:

— Агар Оимро ба Қаработур диҳем, хубтар мешавад.

Даррав як хат кард, ба подшоҳ—Қаработур роҳӣ кард: „Бисьёр хуб мешавад. Тайёриро бубинаду биёяд".

Аз бачаву духтар мегирем. Ҳар вақт авқоташонро мебурданд ба мактабхона, аз вақте ки хати Қаработур омад, дигар ба онҳо авқот набурданд. Онҳо бисьёр гушна шуданд. Бача ба духтар гуфт:

— Хез, рав, як авқот биёр!

Духтар хест, рафт пеши падараш. Падараш гуфт:

— Эй духтар, хондан ба ту ҳеҷ фоида надорад, дигар нарав, ки мо пагоҳ туро ба як мардак медиҳем, ӯ туро аз хондан намепурсад, аз нақшдӯзӣ, тоқидӯзӣ[6] мепурсад.

Бача дар ин ҷо бисьёр гушна шуд, ба ҳалокат расид. Даррав гуфт:

— Дар ин коса як нимкосае ҳаст, ки ёри мо бедарак шуд.

Хест, рафт пеши модараш, гуфт:

— Эй, модарам, ҳеч камонғулак ҳаст аз падарам?

Гуфт:

— Ҳаст.

— Биёраш,—гуфт,—ки як сайри чорбоғ бибароям.

Баромад дар чорбоғ, як канизи подшоҳ ба об мерафт. Камонғулакро кашид, зад дар кӯзаи каниз, об рехт. Каниз гуфт:

— Сағираи[7] ҳаром, ту ҳамин тавр шудӣ, ки қинғолатро[8] ба дигар кас медиҳанд.

Даррав Ориф аз бозор як кӯза харид, овард, ба каниз дод. Каниз кӯзаро гирифт. Баъд бача гуфт:

— Ман чӣ кор карда будам, ки ту ин қадар гапи сахт ба ман задӣ?

Гуфт:

— Падари ту ва подшоҳ ошно буданд, туро ба духтари подшоҳ дар вақти зиндагии падарат гаҳворабахш кардаанд, ҳоло ба подшоҳ Қаработур духтарро медиҳанд.

Даррав сағира малол шуд[9]. Рафт ба пеши модараш, гуфт ки:

— Хез, ки меравем, дар саҳрои кушода сайр мекунем, мегардем, сари худ мегӯему мулки худо.

Хестанд, рафтанд, чанд вакте гаштанд, аз ташнагӣ ва гушнагӣ ба ҳалокат расиданд, дар як дашт диданд, ки як мӯйсафед гандум медаравад. Ба пеши мӯйсафед рафтанд. Гуфтанд ки:

— Эй, бобои мӯйсафед, мо бисьёр гушна шудем, ту як авқот ба мо биёр, мо замини туро медаравем.

Мӯйсафед хест, рафт, сағира досро гирифт даравидан гирифт. Мӯйсафед авқот пухт, гирифт, гашт, омад, ки Ориф кай вақте гандумро даравидааст, тамом кардааст, ҳавзча кардааст, дар паҳлуи ҳавзча бо нӯли дос бозӣ карда истодааст. Мӯйсафед гуфт:

— Ин одами хокӣ[10] набудааст, ин дев буд, парӣ буд, чизе будааст, кай вақте даравида тамомаш кардааст!

Мӯйсафед рафт пеши Ориф. Ориф гуфт:

— Эй, бобо, натарс, мо одами хокием.

Даррав авқот карданд.

Бача гуфт:

— Ҳеҷ чой дорӣ, ки шаб менстем?

Гуфт ки:

— Чой дорам.

Хестанд, рафтанд. Як меҳмонхона соз кард ба Ориф, шаб истоданд, чӣ қадар иззат кард. Пагоҳ хестанд, бача гуфт:

— Эй бобо, ҳеҷ чорбоғ дорӣ, ки сайри чорбоғ бибароем.

Гуфт, ки дорам. Ориф хест, дар чорбоғ даромад, рафт, як себи хуб ёфт, гуфт[11] ин сағвотӣ ба Бибиоим бибарам. Ин қадар себ такид[12], дар лунгиаш[13] гирифт, гуфт, ки инхоро мебарам, ҳеҷ киро надоранд[14]. Баромад дар шохи себ, бисьёр такид, дар як чувол гирифт, бурдан натавонист. Рафт, гуфт ки:

— Эй, бобои мӯйсафед, ин қадар себ гирифтам, ки бурдан наметавонам, ба ман як хар бидеҳ.

Гуфт ки:

— Хар надорам.

Гуфт:

— Модарамро бигир, як харам бидех.

Гуфт:

— Бисьёр хуб. Рав, дар ҳамон дашт ҳафт хар хаст, якеро бигир.

Рафт, як хари хубашро гирифт, бо бобои мӯйсафед чуволи себро ба хар бор карданд. Рафт дар чӯл, чанд вақте роҳ гашт, ки як кутал бархурд, хар истод. Ориф

ин сӯ, он сӯ нигоҳ кард, ки ҳеҷ касро надид, бисьёр малол шуд, гуфт ки ҳар чӣ бошад, як суханаш бигӯям. Мегардаду мегӯяд:

Ин кӯтали рӯболоро мебром[15] олӣ[16],
Се сад ғазалу ду байт мегум[17] олӣ,
Се сад ғазалу ду байт ҳамаш рубоӣ,
Умри азиз ой, месӯзад диләм, Оим, курбонәт ман ой.

Ҳар рӯ боло шуд, дар кӯтал рафтан гирифт. Як вақте хар дар миёнаи кӯтал инод кард. Ориф гуфт, ки ин сухан чӣ будааст? Мегардаду мегӯяд:

Ин кӯтал рӯболо кадамҳо дорад,
Гул мешкуфаду лола тамошо дорад,
Ҳар кас ки ба болои ёрам савдо дорад
Ман месӯзам дигар чӣ парво дорад?
Умри азиз ой, месӯзад диләм. Оим курбонәт ман ой.

Ориф баромад ба болои дашт, хар инод кард. Ориф мегардаду мегӯяд:

Ин кӯтали рӯболо болош дамгир,
Эй ёраки хурдтарак, фаро, дастам гир,
Аз боиси ту ҳамин паго[18] хӯрдам тир,
Хунолуд шудам, канори бе куртам гир.
Умри азиз ой, месӯзад диләм, Оим, курбонәт ман ой.

Дар дашт рафт, духтар тамошо кард, ки бачаро дид, шинохт. Аз болои арк гуфт:

— Эй, канизи моҳрӯй, якта дар дашт меравад, ёри мо барин, як суханаш бигӯ: агар ёри мо бошад, мегардад, агар набошад, меравад.

Каниз як суханаш мегӯяд:

Ин дашти дароз об надорад, чӣ кунам?
Ду чашми сарам хоб надорад, чӣ кунам?
Ду чашми сарам роҳи туро менигарад,
То умаданта[19] ҷавр аз сарам мегузарад.
Умри азиз ой, месӯзад диләм, Ориф, курбонәт ман ой.

Ориф тоб доду рафт. Ҷуволро аз хар фаровард. Тоқаташ нарасид. Мегардаду мегӯяд:



82508.
1955 № 1276
Таджик. ГПБ

Он чое туй намерасад овозам,
Бар гардани нозуки ту даст андозам.
Бар гардани нозуки ту дастам нарасид,
Бар хонаи душманон санг андозам.
Умри азиз ой, месӯзад диләм, Оим, қурбонәт ман ой.

Харро баст ба як дарахт, як қадар себ гирифт дар лунгиаш, рафт, ба пеши Оим расид. Оим мегардаду мегӯяд:

Ин себи никош[30] кардаро ёр овардаст,
Аз бахши мани турфанигор овардаст.
Одам набудем, чавоби себро гӯем,
Гӯё ки мазор будем назр овардаст.
Умри азиз, ой месӯзад диләм, Ориф, қурбонәт ман ой.

Ба ӯ мегардаду мегуяд Ориф:

Ин себро ба савғоти лабат овардам,
Аз бахши гапи динашабат[31] овардам,
Одам набудй чавоби себро гӯй,
Гӯё ки мазор будай, назр овардам.
Умри азиз ой, месӯзад диләм, Оим, қурбонәт ман ой.

Оим гуфт:
— Ориф, себи кам овардай.
Ориф гуфт:
— Ба як хар овардам.
Гуфт ки:
— Бирав мабодо, ин харро гург нахурад.
Ориф хест, рафт, ба пеши хар расид. Харро гург хӯрдааст. Чувол гаштааст—себхоро хам хар хурдааст. Орифро аламаш кард. Мегардаду мегуяд як сухан:

Аз дасти сағирагиём ғаламхо дорам,
Аз бахти сиёи[32] худ ситамхо дорам,
Фардо, ки худо қозй шавад дар арасот,
Духтар духтаре дар сина доғхо дорам.
Умри азиз ой, месӯзад диләм, Оим, курбонәт ман ой.

Оим гуфт, ки:
— Қаниз, фарьёд куи Орифро. Чаққон биё, ки Ориф рафт.
Қаниз чаққон рафт, Орифро чеғ зад. Баъд Оим гуфт:

— Чи сухани пураламе буд, ки гуфтӣ?

Ориф гуфт ки:

— Модарамро додам, як хар гирифтам, харро гург хӯрд.

Гуфт ки:

— Малол шудӣ, барои ин қадар гап?

Гуфт ки:

— Хез да* биравем. Духтар хест, мӯза пушид, камарбанди тиллоро баст, кулоҳро лағат кард ба пеши абру, рафт, бача аз ақиб. Рафт ба дари хазинаи падараш. Қаравулро пора дод, дарро яла кард, даромад, чанд тиллову танга гирифт, ба кисаи сағира андохт. Орифро фотиҳа[23] дод, гуфт:

— Ҳоло бирав, модаратро халос кун. Як моҳ баъди дигар моро туй мекунанд. Як аспи хуб бихар, чаққон бигард, биё.

Баъд духтар як гушаи руймолашро даронд, ба ангушти Ориф печонд, ки уро фаромуш накунад.

Ориф рафт, чанд вақте гашт, аз ташнагӣ ва гушнагӣ ба ҳалокат расид. Дар як дари масҷид расид, дид, ки бисьёр бачаҳо бозӣ мекунанд, ба руз буҷулбозӣ, ба шаб каҳшапак[24]. Дасташро дар бағалаш андохт, ёфт як буҷул, у ҳам бозикунӣ гирифт. Ҳафт шабу ҳафт руз бозӣ кард. Рузе шуд, ки муаззини масҷид омад, тамошо кард, як ҷавони хушруй дар миёни сағираҳо дид. Гуфт ки:

— Эй, рафиқ, ин ҷо биё.

Бача омад. Муаззин уро як ду шаппот зад, гуфт:

— Ту-ку намоз намехонӣ, аз ӯҳда намебароӣ, ки руятро бишуй.

Ориф ба лаби об рафт. Дастҳояшро мешуст, ки дар ангушташ гӯшаи руймолро дид. Оим ба хотираш омад. Бисьёр малол шуд. Даррав руяшро шуст, хест, ба бозор рафт. Як аспи хуб омадааст, аспро харид бо авзор, савор шуд, рафт.

Дар як дашт мерафт, ки якта қаландар аз пеш омад. Гуфт ки:

— Эй, бобоқаландар, ба ман як даҳон нон бидеҳ, ҳафт шабу ҳафт руз шудааст, ки авқот накардаам.

Қаландар гуфт ки:

---

* Калиман „да" дар лаҳҷаи Дарвоз одатан ба ҷои „то ки" ва „набошад" кор фармуда мешавад.

— Эй, подшоҳбачаи маст, подшоҳи Миср хеле вакт шуд, ки туй дорад, шумо агар биравед, чӣ қадар иззат мекунад.

Бача бисьёр дилаш сухт, гуфт:

— Эй, бобоқаландар, аввал як даҳон нонам бидеҳ.

Нонаш дод, авқот кард. Қаландар гуфт ки:

— Аз гапи мо ту чӣ малол шудӣ?

Бача ҳама воқеаҳоро гап зад. Даррав қаландар гуфт ки:

— Агар ту бо ин сурат[25] меравӣ, ҳеҷ вакт ӯро намебинӣ.

Ориф гуфт:

— Ҳоло, бобоқаландар, авзорат[26]-ро ба мо бидеҳ.

Қаландар „хуб" гуфт, хест, авзорашро бадар кард[27] ба Ориф дод, авзори Орифро гирифт, аспро савор шуд, рафт. Бача ҳам хест, рафт. Намози аср шудагӣ, ба дарвозаи подшоҳ расид. Қаравул наомада, даромад, рафт. Чанд роҳе гашт, ки ба дари ҳуҷраи сафедак расид. Тамошо кард, ки Оим дар фироки Ориф бисьёр мегирьяд. Гуфт ки бо ин суръат бидароям, метарсад, ҳар чӣ бошад, як суханаш бигӯям. Мегардаду мегӯяд:

Ин ҳавлиии кист, болотараш ҳавлиии кист?
Ин духтари рӯмолсурхи нағзак зани кист?
Ин духтари рӯмолсурх, агар ёрам гирад,
Шабҳои дароз дар канорам гирад.
Умри азиз ой, месӯзад дилам, Оим, қурбонат ман ой.

Оим гуфт:

— Бачаи хуб набудай, мо ҳамин қадар тилло додем, ҳоло ҳам лучӣ.

Оим хест, авқот пухт, авқот карданд, хоб рафтанд. Субҳ шуд. Оим гуфт, ки:

— Агар дараки моро биёбанд, моро мекушанд. Қаравулро ман фиреб мекунам, туро беруи аз дарвоза мекунам, рафтан гир. Рафтӣ дар он ҷо, ба пеши Қаработур меравӣ, мегӯӣ, ки ман навкари подшоҳи ҳеши шумо будам, камтар димоғам сухт, пеши шумо омадам, шумо навкарам бигиред.

Ориф рафт ба пеши Қаработур, ҳамин гапҳоро гуфт. Қаработур гуфт:

— Бисьёр хуб. Даррав навкараш гирифт. Чанд вакте гузашт, бисьёр хубаш медид.

Як вақте тўй шуд. Қаработур як гови калон овард, кушт. Дар як сабат тапид[28]. Чил туқуз нон пухт, овард, дар сабат тапид. Паҳлавононашро фарьёд кард. Сабатро пушт карданд тоқа ба тоқа[29] натавонистанд. Ориф гуфт ки:

— Мо пушташ мекунем.

Қаработур гуфт ки:

— Наметавонӣ. Ин паҳлавонон даҳ сол шудааст, ки гови туйҳоро мехуранд, ту худат як бачаи ёш, наметавонӣ.

Ориф гуфт ки:

— Шавад обӣ, нашавад лалмӣ, тавонистамаш, мебарамаш, натавонистамаш, ҳеҷ гап не. Рафту пушт кард. Озод хест аз замин, рафтан гирифт, одамҳо аз паи ӯ намерасанд.

Рафт, ба шаҳри Миср расид, чизҳоро дод. Баромад берун аз се дарвоза, як кӯлобӣ касал аст, хоб аст дар як охурча. Кӯлобӣ хест, берун рафт. Даррав дар он ҷо Ориф хоб кард. Одамҳо ҳама омаданд, даромаданд. Оим нигоҳ кард, Орифро надид, бисьёр хафа шуд, ки ёри моро куштаанд.

Гуфт ба як ду-се каниз, ки:

— Бихезед, биравед ба об. Рафт, ду дарвоза гузашт. Орифро надид. Дар дарвозаи сейӯм Ориф дар як охурча хоб буд. Даррав як кулӯхро гирифт, ба болои сағира партофт, Ориф аз ҷояш хест, мегардаду мегӯяд як сухан:

> Тобэт бошэме[30] тоби матобэт[31] бошэме,
> Мэн садқа ба рафтанои обэт[32] бошэме,
> Ту кӯза гириву лави ҷубор равӣ,
> Мэн садқа ба овардани обэт бошэме.
> Умри азиз ой, месӯзад дилэм, Оим, қурбонэт ман ой.

Суханро гуфт, даррав Оим кӯзаро партофт, дарвозаро кушод, гурехт, рафт. Даррав рафт дар ҷояш қарор гирифт. Ин бача хест, ҷои дигар рафт. Кулобӣ омад, ба ҷои бача хоб кард. Подшоҳ ин суханро шунид, гуфт:

— Бачаҳо, бисьёр ҳофизи хуб будааст. Ин базми ҳофизи мо ба он бачаро ҳеҷ не[33]. Подшоҳ як ду-се ҷаллодро фармуд, ки биравед, ҳофизро биёред. Ҷаллодҳо рафтанд, гуфтанд:

— Эй, подшоҳбачаи маст, подшоҳи Миср хеле вақт шуд, ки туй дорад, шумо агар биравед, чӣ қадар иззат мекунад.

Бача бисьёр дилаш сухт, гуфт:

— Эй, бобоқаландар, аввал як даҳои нонам бидеҳ.

Нонаш дод, авқот кард. Қаландар гуфт ки:

— Аз гапи мо ту чӣ малол шудӣ?

Бача ҳама воқеаҳоро гап зад. Даррав қаландар гуфт ки:

— Агар ту бо ин сурат[25] меравӣ, ҳеч вақт уро намебинӣ.

Ориф гуфт:

— Ҳоло, бобоқаландар, авзорат[26]-ро ба мо бидеҳ.

Қаландар „хуб" гуфт, хест, авзорашро бадар кард[27] ба Ориф дод, авзори Орифро гирифт, аспро савор шуд, рафт. Бача ҳам хест, рафт. Намози аср шудагӣ, ба дарвозаи подшоҳ расид. Қаравул наомада, даромад, рафт. Чанд роҳе гашт, ки ба дари ҳучраи сафедак расид. Тамошо кард, ки Оим дар фироқи Ориф бисьёр мегирьяд. Гуфт ки бо ин суръат бидароям, метарсад, ҳар чӣ бошад, як суханаш бигуям. Мегардаду мегуяд:

Ин ҳавлини кист, болотараш ҳавлини кист?
Ин духтари рӯмолсурхи нагзак зани кист?
Ин духтари рӯмолсурх, агар ёрам гирад,
Шабҳои дароз дар канорам гирад.
Умри азиз ой, месӯзад диләм, Оим, қурбонәт ман ой.

Оим гуфт:

— Бачаи хуб набудай, мо ҳамин қадар тилло додем, ҳоло ҳам лучӣ.

Оим хест, авқот пухт, авқот карданд, хоб рафтанд. Субҳ шуд. Оим гуфт, ки:

— Агар дараки моро биёбанд, моро мекушанд. Қаравулро ман фиреб мекунам, туро берун аз дарвоза мекунам, рафтан гир. Рафтӣ дар он чо, ба пеши Қаработур меравӣ, мегӯӣ, ки ман навкари подшоҳи хеши шумо будам, камтар димоғам сӯхт, пеши шумо омадам, шумо навкарам бигиред.

Ориф рафт ба пеши Қаработур, ҳамин гапҳоро гуфт. Қаработур гуфт:

— Бисьёр хуб. Даррав навкараш гирифт. Чанд вақте гузашт, бисьёр хубаш медид.

Як вақте туй шуд. Қаработур як гови калон овард, кушт. Дар як сабат тапид[28]. Чил тукуз нон пухт, овард, дар сабат тапид. Паҳлавононашро фарьёд кард. Сабатро пушт карданд тоқа ба тоқа[29] натавонистанд. Ориф гуфт ки:

— Мо пушташ мекунем.

Қаработур гуфт ки:

— Наметавонӣ. Ин паҳлавонон даҳ сол шудааст, ки гови туйҳоро мехуранд, ту худат як бачаи ёш, наметавонӣ.

Ориф гуфт ки:

— Шавад обӣ, нашавад лалмӣ, тавонистамаш, мебарамаш, натавонистамаш, ҳеҷ гап не. Рафту пушт кард. Озод хест аз замин, рафтан гирифт, одамҳо аз паи у намерасанд.

Рафт, ба шаҳри Миср расид, чизҳоро дод. Баромад берун аз се дарвоза, як кулобӣ касал аст, хоб аст дар як охурча. Кулобӣ хест, берун рафт. Даррав дар он ҷо Ориф хоб кард. Одамҳо ҳама омаданд, даромаданд. Оим нигоҳ кард, Орифро надид, бисьёр хафа шуд, ки ёри моро куштаанд.

Гуфт ба як ду-се каниз, ки:

— Бихезед, биравед ба об. Рафт, ду дарвоза гузашт. Орифро надид. Дар дарвозаи сейум Ориф дар як охурча хоб буд. Даррав як кулухро гирифт, ба болои сағира партофт, Ориф аз ҷояш хест, мегардаду мегӯяд як сухан:

Тобэт бошэме[30] тоби матобэт[31] бошэме,
Мэн садқа ба рафтанон обэт[32] бошэме,
Ту кӯза гириву лави ҷубор равӣ,
Мэн садқа ба овардани обэт бошэме.
Умри азиз ой, месӯзад дилэм, Оим, курбонэт ман ой.

Суханро гуфт, даррав Оим кӯзаро партофт, дарвозаро кушод, гурехт, рафт. Даррав рафт дар ҷояш қарор гирифт. Ин бача хест, ҷои дигар рафт. Кӯлобӣ омад, ба ҷои бача хоб кард. Подшоҳ ин суханро шунид, гуфт:

— Бачаҳо, бисьёр ҳофизи хуб будааст. Ин базми ҳофизи мо ба он бачаро ҳеҷ не[33]. Подшоҳ як ду-се ҷаллодро фармуд, ки биравед, ҳофизро биёред. Ҷаллодҳо рафтанд, гуфтанд:

— Эй, рафиқ, бихез, бирав, хез ки подшоҳ фарьёд дорад, бисьёр ҳофизи хуб будай.

Кулобӣ мегӯяд, ки:

— Ман ҳеҷ чизро намедонам.

Ҷаллодҳо гуфтанд, ки:

— Эй ҷура, фиреб накун, бисьёр ҳофизи хуб ҳастӣ. Агар ту наравӣ, моро подшоҳ мекушад.

Ҳар чанд мекунанд, намеравад. Даррав маҷбураш мекунанд, мебаранд.

Бурданд ба пеши подшоҳ, шинонданд. Подшоҳ гуфт, ки:

— Бисьёр ҳофизи хуб будай ҷура, як ҳофизӣ кун!

Гуфт:

— Таксир, ман ҳеҷ чизро намедонам.

Ҳар чанд мекунанд, намегӯяд. Ҷаллодҳо мехезанд, кулобиро бисьёр лат[34] мекунанд.

Ин ҷо духтар бетоқат мешавад, гумон мекунад, ки Орифро таъин куштанд. Оим мехезад, мегӯяд:

— Канизҳо, бихезед, ки ҳеҷ об нест.

Як ду-се каниз кӯза мегиранд, ба об мераванд. Оим ба дарвоза мебарояд, ба ҳамон ҷо нигоҳ мекунад, ки бачаро намебинад. Ду дарвозаи дигар мебарояд, бачаро мебинад. Даррав бача ин ҷо мебарояд, як суханаш мегӯяд:

Пуштат мана[35] кушт, қафои пуштат мана кушт,
Ҳар чор садафои қафои сустат мана кушт[36]
Гуфтам, ки равам бар падарат арзӣ шавам[37],
Ин духтари шӯхи беқарорат мана кушт.
Умри азиз ой, месӯзад диләм, Оим, қурбонәт ман ой..

Ин суханро мегӯяд, ин сухан Бибиоимро сахт мерасад. Баъд мегӯяд:

Ёракма бигӯ ҳамун[38] мазораш бизана,
Тирҳои ҳаданги бешумораш бизана.
Дуош накуме[39] ки бачаи ҷавонай,
Оташ бай[40] сари хешу табораш бизана.
Умри азиз ой, месӯзад диләм, Ориф, қурбонәт ман ой.

Ин суханро мегӯяд ва бачаро боз бисьёр сахт мерасад. Мегардаду мегӯяд як сухан:

Гар моҳ шавӣ, назар ба рӯят накунам,
Гар об шавӣ, дастма[41] ба ҷӯят накунам,
Ту дастаи гул шавӣ, рӯзе сад бор,
Билло, ба худо, дубора бӯят накунам.
Умри азиз ой, месӯзад диләм, Оим, қурбонәт ман ой.

Ориф ин суханро гуфт, Бибиоимро сахт расид. Оим мегардаду мегӯяд як сухан:

Ой ғамум нест, агар наой, ғамум нест,
Гәндәшки[42] парандаюм дарахти камум нест,
Ҳар шохи дарахт, ки бар сарум соя кунад,
Сар бошаду[43] лолазор, дилбар камум нест.
Умри азиз ой, месӯзад диләм, Ориф, қурбонәт ман ой.

Ин суханро мегӯяд Оим, Ориф қаҳр мекунад, мера-вад дар ҷӯл. Оим мегӯяд ба канизи Моҳрӯй, ки як су-ханаш бигӯй, бигардад хуб, нагардад—мехезам, ба шамшер пора-пора мекунам. Канизи Моҳрӯй як сухан мегӯяд:

Эй, якта сафед, ки яктаят гул дора,
Ғулакта бигӣ[44], бира, бишин дар соя.
Ин ғӯлаки ту тори бирешим дора
Як ҳарфе бизан дуди диләм биброя.
Ӯмри азиз ой, месӯзад диләм, қурбонәт ман ой.

Ориф мегардад, меояд, ба пеши Оим мерасад. Дар-рав оштӣ мекунад.

Мебарорад, либоси занона Орифро мепӯшонад. Ҳар дуяш даст ба даст мераванд, дарвозаро мегузаранд, ҳар кас мепурсад, ки:

— Кист ин?

Оим мегӯяд ки:

— Хоҳарам аст.

— Чӣ ном дорад?

— Раъно.

Ҳар ду мераванд, дар ҷои Оим қарор мегиранд. Ка-низакон оши палав, чой, қанд мебаранд, ба пешашон мемонанд. Оим бо „хоҳараш“ мехӯрад. Шаб мешавад, Ориф мегӯяд, ки:

— Мо чӣ илоҷ мекунем? Дараки моро биёбанд, мо-ро мекушанд.

Оим мегардаду мегӯяд, ки:

— Ман як гап мезанам, гапи маро мегирӣ?

— Бисьёр хуб, — мегӯяд, — гапи туро мегирам, ту гап зан.

— Гапи ман ҳамин, — мегӯяд Оим, — як сандуқи чӯбини калон аз ман аст. Розӣ мешавӣ, ки дар ҳамин сандуқ ҷои туро соз кунем.

Гуфт:

— Бисьёр хуб.

Даррав Оим хест, сандуқро овард, ҷой соз кард, Орифро дар сандуқ андохт. Дари сандуқро қулф зад. Сари офтоб буд, ки одамҳои подшоҳ омаданд, гуфтанд:

— Хез, духтари подшоҳ, меравем, бисьёр дер шуд. Ҳамаи чизу чораро бор карданд.

Бибиоим гуфт:

— Як сандуқи чӯбин ҳаст, бисьёр калон аст — чойники тиллоӣ, пиёлаи тиллоӣ, чизҳои қиматам дар даруни ҳамон аст. Паҳлавононро биёред, то ӯро пушт кунанд.

Паҳлавононро оварданд, тоқа-тоқа пушт карданд, натавонистанд. Бибиоим гуфт:

— Паҳлавонон, ки наметавонанд, як аспи боқувват биёред!

Як аспи боқувват оварданд, сандуқро бор карданд. Бибиоим гуфт ки:

— Аз ақиб не, аз тарафи дасти чап не пеш-пеш ҳам не, ба тарафи дасти рост аспро бикашед.

Ба тарафи дасти рост аспро кашиданд. Чанд роҳе рафтанд, ки рӯз бегоҳ шуд. Дар як ҷо хиргоҳ заданд. Як хиргоҳ барои подшоҳу навкарҳо заданд, як хиргоҳ барои Бибиоим. Шаб истоданд, Оим гуфт ки:

— Ман як гап мезанам.

Ориф гуфт:

— Бисьёр хуб.

Гуфт:

— Гапи ман ҳамин, ки ба ту либоси занона мепӯшонам, вақте ки мо пагоҳ рафтем, ту дар як ҷое паноҳ меистӣ, ягон одаме туро набинад. Мо ки рафтем, аз ақиби мо биё. Ман як гап мезанам ба ӯ, корат нобошад.

Пагоҳ хестанд, савор шуданд, рафтанд. Як вақте подшоҳ гашт, ба ақибаш нигоҳ кард, як зан меояд. Мегӯяд:

— Он зан кӣ бошад?

Оим гуфт ки:

— Ин хоҳари мо аст.

Подшоҳи Қаработур мегӯяд ки:

— Мо ин ҷо меистем, якта ӯро қанҷиға[45] кунад.

Бибиоим мегӯяд, ки:

— То ҳоло ҳеҷ кас ӯро надидааст. Шумо бикашед убартар[46] то ман биистам.

Инҳо рафтанд, Оим истод. Даррав ин ҷо расид. Ориф, дар қанҷиған аспаш гирифт, рафт, онҳоро дарьёб кард.[47]

Чанд роҳе гаштанд, рӯз бегоҳ шуд, намози шом дар назди дарвозаи подшоҳи Қаработур расиданд. Қаработур се шабу рӯз тӯй дод, бузкашӣ кард.[48] Подшоҳ хест, рафт. Рафт, дарвозаро кушод, дар болои арк ба пеши Бибиоим даромад. Оим гуфт:

— Ман як шарт дорам.

Қаработур гуфт ки:

— Гап зан.

Гуфт:

— Шарти ман ҳамин, ки маро бо як бачаи падарлаънат як вақте гап зада буданд. Ҳоло расми мо ҳамин аст, ки иддаои чанд вақт меистем. Бибиоим боз гуфт, ки:

— Иддаои мо нуҳ моҳ, нӯҳ рӯз, нӯҳ соат аст, то омадани ӯ ба ҳеҷ кас намерасам.

Қаработур гуфт ки:

— Ман агар як бор шикор бароям, як сол мегардам, ин ку ҳам нуҳ моҳ аст.

Қаработур хест, рафт, чанд одамашро гирифт, чанд аспи хуб, чанд авзори хуб гирифт, дар чӯл рафт.

Аз духтар гап занем. Духтар бо Ориф нӯҳ моҳу нӯҳ рӯз ишрат мекунад. Вақте ки хабари омадани Қаработур мерасад, бача мегӯяд кӣ:

— Мо чӣ кор мекунем? Қаработур моро мекушад.

Бибиоим мегӯяд, ки:

— Ман як гап мезанам.

Мегӯяд

— Бисьёр хуб.

— Шамшерро тез мекунам, ба дастат бигир, дар ақиби сандуқ баҷо шав.

Шамшерро мегирад, аз ақиби сандуқ баҷо мешавад. Духтар мехезад, куртаҳои дарозостин мепушад,

арғишт[49] рафтан мегирад. Вакте ки подшоҳи Қаработур медарояд, ин кори духтар ба Қаработур мефорад. Қаработур механдад, ҳамин вақт Оориф мехезад, бо шамшер Қаработурро мезанад, мекушад.

Баъд Ориф бисьёр малол мешавад, мегуяд ки:

— Кори нобоб кардам.

Бибиоим мегуяд ки:

— Не, кори хуб кардӣ, ҳеҷ гап нест. Ориф, хез, бирав аспи абрубода[50] аз саисхонаи подшоҳи Қаработур бибарор то савор шавем, биравем ба куҳи Панҷангишт.

Духтар авзор мекунад, мӯза мепушад, камарбанди тиллоро дар миёнаш мебандад, кулоҳи зарро дар зиҳи абруяш[51] мемонад, аз арк ба поён мефарояд. Ориф аз ақибаш меравад. Ба дари саисхона мераванд, асп шиҳа мекашад, лағад мезанад. Бибиоим мегардаду мегӯяд як сухан:

> Эй, аспи сиёҳи зоғ[52], маро роҳ бибар,
> Шаш моҳа раҳа дар як саҳаргоҳ бибар,
> Ховандиі[53] ту сари сумта оҳан мебаст,[54]
> Мо хоҳем, ки сари сумта ай зар бандем.
> Умри азиз ой, месӯзад дилэм, қурбонэт ман ой...

Даррав ин сухан мегӯяд Оим, асп қарор мегирад, лампа қати меравад, ба пеши асп, аспро мебарорад. Аспро дар берун мебарорад, Оим мегӯяд ки:

— Ориф, бирав, авзори аспро биёр.

Ориф мегӯяд ки:

— Ман бисьёр тарсидаам, аз дастам ҳеч кор намеояд.

Оим меравад, авзори аспро бо ҳила мегирад, мебарорад, дар пеши Ориф меорад, мегӯяд ки:

— Аспро авзор кун.

Мегуяд, ки:

— Ман то ҳоло харро авзор накардаам.

Оим мегӯяд ки:

— Бисьёр сағираи нобоб будаӣ!

Оим мехезад, даррав аспро авзор мекунад. Оим мегӯяд:

— Ту савор шав, маро дар қанҷиға бигир, бо каманд печон, ки наафтем.

Ориф мегуяд ки:

— Ман харро савор нашудаам, як парвоз кунад, мо аз болояш меғалтем.

Даррав Оим мехезад, аспро савор мешавад, Орифро дар қанчиғааш мегирад, бо каманд мепечонад, аспро „чуҳ“ мегуяд, як қамчинаш мехуронад, асп парвоз мекунад, рафтан мегирад.

Дар куҳи Панчангишт мерасанд, аз болои асп мефароянд, мебароянд, аз болои куҳ тамошо мекунанд, бисьёр чашмаҳои хуб, бисьёр гулсуфаҳои[55] хуб.

Оим мегуяд:

— Ин бисьёр чои хуб будааст.

Мефароянд, ба пеши асп меоянд. Аспро мегуянд ки:

— Хоб шав, то сару суми туро аз зар бандем.

Тилфор ин чо хоб мезанад, Оим мегуяд:

— Эй, тилфор, дасту пои туро бандем, ки яке дар вақти зарбандӣ лағад наандозӣ.

— Тилфор гуфт ки:

— Хуб, дасту пои маро банд.

Дасту пояшро бастанд, Ориф як кордча дошт, даррав сари тилфорро бурид. Пуст канданд, ки бисьёр фарбеҳ будааст. Гуштро чӣ қадар авқотҳои хуб мепазанд, мехуранд. Вақташон хуш мешавад.

Аз подшоҳ Қаработур гап занем. Пагоҳ саломчиҳояш[56] омаданд, гирди аркро ҳашт қабат печонданд, бар ба бар[57] истоданд, руз казои пешин шудааст, одамҳо бисьёр зиқ шуданд: подшоҳи мо намебарояд, духтари подшоҳи Миср, бисьёр фористасташ. Як муйсафеде хест, аз чонаш гузашт, гуфт ки:

— Ман умрамро хӯрдаам, имрӯз—пагоҳ мемирам, меравам, подшоҳ хоҳ бикушад, ё ҳар коре кунад.

Муйсафед мехезад, меравад, ба ҳучраи сафедак медарояд, ки Қаработурро куштаанд. Муйсафед бисьёр гирья мекунад, баромада мегуяд:

— Духтари подшоҳи шаҳри Миср ин қадар зур будааст, ки подшоҳи моро куштааст.

Қаработур як вазири хуб дошт. Халқ гуфт ки:

— Мо ҳамин вазирро подшоҳ мегирем.

Вазирро подшоҳ гирифтанд, мачлис карданд. Подшоҳ хат навишт ба шаҳри Миср, ки „подшоҳи шаҳри Мисрро духтараш ин қадар зур будааст, ки подшоҳи моро кушт, чои чангро дуруст кунед, он қадар

зур ки бошад“. Хатро ба як мардак дод, мардак мегирад, мебарад, ба подшоҳи шаҳри Миср хатро медиҳад. Подшоҳи шаҳри Миср хатро мегирад, мехонад, ба худ мегӯяд, ки ин кор аз дасти сағираи Ориф шудааст. Хат менависад, ки „ин кори Ориф аст, вай бо духтар ба кӯҳи Панҷангишт рафтааст. Ду давлат як мешавем, меравем, духтарро бо бача мекушем“. Ҳамин тавр хат навишт, роҳӣ кард[58] ба шаҳри Қаработур. хат омад, ба шаҳри Қаработур расид, хатро хонданд, гуфтанд, ки „бисьёр хуб мешавад“.

Подшоҳ аз пири ҳафтодсола то бачаи ҳафтсоларо ҷамъ мекунад. Шаш моҳ роҳ мегарданд, ба кӯҳи Панҷангишт мерасанд, гирди кӯҳро ҳашт қабат мепечонанд, мегиранд.

Подшоҳи шаҳри Мисрро дилаш барои духтараш месузад. Духтарамро мекушанд,—фикр мекунад. Одамҳоро мегӯяд:

— Бачаҳо, гапи ман ҳамин, ки гирди кӯҳро аскар ҳашт қабат печондааст. Ин духтар ва ин бача куҷо мераванд? Биёед хоб кунем. Агар онҳо гурехтанӣ шаванд, ягон кас бедор мешавад.

Аскарҳояш мегӯянд:

— Бисьёр хуб.

Подшоҳ мегӯяд:

— Имшаб хоб мекунем, пагоҳ мехезем, мегирем бача ва духтарро, меравем.

Ҳама хоб мераванд.

Ориф мегирьяд. Оим ҳеҷ парво надорад, мегӯяд, ки:

— Ман хоби хуб дидам, ба мо хеҷ гап намешавад.

Баъд Орифро низ вакташ хуш мешавад. Орифу Оим мехезанд, миёнашонро мебанданд, дар миёнаи аскар мефароянд. Аскарҳо шаш моҳ роҳ гаштаанд, шалпар шуданд[59] хобашон бурдааст. Оим ва Ориф паси пошнаи пойҳои аспҳоро буриданд. Ҳамаи тупу тупхонаро мебардоранд, авзори аскарҳоро мебаранд. Шинак соз мекунанд. Субҳ медамад, ки табли ҷангро мезананд[60].

Аскарҳо мехезанд, мебинанд, авзорашон нест. Ҳамдигарро мепурсанд. Аскарҳо гурезӣ[61] мешаванд, ба пеши аспҳо мераванд, аспҳо ҳама бекор[62], фақат барои подшоҳ як байтали дар пушт яра мондаанду халос. Чӣ қадар ҷанг мешавад, аскари подшоҳӣ бисьёр кушта мешаванд.

Бибиоим мегардаду мегӯяд як сухан:

Аскар бидавид, гирифт кӯҳи Панҷангушт
Аскар ба ҷои хар, ки зинҳо паси пушт.
То ҳукми худо нашуд, Орифа, ки кушт?
Умри азиз ой, месӯзад дилэм, курбонэт ман ой.

Ин сухан мегӯяд, ин ду подшоҳ бо аскарашон мераванд, ба шаҳри худ мерасанд. Подшоҳи шаҳри Миср даҳ рӯз меистад, бисьёр қаҳраш меояд. Мегӯяд ки „ҳар кас ки ҳамин духтарро бо ҳамин бача биёрад, подшоҳӣ—аз они ман, давлатхӯрӣ—аз они ҳамон мардак".

Ду мӯзадӯзу кафшдӯз мехезанд, мегӯянд ки:

— Ба мо расид, подшоҳи олам.

Подшоҳ мегӯяд:

— Бисьёр хуб.

Мӯзадузу кафшдуз мегӯянд, ки:

— Подшоҳ, тӯру таноб ба мо бидеҳ. Гирифтани онҳо—аз они мо.

Мӯзадузу кафшдуз мехезанд, шаш моҳ роҳ мегарданд. Ба лаби гулҳавз мерасанд. Як хаспушак[63] рост мекунанд. Дар даруни хаспӯшак медароянд, мешинанд. Шаб Орифу Оим хоб мекунанд, хоб мебинад Оим, ки бисьёр хобҳои ганда. Ҳар рӯз меомаданд дар гулҳавз оббозӣ мекарданд. Имрӯз Оим гуфт ки:

— Ориф, бисьёр хоби ганда дидам, дар як бало мезанем.

Ориф бовар накард:

— Меравем,—гуфт,—дар гулҳавз оббозӣ мекунем.

Мехезанд, мераванд ба лаби гулҳавз. Ба лаби гулҳавз мерасанд. Ориф пӯшокашро бадар мекунад. Оим дилаш бекарор мешавад. Оим мегӯяд ки:

— То ин вақт ман ҳеҷ хоб надида будам, ҳоло бисьёр дар воҳима ҳастам.

Ориф мегуяд ки:

— Ҳар чӣ бошад, акнун мепаррам. Оим ҳам либосашро бадар кард, дар гулҳавз парид. Ин қадар шиноварӣ карданд, вақти баромадан шуд. Ориф рафт барои баромадан. Мӯзадӯзу кафшдуз туру танобро партофтанд, Орифро печонданд, гирифтанд. Танаи нозукро ба рӯи ҳар хору хас мекашанд. Оим гирья мекунад, дар кӯҳ, мебарояд. Ин ҷо мегардаду мегӯяд як сухан:

Имрӯз чи рӯз, ки мах ба рӯз афтодаст,
Як мохи наве ба музадӯз афтодаст,
Оташ бишавум бисузум ҳар хору хасе,
Коро ҳама ҳиллаю ба сӯз[61] афтодаст.
Умри азиз ой, месӯзад диләм, қурбонәт ман ой.

Ин сухан мегӯяд Оим. Оташак пайдо мешавад, хору хасро месӯзонад, оташ ба гирди музадӯзу кафшдӯз меояд. Мӯзадӯз мегӯяд, ки:

— Эй, Ориф, ҷонам садқат, як сухан бигӯ, то оташ кушта шавад, мо худамонро ба подшоҳ медиҳем, туро не.

Ориф мегардаду мегӯяд як сухан:

Ман садқа шавам холи лаби маҳвашро,
Дар ҷогаи гарми мо бидохт оташро.
Билло, ба худо бошаду баҳри дили мо
Як бори дигар об бизан оташи мо.
Умри азиз ой, месӯзад диләм, қурбонәт ман ой.

Оташ кушта шуд. Орифро хезонданд, хуну хокашро шустанд, либосашро пӯшонданд, ба хар чаппа савораш карданд, харро пеш-пеш андохтанд мӯзадӯзу кафшдӯз.

Оим мегӯяд, ки зиндагии ман дар дунёӣ бо Ориф буд, Орифро, ки бурданд, куштанд, зиндагонӣ барои мо ҳеҷ лозим нест. Оим фаромад аз болои кӯҳ, либосашро пушид ва низ аз ақиби Ориф рафтан гирифт.

Рафтанд, ба пеши подшоҳ расиданд. Подшоҳ дилаш сӯхт барои духтараш. Подшоҳ гуфт, ки:

— Орифро баред, дар зиндон партоед. Оимро дар болои арк бибаоред.

Орифро дар зиндон партофтанд, Оимро дар болои арк баровараданд.

Ориф дар зиндон аз чӯбе сетор соз мекунад. Дар ишқи маъшуқааш ҳамин тавр хонише мекунад, ки ҷондорони ҳавоӣ, ки мегузаранд, сусту беҳуш мешаванд дар болои зиндон аз ҳофизии Ориф. Хабар дар пеши подшоҳ рафт, ки Ориф ин тавр мақом баровардааст. Подшоҳ гуфт ки:

— Орифро аз зиндон бибароред.

Одам рафт ба пеши Ориф, гуфт, ки:

— Ориф, бибаро!

Ориф гуфт ки:

— Ҳамин зиндониёнро ҳамашонро бибароред, ман низ мебароям, набарорed, ман намебароям.

Хабар ба пеши подшоҳ рафт. Подшоҳ гуфт:

Бисьёр хуб, инҳоро низ бибароред. Рафтанд, онҳоро низ баров863данд, ҳамаашонро озод карданд. Орифро гирифтанд, ба пеши подшоҳ бурданд. Оим дар болои арк барои Ориф қариби мурдан аст. Орифро мебинад, мешавад монанди пештара. Аз болои арк ин ҳам мефарояд. Ориф меравад, медарояд, ба пеши подшоҳ ҳофизӣ мекунад. Як вақте ки Оим медарояд, Оим мегардаду мегӯяд як сухан:

> Эй, мирзо, нашастаӣ ки сетор сари даст,
> Дар гӯшаи сетори ту булбул шуда маст,
> Ман бачау ту бача, ҳар ду бача маст,
> Ҳар ду бачаро никоҳ мебояд баст.
> Умри азиз ой, месӯзад диләм, қурбонәт ман ой.

Ин ҷо як вазири куҳансоле буд, гуфт:

— Подшоҳи олам, як савол дорам.

Гуфт:

— Гап зан.

Гуфт:

— Саволи ман ҳамин, ки дар вақташ вазире, ки падари Ориф буд, бо шумо чӣ қадар ошно буд. Қавлу қасам карда будед, подшоҳи олам, биёед, духтарро ба ҳамин Ориф бидиҳед.

Подшоҳ гуфт:

— Бисьёр хуб, як мулло биёред.

Як мулло оварданд, салла баст, никоҳ кард. Подшоҳ гуфт ки:

— Ориф, ту дар ҷои худам подшоҳ, занат—вазир, мо як салларо мебандем, шайх мешавем.

Ориф подшоҳ шуд, Оим вазири дасти рост, чӣ қадар вақташон хуш шуд. Онҳо ба мақсади аслӣ расиданд, шумо ҳам бирасед.

### *Луғат:*

1. *Фарьёд кардан*—дар районҳои Ғарму Кӯлоб ва Қалъаи Хумб маънои „чеғ задан"-ро дорад. 2. Дар лаҳҷаи Дарвоз пешоянди „*дар*" барои ифода кардани сӯй низ ба кор бурда мешавад. 3. *Сари офтоб*—вақти нав сар задан, баромадани офтоб. 4. Яъне занаш таваллуд кард. 5. *Тилфор*—аспи хушзоти давонд, ки дар афсонаҳо одатан хусусияти дар ҳаво париданро ҳам дорад. 6. *Тоқӣ*—калла-

пуш, туппӣ. 7. *Сағира*—бача, ятим. 8. *Қинғола*—духтари ба касе ба арӯсӣ номзадшуда. 9. *Малол шудан*—дар қахр шудан; ғамгин гаштан, ранҷидан. 10. *Хокӣ*—ин ҷо ба маънои оддӣ. 11. *Гуфт*—ин калима дар лаҳҷаи Дарвоз ба маънои „фикр кард" низ ба кор бурда мешавад. 12. *Такидан*—афшондан. 13. *Лунгӣ*—миёнбанд. 14. *Киро надоштан*—кирой набудан, наарзидан. 15. *Мебром*—мебароям. 16. *Олӣ*—ҳоло. 17. *Мегум*—мегӯям. 18. *Паго*—пагоҳ. 19. *То ӯмаданта*—то омадани ту. 20. *Ниқош*—нақш. 21. *Гапи диңашабат*—гапи дирӯз гуфтагиат. 22. *Сиё*—сиёҳ. 23. *Фотиҳа додан*—ин ҷо маънои дуои хайр дода гусел карданро дорад. 24. *Каҳшапак*—кохчошак, ба рӯи якдигар коҳ пошидан. 25. *Сурат*—дар ин ҷо ба маънои тариқ. 26. *Авзор*—пӯшок. 27. *Бадар кардан*—берун кардан, кашидан. 28. *Тапидан*—зич ҷойгир кардан (ба зарфе). 29. *Тоқа ба тоқа*—алоҳида-алоҳида. 30. *Бошәме*—бошам. 31. *Матоб*—маҳтоб. 32. *Обәт*—обат 33. *Ба он бачара ҳеҷ*—барои (дар назди) он бача ҳеҷ аст. 34. *Лат кардан*—задан. 35. *Мана*—маро. 36. Дар ин рубой садафҳои кокулҳои суст бофташуда дар назар дошта шудааст. 37. *Арзӣ шудан*—дар арз шудан, арз кардан. 38. *Ҳамун*—ҳамон. 39. *Накуме*—намекунам. 40. *Бай*—ба. 41. *Дастма*—дастамро.42 *Гәндәшк*—гунҷишк. 43. *Сар бошад*—сар дар ҷояш бошад, яъне зада бошам. 44. *Бигӣ*—бигир. 45. *Қанҷиға кардан*—дар паси худ савор намудан. 46. *Убартар*—он тарафтар. 47. *Дарьёб кардан*—расида гирифтан. 48. *Бӯз*—бузкашӣ, улоқ. 49. *Арғишт*—ракс. 50. *Абрубод*—аспи афсонавие, ки монанди абру бод парвоз мекунад. 51. *Зиҳи абру*—назди абрӯ. 52. Дар ин мисраъ сиёҳии асп ба сиёҳии зоғ монанд карда шудааст. 53. *Хованд*—худованд, соҳиб. 54. *Суматро наъл мекард*. 55. *Гулсуфа*—суфаҳое, ки атрофашон гулкорӣ карда шудаанд. 56. *Саломчиҳо*—дарборнён. 57. *Бар ба бар*—паҳлӯ ба паҳлу. 58. *Роҳӣ кардан*—фиристодан. 59. *Шалпар шудан*—монда, хаста шудан. 60. *Табли ҷангро задан*—нақора зада ҷангро эълон кардан. 61. *Гурезӣ шудан*—гурехтан, дар гурез шудан. 62. *Бекор*—ин ҷо ба маънои аз кор баромадагӣ. 63. *Хаспӯшак*—чайла, ҷои истиқоматии муваққатие, ки аз шохи дарахт мешавад. 64. *Ба сӯз афтодан*—ғамгин гаштан, азоб дидан.

## 2. СОДИҚҶОН

Подшоҳе буд дар як мамлакат, як вазир дошт. Вазираш бисьёр доно буд. Дар ин мамлакат як пири моҳикаш зиндагӣ мекард. Пири моҳикаш як бача дошт. Бача Содиқҷон ном дошт. Ӯ ҳамчунон хушрӯй буд, ки дар тамоми ҷаҳон қади[1] ӯ хушрӯй набуд. Як рӯз пири моҳикаш мурд. Модари Содиқҷон гуфт ки:

— Эй бача, бо истодан авқоти мо намегузарад, рафта аз дарьё моҳӣ кашида биёр, бихурем.

Бача гапи модарашро нагирифт, хеста ба пеши подшоҳ рафт. Подшоҳ Содиқчонро дид ва гуфт:

— Бисьёр бачаи нағз будааст, ба ӯ кор додан даркор аст. Дар ҳамин фикр буд, ки вазири ҳамин подшоҳ омад. Гуфт:

— Эй вазир, ҳамин Содиқчонро чӣ кор додан даркор?

Вазир гуфт:

— Ба ин Содиқчон кор додан даркор нест, чунки синфаш камбағал аст. Рафта мисли падараш моҳикашӣ кунад.

Бача бисьёр хафа шуд, хеста ба хонаи худаш рафт. Модарашро гуфт:

— Эй модар, ҳамон авзорҳое[2], ки падарам бо онҳо моҳӣ мекашид, биёр.

Модараш авзорҳои падарашро овард. Бача ба лаби дарьё рафт. Шаст партофт, аз даруни об як моҳӣ кашид, ки ҳазор хел мавҷ зада истодааст. Бача гуфт, ки агар ҳамин моҳиро бикушам, бисьёр моҳии хушрӯй, ҳайф мешавад. Косае дошт, дар коса об гирифт, моҳиро дар даруни коса хуй кард[3]. Моҳӣ монанди тилло рушной карда истодааст. Моҳӣ заррин буд. Косаро бо моҳӣ гирифт, пеши подшоҳ рафт. Ба пеши подшоҳ даровард, гуфт ки:

— Як моҳӣ овардам барои ту.

Подшоҳ дид, аҷаб моҳии хушруй, бисьёр рӯшной карда истодааст. Подшоҳ моҳиро аз дасти Содиқчон гирифт, як лаган тилло ба Содиқчон дод. Бача ба хона омад, гуфт ки:

— Эй оча[4], дидӣ, ки ман тиллои бисьёр овардам.

Хабар аз подшоҳ шунавем. Вазираш гуфт:

— Эй подшоҳ, Содиқчонро агар кор медодӣ, ба ту зарар мерасонид. Имрӯз ба ту як моҳии заррине овардааст, ки дар дуньё ёфт намешавад.

— Ба ин моҳӣ як чизи дигар ҳам лозим аст. Дар як мамлакате оби рангин гуфтанӣ об ҳаст, агар оби рангин бошаду моҳии заррин ба даруни оби рангин биандозӣ, ба даруни шаҳр, ба монанди электрик рушной медиҳад.

Подшоҳ гуфт ки:

— Эй вазир, оби рангинро кӣ меорад?

Вазир гуфт, ки:

— Онро Содикҷон меорад.

Содикҷонро фарьёд карданд.

Содикҷон дар пеши подшоҳ омад. Подшоҳ гуфт:

— Эй Содикҷон, рафта ба мо оби рангин меорӣ.

Содикҷон аз пеши подшоҳ баромад, ба пеши модараш рафта ҳамчунон гирья кард, ки аз чашмонаш хун рафтан гирифт. Модари Содикҷон гуфт:

— Чӣ мегирьӣ?

Гуфт:

— Ман нагирьям, кӣ мегирьяд? Подшоҳ ба ман овардани оби рангинро фармудааст.

Бача чорбоге дошт. Ба даруни чорбоғ рафт. Он ҷо тахтасанге буд, ба болои тахтасанг хоб кард.

Акнун аз духтари Сухсури парӣ, ки дар паси кӯҳи Коф зиндагӣ дошт, гап занем. Духтар як рӯз ба сар рӯймолҳои нағз андохта, дар оина худро тамошо кард. Дар хушрӯгӣ ба худаш чунон қоил шуд, ки ҳеч гуфтан надорад. Ба париҳо гуфт:

— Агар касе, ки сурати марди ба монанди худам хушрӯйро, ки хоҳ тоҷик, хоҳ ӯзбак, хоҳ парӣ бошад, ба ман биёрад, ҳафт хазинаи тилло дорам, онҳоро ба у медиҳам.

Париҳо баромада ба ҳар як макон рафтан гирифтанд. Ду парӣ дар болои ҳамин чорбоғ мегузаштанд, диданд, ки як чароғ сӯхта истодааст. Париҳо ба даруни чорбоғ фуромаданд, диданд, ки як одам дар даруни ҳамин чорбоғ дар болои тахтасанг хобидааст. Аҷаб ҷавони хушрӯе диданд!

Содикҷонро аз хоб гирифтанд, дар болои тахти равон монданд. Ду парӣ ба осмон уро бардошта, гирифта рафтанд. Духтари Сухсури парӣ чорбоге дошт, ба ҳамин чорбоғ бачаро бурда монданд. Бача аз хоб бедор шуд. Дид, чорбоғи худаш не, ӯ дар дигар ҷо ҳаст. Бача бисьёр тарсид, ба даруни чорбоғ даромад: хӯрокҳои нағз тайёр кардагӣ. Аз ҳамон авқотҳо хӯрд, шикамашро сер кард. Дар чорбоғ як ҳуҷраи сафедак буд, ба даруни ҳамон ҳуҷра даромад, дар болои курпача хоб рафт.

Хабар аз суратгирони духтари Сухсур гуем. Париҳо аз ҳар мамлакат омаданд, сурат оварданд, ҳеч яки онҳоро духтар хуш накард. Бисьёр зиқ шуд, рафт панҷсадта парӣ қатӣ ба даруни чорбоғ даромад, ки бун

одами хокӣ дар бинии духтар расид. Духтари Сухсури парӣ гуфт:

— Кӣ ҳаст дар даруни боғи мо?

Он ду парӣ гаштанду гӯфтанд ки:

— О, бибиҷон, даруни хонаро шумо тамошо кунед, як ҷавони хушруе хобидааст, агар хуш накардед, дар як соат бурда нобудаш мекунем.

Духтари Сухсури пари сар ба даруни хона кард, Содикҷонро дид, ба як дидан дид, ба ҳазор дидан ошиқ шуд. Баъд ба париҳои дигар гуфт:

— Шумо аз чорбоғ дур биравед.

Ба даруни хона даромад. Аз пояш молид то ба сари китфаш, бача аз хоб бедор нашуд. Дасти Содикҷонро ба дасташ гирифт, лағат кард. Бача аз хобаш бедор шуд.

Гуфт:

— Ту кистӣ, ки дасти номаҳрами худро ба дасти ман задӣ?

Духтар гуфт:

— Маро духтари Сухсури парӣ мегуянд, бихез, бо ҳам сӯҳбат кунем.

Содикҷон аз ҷояш хест. Даст дар гардани ҳамдигар андохтанд. Бусаи обдор аз лаби ҳамдигар ғирифтанд. Содикҷон оҳи сард аз дили пурдард кашид. Духтари Сухсури парӣ гуфт:

— Эй, Содикҷон, магар аз ман хубтаре дорӣ?

— Аз ту ёри нағзтаре надорам, лекин маро подшоҳ ба як чиз роҳӣ[5] кардааст.

Духтар гуфт:

— Барои чӣ туро роҳӣ кардааст?

Гуфт, ки:

— Подшоҳ барои оби рангин маро роҳӣ кардааст.

Гуфт, ки:

— Эй бачаи нодон, ҳеҷ медонӣ, ки оби рангин дар куҷо аст? То сари оби рангин пиёда як сол роҳ мегардӣ.

Гуфт ки:

— Ман надидаам оби рангинро, лекин дар куҷое набошад, меравам.

Духтар гуфт ки:

— Эй, Содикҷон, ғам нахӯр, ман дар як соат меорам.

Духтар париёнашро фарьёд кард, фармон дод:

— Оби ҳамин чойник наҷушида, ҳар кадомат як

шиша оби рангин биёред, агар наёред, сар аз баданатон ҷудо мекунам.

Панҷсадта парӣ ба монанди кафтар ба осмон баромада рафтанд. Оби як чойник чой наҷушид, ки панҷсадта парӣ, ҳар як кадомаш дар як шиша оби рангин гирифта омаданд.

Содикҷон гуфт:

— Эй, духтари Сухсури парӣ, дигар ҷои истодан нест.

Духтар дута париро фармуд. Содикҷонро дар болои тахти равон савор карданд. Духтари Сухсури парӣ аз муйҳои сараш як муй бурида ба Содикҷон дода гуфт:

— Дар куҷое, ки зӯрат омад, ҳамин муйҳои маро бисӯзон, ман ҳозир мешавам.

Париҳо бачаро гирифтанд, дар осмон баромада рафтанд. Ба даруни чорбоғе, ки бача болои тахтасанг хоб буд, бачаро монданд. Панҷсадта шишаи оби рангинро дар гирдаш қатор чиданд.

Бача ба пеши модараш рафт. Модараш гуфт:

— Эй бача, аз хоб бедор шудӣ?

— Оча,— гуфт,— ман аз хоб бедор шудам.

Очаи Содикҷон гуфт ки:

— Эй, Содикҷон, ба подшоҳ рафта чӣ мегуӣ, модоме ки оби рангин наовардай?

Гуфт:

— Оча, подшоҳ аз ман оби рангин мегирад, ҷони маро намегирад.

Ҳадьягир ба подшоҳ рафт, ки Содикҷон оби рангинро гирифта овард. Подшоҳ ҳадьягирро чизҳои бисьёр дод. Подшоҳ ба Содикҷон пойандоз андохт. Содикҷон ба пеши подшоҳ рафт.

Подшоҳ пурсид, ки:

— Содикҷон, оби рангин овардӣ?

Содикҷон гуфт, ки:

— Дар панҷсад шиша оби рангин овардам, вазирро бифармоед, рафта биёрад

Подшоҳ вазирро фармуд, ки рафта обҳои рангинро гирифта биёрад.

Вазир ноилоҷ шуд, аз ҷояш хест, ба даруни бозор рафт, панҷсадта мардикор гирифт, ҳар як мардикорро панҷ тиллой дод, ба даруни чорбоғ бурд. Одамҳо шишаҳои оби рангинро диданд, гуфтанд:

— Ой, вазир, тиллои додагиатро бигир, ки зӯри мо ба бурдани шишаҳо намерасад.

Вазир гуфт ки:

— Ба шумо боз як тиллои дигар медиҳам.

Мардикорҳо шишаҳоро пеши подшоҳ бурданд. Подшоҳ тамошо кард, ҳайрон шуд.

Обҳои рангинро ба даруни ҳавз рехтанд, моҳии зарринро дар даруни оби рангин партофтанд, ҳавлии подшоҳ ҳамчунон равшание гирифт, ки дигар чароғ даркор набуд. Подшоҳ ба Содиқҷон як хазинаи тилло дод. Содиқҷон тиллоҳои хазинаро гирифт, ба даруни хонааш бурд. Ба модараш гуфт ки:

— Эй оча, хонаҳои нағз биандоз, ки подшоҳ ҳамон тартиб иморат надошта бошад.

Хабар аз вазир шунавем. Вазир ба подшоҳ гуфт:

— Эй подшоҳ, диди Содиқҷон чизҳои ғалатӣ овард. Як чизи дигар ҳаст, агар ҳаминро биёрад, тамоми роҳро равшанӣ мегирад.

Подшоҳ гуфт:

— Эй вазир, ба ман бигу, ки ин чӣ аст?

Вазир гуфт:

— Намегӯям, агар ман бигӯям, шумо мегуед, ки ту ба Содиқҷон душманӣ.

Подшоҳ гуфт, ки:

— Эй вазир, гап зан.

Вазир гуфт, ки:

— Гап ки бизанам, ҳавзи сангин гуфтагӣ чизе ҳаст. Агар ҳамонро рафта Содиқҷон биёрад, оби рангин дар даруни у бирезӣ, моҳии зарринро дар даруни ӯ бимонӣ, номат дар олам монад.

Подшоҳ фармон дод, ки Содиқҷонро фарьёд кунанд. Содиқҷон ба пеши подшоҳ омад.

Подшоҳ гуфт:

— Ба ту овардани ҳавзи сангинро мефармоям.

Содиқҷон аз хонаи подшоҳ баромада, ба хонаи худаш рафт.

Дар пеши модараш гирьяи бисьёр кард. Модари кампираш гуфт:

— Эй Содиқҷон, ту чӣ гирья мекунӣ?

Содиқҷон гуфт:

— Подшоҳ ба ман овардани ҳавзи сангинро фармудааст.

Содиқҷон баромада, ба даруни чорбогаш рафт. Ба болои ҳамон тахтасанг хоб рафт.

Духтари Шоҳболи парӣ, дар паси кӯҳи Қоф курта-

ҳои қиматбаҳо пӯшид, руймолҳои қимат дар сар андохт, пеши оина омад, худашро бисьёр хушруй дид. Париҳоро ҷамъ кард, гуфт, ки:

— Ҳар касе, ки рафта мувофиқи худам як ҷавони хушруй гирифта биёяд, ҳафт хазинаи тилло дорам — медиҳамаш.

Париҳо баромада ба осмон рафтанд. Дута парӣ ба болои чорбоғи ҳамин бача мегузаштанд, ки Содикҷонро дар даруни чорбоғ, ба болои тахтасанг хоб диданд. Париҳо пеши бача фуромаданд, бачаро дар болои тахти равон бор карданд, болои осмон гирифта рафтанд.

Духтари Шаҳболи парӣ чорбоғе дошт, дар ҳамин чорбоғ Содикҷонро монданд.

Содикҷон аз хоб бедор шуд, тамошо кард: аҷаб ҷои ғалатӣ аст, ки ҳеҷ гуфтан надорад[6]. Бача ба даруни хона даромада, кӯрпаҳои нағзро андохта, дар хоб шуд.

Суратгирҳои духтари Шаҳболи парӣ аз ҳар кӯҷо омаданд, ҳеҷ сурати нағз ба духтар наоварданд. Духтар бисьёр хафа шуд, ба канизаш гуфт, ки:

— Ба даруни чорбоғ рафта сайр мекунем, ки бисьёр зиқ шудам.

Духтари Шаҳболи парӣ хест, ба даруни чорбоғ сайр омад. Ба қарибии чорбоғ омада буд, ки бӯи одами хокӣ ба димоғаш зад. Ба париҳо гуфт, ки:

— Бӯи одами хокӣ дар димоғи ман мезанад, кадом одами хокӣ ба даруни чорбоғ омада бошад?

Он ду парӣ гуфтанд, ки:

— Як одами хокӣ ҳаст, шумо бибинед, агар хуш накунед, дар як дам мо уро нобуд мекунем.

Духтари Шаҳболи парӣ ба даруни ҳуҷра даромад, Содикҷонро як диду ба ҳазор дидан ошиқ шуд.

Ҳар ду айшу ишрат карданд.

Содикҷон оҳи сард аз дили пурдард кашид. Духтар гуфт:

— Эй Содикҷон, аз ман хубтар ва нағзтар ёре дорӣ, ки аз дили пурдард оҳ мекашӣ?

Гуфт:

— Аз ту хубтар ва нағзтар ёре надорам, лекин подшоҳ маро барои овардани ҳавзи сангин роҳӣ кардааст.

— Эй Содикҷон, ҳеҷ медонӣ, ки барои овардани ҳавзи сангин чанд сол даркор аст?

Содикҷон гуфт, ки:

— Ман чӣ медонам, ҳавзи сангин дар куҷо аст?

Духтар шашсадта париро фарьёд кард. Шашсадта парӣ ба пеши у омад. Гуфт:

— Агар дар як соат рафта, ҳавзи сангинро наоваред, ман шуморо мекушам.

Канизакҳо аз ҷой хестанд, ба монанди кафтар ба осмон паридан гирифтанд. Дар муддати як соат ҳавзи сангинро оварданд. Бача гуфт:

— Эй духтар, дигар ҷои истодан нест.

Духтар аз мӯйҳои сараш як тор бурида ба Содиқҷон дод. Содиқҷонро дар даруни ҳавзи сангин андохтанд. Шашсадта парӣ бардошта ба даруни чорбоғ оварда монданд. Бача аз даруни ҳавзи сангин баромада, ба даруни хона рафт. Тамошо кард, ки модараш бо устоҳо иморатҳои нағз бино карда истодааст. Модараш гуфт:

— Эй Содиқҷон, ҳавзи сангинро наовардӣ, ба подшоҳ чӣ ҷавоб мегӯӣ?

— Эй оча, — гуфт, — подшоҳ аз ман ҳавзи сангинро мегирад, ҷони маро намегирад.

Ҳадьягир ба пеши подшоҳ рафт, гуфт:

— Эй подшоҳ, чӣ мегӯӣ, ки Содиқҷон ҳавзи сангинро овард.

Чизҳои бисьёр подшоҳ ба ҳадьягир дод. Пойандоз андохтанд. Содиқҷонро бо пойандоз бурданд. Подшоҳ пурсид, ки:

— Эй, Содиқҷон, ҳавзи сангинро овардӣ?

Содиқҷон гуфт:

— Албатта, овардам.

Подшоҳ пурсид, ки:

— Ҳавзи сангин дар куҷо аст?

Гуфт, ки:

— Дар даруни чорбоғи худам аст, лекин бисьёр шалпар шудам, умед дорам, ки онро вазир рафта меоварад.

Вазир аз ҷояш хест, тамоми чизҳои хонаашро бо замину обаш фурӯхта, пул кард. Аз бозор ҳазорта мардикор гирифт. Ба пеши ҳавзи сангин гирифта бурд. Хазор мардикор хавзи сангинро ҷунбонда натавонистанд.

Подшоҳ гуфт, ки:

— Эй Содиқҷон, ҳеҷ кас оварда наметавонад, худат рафта бигир, биёр.

Содиқҷон гуфт, ки:

— Эй, подшоҳ, ҳазор одам оварда натавонистанд, ман як одам чӣ гуна рафта меоварам?

Подшоҳ гуфт:

— Чи гунае, ки аз маконаш овардӣ, ҳамон гуна ин ҷо биёр.

Содиқҷон гуфт:

— Набошад, то шаб ба ман мӯҳлат диҳед.

Подшоҳ ҷои ҳавзро соз кард. Шаб шуд, Содиқҷон мӯйҳои духтари Шаҳболи париро дуд андохт. Духтари Шаҳболи парӣ бо ҳамаи париҳояш ҳозир шуд. Ҳавзро бурда дар ҳавлии подшоҳ монданд. Баромада рафтанд. Пагоҳ подшоҳ аз хоб хест, ҳавзро тамошо кард, оби рангинро оварда, бо ҳамроҳии моҳӣ ба даруни ҳавзи сангин рехтанд. Ҳавз чунон мавҷ зад, ки як километр атрофи шаҳри подшоҳ ҳам равшан шуд.

Вазир боз подшоҳро гуфт:

— Дидӣ, ки ман ба зарари ту кор намекунам. Агар дарахти печон ҳам оварда шуда, дар лаби ин ҳавз шинонда шавад, подшоҳиат овозаи олам мешавад.

Подшоҳ гуфт:

— Онро кӣ метавонад овардан?

— Содиқҷон,— гуфт вазир.

Подшоҳ Содиқҷонро фарьёд карда, ин корро фармуд, гуфт:

— Агар ин супоришамро ҳам иҷро кунӣ, тамоми хазинаҳои тиллоро ба ту медиҳам.

Содиқҷон қабул карду хонааш рафт. Чанде гирья кард, ки нохост дар хотираш дуд кардани тори мӯи духтари Сухсури парӣ омад. Онро дуд карда буд, ки духтар бо лашкараш ҳозир шуд, пурсид:

— Туро чӣ лозим аст?

Бача гуфт:

— Подшоҳ овардани дарахти печонро ба ман фармудааст.

Духтар лашкарашро фармон дод: дарахти печонро оварда дар лаби ҳавз шинонед ва худаш бо бача дар чорбоғ саёҳат кардан гирифт. Дар ҳамин шаб париҳо дарахти печонро оварда шинонданд ва бо Содиқҷон хайру хуш карда рафтанд.

Подшоҳ пагоҳ аз хоб бедор шуд, дид ки дар сари ҳавзи сангин як дарахте ҳаст, як баргаш сад мавҷ мезанад. Подшоҳ вазирро пурсид, ки ин чист?

Вазир гуфт, ки ин ҳамон дарахти печон аст. Подшоҳ бисьёр хурсанд шуд. Гуфт:

— Содиқчонро фарьёд кунед.

Содиқчонро фарьёд карданд. Содиқчон ба пеши подшоҳ омад. Подшоҳ тамоми хазинаҳоро ба Содиқчон дод.

Вазир ба подшоҳ гуфт ки:

— Тамоми хазинаҳоро ба Содиқчон додӣ, мо чӣ мехӯрем?

Вазир бо худ гуфт:

Як роҳе ёфтан даркор, ки мо Содоиқчонр нобуд кунем.

Вазир ба подшоҳ гуфт:

— Боз як чизи дигар ҳаст, агар ҳамонро ҳам Содиқчон биёварад, тамоми олам аз они ту мешавад.

Подшоҳ гуфт:

— Эй, вазир, гап зан, он чӣ чиз аст?

Вазир гуфт, ки:

— Духтари подшоҳи Яман аст, номи уро Нестандарчаҳон мегӯянд.

Подшоҳ гуфт:

— Содиқчонро фарьёд кунед.

Содиқчонро фарьёд карданд. Содиқчон ба пеши подшоҳ омад. Подшоҳ гуфт:

— Эй Содиқчон, духтари подшоҳи Яман Нестандарчаҳонро ба ман меоварӣ!

Содиқчон гуфт, ки:

— Ба ман сета хар, се гусфанди бурдоқии фарбеҳ, чил тӯқуз нон бидеҳ.

Подшоҳ се хар, се гусфанди фарбеҳ ва чил тӯқуз нон ба Содиқчон дод. Содиқчон ба болои хар бор кард.

Аз дарьё гузашт, аз он сӯи дарьё рафтан гирифт. Муддати дувоздаҳ шабонаруз роҳ рафт, ба даруни як чангал рафт. Дид, дар сари роҳ як одаме хоб аст, ки ба монанди як кӯҳ ҳеч аз болои ӯ гузаштан мумкин нест. Содиқчон ҳар чанд кард, гузашта натавонист. Содиқчон таёқро гардонд, чунон зад, ки ба гумонаш пойҳои он одам шикастанд. Лекин он одам фақат аз хоб бедор шуд, даст ба пояш зад, гуфт, ки:

— Ту чӣ хел пашшаӣ, ки ба пои ман неш мемонӣ?

Аз чояш хест, Содиқчонро тамошо кард. Содиқчон пурсид:

— Ту чӣ касе ҳастӣ, ки дар рӯи роҳ хоб рафтаӣ?

Гуфт:

— Маро Оҷи Бисьёрхӯр мегӯянд. Содиқҷон гуфт:
— Аз куҷо омадӣ?
Гуфт:
— Ба духтари подшоҳ—Нестандарҷаҳон бисьёр ошиқ будам. Рафтам, ки духтари подшоҳро ҳамин қадар гаштам дида натавонистам. Шунидам, ки Содиқҷон дар фалон рӯз ба мамлакати Нестандарҷаҳон меравад. Гуфтам, бо ҳамон Содиқҷон ҳамроҳ равам, шояд ба баҳонаи Содиқҷон духтарро бубинам.
Гуфт ки:
— Ман Содиқҷон ҳастам, бихез, биравем!
Гуфт:
— Бисьёр гушна ҳастам, ҳеҷ қуввати рафтан надорам.
Содиқҷон аз хар, аз ҳамон гӯсфандҳои куштаги нимаи яктаашро бо як тӯқуз нон ба Оҷи Бисьёрхур дод. Шиками Оҷ сер шуд. Содиқҷон авқотҳояшро бор карда рафтан гирифт.
Муддати як шабонарӯз роҳ гаштанд. Дар роҳ як Оҷи дигарро бархурданд[7]. Аз ҷояш хезонданд, Содиқҷон пурсид ки:
— Чӣ ном дорӣ?
Гуфт:
— Номи ман Оҷи Дарьёдаркаш аст.
Гуфт:
— Аз куҷо омадӣ?
Гуфт:
— Ман аз шаҳри подшоҳдухтар Нестандарҷаҳон омадам.
Гуфт:
— Куҷо меравӣ?
Гуфт:
— Ман шунидам, ки Содиқҷон ҳамин рӯз ба шаҳри духтар меравад. Дар рӯи роҳи ҳамин Содиқҷон истодаам,
Гуфт:
— Ман Содиқҷон ҳастам, бихез аз ҷоят.
Гуфт:
— Бисьёр гушна ҳастам.
Содиқҷон ҳамон ним гӯсфанди мондагиро бо як тӯқуз нон ба Оҷ дод. Оҷ сер шуд. Содиқҷон гуфт, ки:
— Ту дар рӯи роҳи ман истодаӣ, чӣ мақсад дорӣ?
Гуфт:
— Ман ба подшоҳ духтари Нестандарҷаҳон бисьёр

ошиқам. Гуфтам, ки бо Содиқҷон биравам, Содиқҷон ба ман ӯро нишон бидиҳад.

Содиқҷон гуфт:

— Бихез, биравем.

Оҷ аз ҷояш хест, ба Оҷи Бисьёрхӯр гуфт, ки:

— Ту хизмататро тамом кардӣ, Содиқҷонро акнун ман пушт мекунам. Оҷи Дарьёдаркаш Содиқҷонро пушт кард. Се кас шуда рафтан гирифтанд.

Муддати як шабонарӯз роҳ гаштанд. Содиқҷон тамошо кард, ки як Оҷи дигар дар рӯи роҳ хоб аст. Оҷро аз хоб хезонд, гуфт:

— Ту чӣ касе ҳастӣ, ки дар рӯи роҳ хоб кардаӣ?

Гуфт:

— Маро Оҷи Бориктирандоз мегӯянд.

Гуфт:

— Куҷо рафта будӣ?

Гуфт:

— Ба подшоҳ духтари Нестандарҷаҳон бисьёр ошиқ будам. Ба шаҳри падари Нестандарҷаҳон рафтам, ки духтарро бинам. Духтарро надидам. Шунидам, ки Содиқҷон ба шаҳри духтар меравад, дар рӯи роҳи Содиқҷон истодам.

Гуфт:

— Аз ҷоят бихез, ман Содиқҷон ҳастам, меравем.

Гуфт:

— Бисьёр гушна ҳастам, ҳаракати роҳгардӣ надорам.

Содиқҷон як гусфандро бо як тӯқуз нон дод. Оҷ онро хӯрд, ба Оҷҳои дигар гуфт:

— Шумо хизмататонро тамом кардед, Содиқҷонро фароред, ман пушт кунам.

Содиқҷонро фароварданд, Оҷи Бориктирандоз пушт кард, рафтан гирифтанд.

Ба шаҳри духтари подшоҳ—Нестандарҷаҳон расиданд. Ғоре буд, Оҷҳоро Содиқҷон ба даруни ҳамон ғор дароварда монд. Авқотҳои боқимондаро ба Оҷҳо дод. Ба даруни шаҳр рафт. Ба дари хонаи як кампир омад.

— Модар,—гуфт,—ҳамин шаб маро як ҷой бидеҳ, хоб равам.

Кампир гуфт, ки:

— Ҷои зиёдатӣ надорам.

Як тилло Содиқҷон ба кампир дод.

Кампир гуфт, ки:

— Ҷойҳои нағз дорам, биё, бача.

Кампир бачаро ба даруни хона даровард, курпачаҳои нағз андохт, хӯрокҳои қимат овард, Содиқҷонро пурсид, ки:

— Эй, бача, ту аз куҷо омадӣ?

Гуфт:

— Ман аз шаҳри Димишқ меоям.

Гуфт:

— Аз шаҳри Димишқ барои чӣ омадай?

Гуфт:

— Барои бурдани духтари подшоҳ—Нестандарҷаҳон.

Гуфт ки:

— Духтари подшоҳ—Нестандарҷаҳонро бурда наметавонӣ. Подшоҳ шарте дорад, касе агар шарти уро бибарад, духтарашро мегирад. Ҳамин қурғоне, ки дар гирди шаҳри подшоҳ мебинӣ, ҳамааш аз сари одам аст. Ин одамон шарти подшоҳро иҷро карда натавониста кушта шудаанд. Духтари подшоҳ дар даруни як хона аст, гирди хона сими пӯлод кашидагӣ.

Содиқҷон хеста ба бозор рафт. Чил мардикор гирифт. Ба суи даруни хонаи духтар ур канд. Таги хонаи духтарро шикоф кард, ба пеши духтар баромад. Дид: аҷаб духтари хушрӯй! Содиқҷон ба як дидан дид, ба ҳазор дидан ошиқ шуд. Духтар аз хоб бедор шуд, дид, як ҷавоне, ки ба хироҷи мамлакат меарзад. Духтар ҳам ба як дидан дид, ба сад дидан ошиқ шуд. Духтар пурсид ки:

— Эй, бача, ту аз куҷо мешавӣ?

Гуфт:

— Ман аз шаҳри Димишқ мешавам.

Гуфт:

— Ба ин ҷо ту чаро омадӣ?

Гуфт, ки:

— Барои дидани ту омадам. Акнун ки ман туро дидам, хеста, ба мамлакатам рафтан мегирам.

Духтар гуфт:

— Ман ҳамроҳи ту меравам.

Содиқҷон гуфт, ки:

— Падарат шарт дорад, то шарти падаратро набарам, ман туро аз ҷоят беҷо намекунам. Духтар гуфт:

— Шарти падари ман бисьёр зӯр аст, бурда наметавонӣ.

Содиқҷон гуфт, ки:

— Ба ман агар хушдор шуда бошӣ, шартҳои падаратро ба ман бигуй!

Гуфт:

— Падари ман дар майдон як кунда дорад, як табар дар болои кунда мондааст. Бо он табар бо як задан кундаро ду булак кунӣ, ду бӯлак баробар бошад— ин шарти якумаш. Шарти дуйӯмаш ҳамин аст, ки як хонаи пулодиро алав мекунад, хона ҳам чунон сурх мешавад, ки бутун алав мегардад. Ҳар ки дар даруни ҳамон хона аз бегоҳ то пагоҳ бишинад, шарти дуйӯмро иҷро мекунад. Шарти сейумаш ин аст, ки як буқагов, чил барраи бирьён, чил тукуз нонро дар як шаб бихурӣ. Шарти чорумаш—гуфт,—ҳамон ки дар миёнаи шохҳои як дарахти сербарг як тухмро кашол мекунад[8]. Ҳар касе, ки аз се километр роҳ ҳамин тухмро бо як тир бизанад, шарти чорӯмро иҷро мекунад. Шарти панҷумаш: арусҳои нағзро аз хонааш мебарорад, баъд мегӯяд ки шартҳоро, ки буридай, заншавандаатро шинохта гир.

Содикҷон гуфт ки:

— Ҳамон вакт ту чӣ суратӣ?

Гуфт:

— Ман ҳамон вақт як куртаи карбоси сафед дар тан дорам, чорукҳои чиркин дар пой, дар болои як хари сафед саворам.

Содикҷон шартҳоро дарак ёфт ва бо ҳамон ури кандагиаш ба хонаи кампир рафт.

Ба шартгоҳи подшоҳ омад. Дар он ҷо занге кашол карда шуда буд, зангро ҷунбонд. Подшоҳ шунид, дид, ки як ҷавонмард дар таги занг истодагӣ аст. Подшоҳ гуфт:

— Эй бача, ту бо чӣ мақсад омадай?

— Гуфт, ки:

— Ман барои иҷро кардани шартҳои ту омадаам.

Подшоҳ гуфт, ки:

— Ба ҷони ширинат ҷабр накун, шарти ман зур аст.

Содикҷон гуфт, ки:

— Чӣ мегӯӣ, бигӯ.

Подшоҳ гуфт:

— Як шарти ман ҳамин, ки табарро бигир, ба болои ҳамон кунда чунон бизан, ки бо як задан ду булаки баробар шавад.

Бача табарро гирифт, зад дар болои кунда. Кунда ду булаки баробар шуд. Як шарти подшоҳро бурд.

Подшоҳ ба одамонаш гуфт:

— Чил улав ҳезуми қоқро бурда, дар ҳамон хонаи пулодӣ алав бизанед, то ки хона сурх шавад.

Ҳамон хонаи пулодиро алав заданд, хона тасфида сурх шуд. Содиқҷон хест, ба пеши Оҷи Дарьёдаркаш рафт. Гуфт:

— Эй Оҷ, намози шом оби ҳамин дарьёро дар даҳанат гирифта меой, ки маро ба ҳуҷраи оташин меандозанд.

Бача гашта омад, омада дар пояш санг баст. Намози шом буд, дар даруни ҳамин ҳуҷраи оташин даромад. Одамҳои подшоҳ дарашро қулф андохта рафтанд. Оҷи Дарьёдаркаш оби як дарьёро оварда ба хонаи оташин рехт. Хона ях гашт, Содиқҷон аз хунукӣ ларзид, гуфт:

— Подшоҳ як каме ҳезум ба мо надод, ки ҳамин шаб алав карда гарм шавем.

Подшоҳ гапи уро шунавид.

Пагоҳӣ омаданд, дари хонаро ҳуй карданд, диданд: Содиқҷон дар хунукӣ ларзида истодааст.

Подшоҳ бисьёр қаҳр кард, гуфт, ки:

— Як говро бикушед, бо чил барраи бирьён пухта кунед, ҳамаи инро бо чил тукуз нон дар як хона бурда монед.

Ҳамаи ин чизҳоро ба як хона бурда монданд. Содиқҷон ба пеши Оҷи Бисьёрхур рафт. Гуфт:

— Эй Оҷи Бисьёрхур, ба хурдан тайёр бош!

Оҷи Бисьёрхур ба Содиқҷон гуфт, ки:

— Ту ҳеҷ ғам нахур. Ман ҳамеша тайёр ҳастам.

Содиқҷон омада ба даруни хона даромада истод. Одамҳои подшоҳ дари хонаро қулф карда рафтанд. Намози шом шуда буд, ки Оҷи Бисьёрхур омад. Мурича буд, Оҷ даҳонашро ба рости мурича воз гирифт[9]. Ҳамаи ҳамон гушт, ҳамон нону-нонро хурд. Ягон майда намонд. Пагоҳ руз шуд. Содиқҷон подшоҳро ҳақорати бисьёр кард, ки як мусофирро подшоҳ сер карда натавонист. Одамҳои подшоҳ рафта ба подшоҳ гуфтанд, ки Содиқҷон аз гушнагӣ дод гуфта истодааст. Подшоҳ гуфт, ки:

— Рафта дарашро ҳуй кунед.

Дари хонаро кушоданд, диданд, ки Содиқҷон аз гушнагӣ қариб ки ба мурдан расидааст.

Содиқҷон подшоҳро гуфт, ки:

— Эй подшоҳ, шарти туро бурдам.

Подшоҳ гуфт:

— Ман шарте дорам, ки ҳеҷ кас бурда наметавонад.

Содиқҷон гуфт, ки:

— Чаққон[10] бигӯ!

Подшоҳ фармуд, ки як тухмро бурда, дар миёнаи як бед кашол кунанд. Бурда як тухмро, кашол карданд. Подшоҳ ба Содиқҷон гуфт, ки:

— Дар ҳамон дашт як ғор ҳаст, аз сари ҳамон ғор бо як тир ҳамин тухмро бизан. Шарти чорӯминам ҳамин аст.

Содиқҷон „хуб“ гуфт. Камонғулаки худро гирифт, ба сари ғор рафт. Дар сари ғор рафта, дар пеши ғор рост истод. Камонғулаки Содиқҷонро Оҷи Бориктирандоз гирифт. Ҳамчунон задан кард, ки тухм майда-майда шуд. Содиқҷон хеста, ба пеши подшоҳ рафт. Гуфт:

— Эй подшоҳ, шарти туро бурдам.

Подшоҳ панҷсад занро ҳар ранг пӯшок пӯшонд. Содиқҷонро гуфт, ки:

— Заншавандаатро хуш карда, бигир.

— Аз пеши Содиқҷон ҳамин қадар занҳои хушрӯй мегузаштанд, ҳеҷ нигоҳ намекард. Подшоҳ гуфт:

— Занатро хуш карда бигир!

Содиқҷон гуфт:

— Ман бо дили худам кор мекунам.

Содиқҷон истод, тамошо кард, ки ҳамон духтари куртаи карбосипуш, дар болои хар савор омад. Содиқҷон рафта ҳамонро гирифта:

— Зани ман ҳамин аст,—гуфт.

Шарти подшоҳро Содиқҷон бурд.

Содиқҷон подшоҳро кушт. Яктаи ҳамон мардикорҳоро, ки аз хонаи кампир то хонаи Нестандарҷаҳон ӯр канда буданд, подшоҳ кард. Ба дигарҳояш ҳам як-як кор дод, кампирро ҳам моҳонахӯр кард. Содиқҷон духтари подшоҳ Нестандарҷаҳонро дар болои асп савор кард, ихтиёр ба мамлакаташ кард. Ба пеши Оҷҳо, ба сари ғор омад. Оҷҳоро гуфт, ки:

— Ҳавас ба дидани ҳусни Нестандарҷаҳон доштед, баромада тамошо кунед.

Оҷҳо баромада тамошо карданд, гуфтанд:

— Эй Содиқҷон, ҳаваси мо шикаст, дигар ҳеҷ ормон надорем.

Содиқчон баромада рафт. Ба қарибии шаҳри худаш расид. Подшоҳ аз болои тахт бо дурбин нигоҳ мекард. Содиқчонро дид, аз чояш хест, бо вазир ба пешвози Содиқчон омад. Духтар ба Содиқчон гуфт, ки:

— Ду чавонмарде, ки аз дарьё ин су омада истодаанд, чӣ хел касон ҳастанд?

Содиқчон гуфт, ки:

— Пешинагиаш[11] подшоҳ аст, он ки дар ақиб аст,— вазираш.

Духтар таппончае дар чебакаш[12] дошт, аз чебакаш баровард. Хар дуи онҳоро парронд. Содиқчон тамошо кард, ки ҳар дуяш мурданд. Содиқчон гуфт, ки:

— Барои чӣ инҳоро куштӣ?

Гуфт:

— Ман инҳоро куштам ва ту дигар халос шудӣ. Вазир бо ту зид буд, ягон вақт вазир туро мекушт.

Содиқчон ба сӯи хонаи худаш рафт. Тамошо кард, ки кампири модараш ҳамчунон хонаҳои хубе рост кардааст, ки ҳеч гуфтан надорад. Духтарро ба даруни хона бурд. Содиқчон мӯи ҳамон ду париро, ки ба чойҳояшон рафта буд, дуд андохт. Париҳо омаданд. Ба хонаи Содиқчон ҳама сарчамъ шуданд.

Содиқчон подшоҳ шуд, дар ҳамон чо зиндагонӣ мекард, меистод. Тамоми ҳавзи сангин, оби рангин, дарахти печон, моҳии заррин аз они Содиқчон шуданд.

Онҳо ба мақсад расиданд, шумо ҳам ба муроду мақсад бирасед.

***Луғат***:

1. *Қади*—ба монанди, мисоли, ҳамчун. 2. *Авзор*—чизу асбоб. 3. *Хуй кардан*—раҳо кардан, сар додан. 4. Дар Вахиёи боло модарро одатан оча мегуянд. 5. *Роҳӣ кардан*—равон кардан, фиристодан. 6. *Ҳеч гуфтан надорад*- бо сухан тасвир кардан мумкин нест. 7. *Бархӯрдан*—вохӯрдан, дучор омадан. 8. *Кашол кардан*—овехтан. 9. *Ба рости мӯрича воз гирифт*—ба шикофии мӯрича тӯғрӣ карда кушод. 10. *Чаққон*—ин чо ба маънои зуд, зудтар, тезтар 11. *Пешинагӣ*—дар пеш буда. 12. *Чебак*—киса.

### 3. ТОЧБЕК

Як подшоҳ буд, як бача дошт. Бачаш калон шуд. Як рӯз бачаи подшоҳ хест, дар чорбоғи падараш ба сайр баромад. Як чондоре дар болои дарахт дид, бо

ғулак зад, хунаш ба болои барф рехт. Хуни уро бо барф кулӯла кард, ба падараш бурд, дод ва гуфт:

— Духтареро ба ман ба занӣ деҳ, ки чунин хушруй бошад: ранги барфи хунолуд.

— Бибиайёр ном духтаре ҳаст, ман дерест, ки ба чунин духтар хушдорам, вале ҳеҷ илоҷи гирифтан нест.

Бача гуфт:

— Равам, ба зарби шамшер бигирам.

Бача савор шуд, аз падараш фотиҳа гирифт:

Вало, ки рухсат гирәме[1],
Ай[2] и[3] қишлоқ дилгирәме[4].
Ай гул қурбонәт мешавәм,
Ҷон гул, харидорәт ман ой.

Падараш мегуяд:

Вало, ки рухсат надәме,[5]
Ай ту Тоҷбек дил сардәме,
Ай гул қурбонәт мешавәм,[6]
Ҷон гул, харидорәт ман ой.

Боз гашта аз хоҳараш фотиҳа гирифт. Хоҳараш гуфт:

— Рухсат намедиҳам. Ӯ баромада дар даҳаии дар як сухан мекунад ба ин бача:

И ҷомаи дарози ту,
Раҳ гаштаной ба нози ту,
Мора куштан нозои ту
Ай гул қурбонат мешавәм
Ҷон гул, харидорәт ман ой.

Занаш баромада, бачаашро гирифта, як сухан кард:

Тоҷбек ба дарьё меравад,
Киштиш ғарқи дарьё шавад.
Савдои Тоҷбек манъ шавад,
Савдо, савдои мо шавад.
Ай гул, харидорәт ман ой.

Боз модараш мегуяд, ки:

Асии снёи чилкурра,[7]
Ёлу думбаш [8] пашми бара.
Чилвап ёл дил мебара,
Рафтани Тоҷбек нагара.[9]
Ай гул, харидорәт ман ой.

Тоҷбек гапи ҳеҷ касро нагирифт, баромад, бо ёрону навкараш ба чӯл рафтан гирифт. Дар як гушаи даште фуромад, ягон ободие надид. Гашта нигоҳ кард: як дуде дар гӯшаи ин чӯл дид. Бо ёру навкараш рафт, дид ки як хонае он ҷо ҳаст. Фарьёд кард, кампире баромад, пурсид:

— Бибӣ, ба мо ҳамин шаб дар хонаат ҷой намедиҳӣ?

Кампир гуфт:

— Ҳеҷ чое нест.

Тоҷбек пули бисьёр дод, ба хонааш даромад, дастурхон дар пешаш монд. Гашта кампир баромад, як гусфанди калон кушт, гушти ӯро пухт, ба бача овард, хӯрданд. Кампир бачаро пурсид:

— Аз куҷо омадай, то куҷо меравӣ?

Бача гуфт:

— Ман дар ҷустуҷӯи Бибиайёр гаштаам.

Кампир гашта гуфт:

— Дили маро биёбӣ, ман Бибиайёрро ёфта медиҳамат.

Гуфт:

— Хуб, гап зан.

Баъд кампир гуфт, ки:

— Ту имшаб бо ман истиқомат мекунӣ, баъд ман Бибиайёрро оварда ба ту месупорам.

Бача фикри бисьёр кард, гашт, гуфт:

— Эй модар, ман нони туро хӯрдам, оши туро хӯрдам, ин кор хуб намешавад.

Тоҷбек пагоҳ хест, ба дашт баромад. Кампир гашт, дуо кард, ки:

— Рафтӣ, дубора барнагардӣ!

Тоҷбек дар таги арки Бибиайёр худашро расонид. Дар ин ҷо бисьёр истод, дараки духтарро наёфт ва бисьёр гушна шуд. Бача гашт, як сухан гуфт:

Ин шаб дидэм ситорарo,
Гулпораи маҳпораро.
Ман ошиқи шайдои ту,
Бингар мани бечораро
Ай гул, харидорэт ман ой...

Духтар овози бачаро шунавид, гашт, ба канизаш гуфт ки:

— Эй каниз, хез ба бозор рав, ки меҳмонҳои мо бисьёр гушна шуданд.

Даррав каниз рафт, аз бозор биринҷу равған харид, ош кард, дар табақ кашид. Бибиайёр табакро гирифт, ба канизаш дод, гуфт:

— Бар, меҳмонҳо бихӯранд.

Каниз овард ба пеши меҳмонҳо, овард, дар пеши ин меҳмонҳо монд. Даррав меҳмонҳо дастҳоро шустанд, ошро хӯрданд. Каниз хест, рафтан гирифт. Тоҷбек хест, ҳамроҳҳои худашро ҷавоб дод, ба асп савор шуд, ба чӯл рафтан гирифт. Бачаеро дарьёб кард, дид, ки себи бисьёр дар пушташ. Тоҷбек гашт, ба ин бача гуфт:

— Як себам бидеҳ, ки ташна шудам.

Ин бача гашт, гуфт ки:

— Ин себҳоро Қуфор ба Бибиайёр савғотӣ роҳӣ кардааст.

Тоҷбек аспашро пеш ронд, як қамчин ба себҳо зад. Себҳо аз пушти сағира рехтанд. Бача фарьёд кард. Овози бачаро шунавид, гашт, як суханаш гуфт:

Аспи сиёра[10] тохтӣ,
Як қамчинаш андохтӣ,
Ёри худта нашинохтӣ,
Ай гул, харидорэт ман ой...

Бача хест, яктаашро[11] бадар кард, ҳамон бачаро пӯшонд. Ин сағира бирафт.

Тоҷбек худро ба лаби дарьё расонд,

Дар ин ҷо як кали подабон буд. Кал рафт пеши подшоҳ ҳадья гирифт, ки хоҷаи шумо омадааст, қалинги духтарро талаб мекунад—сад гову як асп. Подшоҳ хест, сад гов тайёр кард, ба лаби дарьё овард, ба дасти Тоҷбек дод. Подшоҳ ваъда дод:

— Имрӯз панҷшанбе аст, панҷшанбеи дигар мо ба тӯи духтар меоем.

Бача галаву рамаро гирифт, ба тарафи дигар овард, хиргоҳ дар чӯл зад. Подшоҳ панҷшанбеи дигар омад, тамошо кард, ки молу гов ҳанӯз ба духтар нарасидааст. Гашт, гуфт:

— Эй бача, ин чӣ гап аст, ки ваъдаи маро иҷро накардӣ. Қалинги зани маро набурдӣ?

Подшоҳ гашт, як сухан кард.

Сайл умадай[12], дер умадай,
Ҷанг умадай, кам умадай.
Ай гул, харидорэт ман ой.

Тоҷбек ба роҳи подшоҳ гузашт, гуфт ки:

Сайл умадэм, дер умадэм,
Ҷанг умадэм, шер умадэм.
Ай гул, харидорэт мэн ой...
Мэнэм Тоҷбек-номусдор,
Соҳиби садусӣ сувор,
Қатл кунам, чун ту мурдор,
Ай гул, харидорэт ман ой...

Бача гашт, хест, галаву рамаро ҷунбонд. Подшоҳ гашт, гуфт:

— Ин бача дузд буда аст, галаву рамаро бурд.

Аскарашро яксар кард,[13] ба назди дарьё омад.

Бача хест, аспро савор шуд, галаву рамаро он қадар тез бурд, ки подшоҳ дарьёб накард. Бурд, ба падари Бибиайёр дод, гуфт:

— Ин қалинги духтарат.

Бача рафт, дар як ҷо баҷо шуд[14].

Падари духтар гашт, ҷӯлро тамошо кард, ки ҷӯлро сип-сиёҳ аскар гирифт. Вазиронашро фарьёд кард, гуфт ки:

— Эй вазир, Қуфор ба ҷанг омадааст, ё ба сайр омадааст, ки моро хабардор накардааст?

Вазираш гашт ба подшоҳ гуфт ки:

— Эй, подшоҳ, молу гове, ки ҳамин бача овард, аз они ҳамин Қуфор аст, сағира Қуфорро фиреб карда, оварда, қалинги духтари шуморо дод. Ин сағира худаш Тоҷбек ном дорад. Ин Қуфор барои бурдани Бибиайёр омадааст. Ин сағираро, ки молу говро овардааст, кофта ёфта биоваредаш.

Сағираро ёфтанд, ба пеши подшоҳ оварданд.

Подшоҳ гуфт:

— Эй, сағира, ин роҳро, кӣ нишонат дод, чаро ту ин номаъқулиро кардӣ? Акнун ба ҷанги Қуфор баро!

Бача гашт, гуфт:

— Эй, подшоҳ, шумо соҳиби аскари зӯр, аз ҷанги Қуфор метарсед, ман як сағира, тоқа, зӯрам ба Қуфор чӣ хел мерасад?

Подшоҳ дарқаҳр шуд, гашт гуфт:

— Бигиред, ин сағираи нобобро, ҳамин қадар бизанед, ки ёд монад ба ҳамаи дигар.[15]

Сағира гашт гуфт, ки:

— Эй подшоҳи хари аҳмақ, хазинаатро яла кун!

Даррав подшоҳ хазинаашро яла кард, сағира даромад, авзори ҷангро пушид, ба саисхона рафт, як аспи хуб гирифт, аспро авзор кард, савор шуд, аспро давонд, ба миёнаи аскари Қуфор зада даромад. Ҳафт шабонаруз ҷанг кард. Ними шаби ҳаштум буд, ки ба дасти сағира тир расид.

Тоҷбек оҳиста гашт, баромад, аз пеши аскар ба пеши духтар рафт. Духтар фаҳмид, давид, дору овард, ба ҷароҳаташ монд, то нисфи шаб сагираро сиҳат кард. Субҳ дамид, сағира гуфт ки:

— Ба ҷанг меравам.

Духтар гашт, ба бача гуфт ки:

— Эй, бача, ту тир хӯрдай, мабодо, ки ҷароҳатат кушода шавад, ҷанг карда натавонӣ, дастгир шавӣ. Биист, ки ман ҳам авзор пушам, бо ту ба ҷанг меравам.

Бача гашт, гуфт:

— Ту дар паҳлавониам нуқсон мебинӣ? Биист, худам танҳо меравам. Пагоҳ сари офтоб бибарой, тамошо кун ҷанги маро.

Пагоҳ офтоб баромад, духтар хест, даричаи аркро яла кард, тамошо кард, ҳамин қадар нигоҳ кард, бачаро надид. Гашт, гуфт:

Ёро ҳама ёрӣ кунед,
Тоҷбека дилдорӣ кунед,
Ай хар сараш розӣ кунед,
Ай гул, харидорэт ман ой.

Бача ин суханро шунавид, ҳамчунон бо шамшер аскарро қир кард, ки аскар гурезӣ шуд. Подшоҳ сухани духтарашро шунавид, дар тааҷҷуб шуд, гуфт, ки ин духтар кай дасти сағираро гирифтааст?

Подшоҳ гашт, ба вазираш гуфт, ки:

— Ҳамин духтарро биёр, мекушем.

Вазир ба подшоҳ гуфт:

— Сағира ҳамин қадар ҷанг барои ҳамин кард. Агар ту ба духтар зарар кунӣ, сагира ҳам худи туро, ҳам аскарҳои туро мекушаду духтаратро мегирад, меравад.

Сағира аскарро қир кард, ба пеши подшоҳ омад гуфт:

— Духтаратро ба ман никоҳ кун, бидеҳ.

Подшоҳ духтарро аз болои арк фаровард, никоҳ кард, ба бача дод. Бача духтарро гирифт, ба ҷои подшоҳ подшоҳ шуд.

Сағира ба муроди худ бирасид, шумо ҳам бирасед.

## *Луғат:*

1. *Гирәме*—мегирам. 2. *Ай*—аз. 3. *И*—ин. 4. *Дилгирәмә*—дилгирам, дилгир ҳастам. 5. *Надәме*—намедиҳам. 6. *Мешавәм*—мешавам. 7. *Курра*—той; аспи чилкурра—яке аз персонажҳои машҳури афсонаҳои сеҳрангези тоҷикӣ аст, ки зебоӣ ва 40 той таваллуд кардаи ӯ диққати қаҳрамонҳои афсонаҳоро ба худ мекашад. 8. *Думб*—дум. 9. *Нагара*—нашавад. 10. *Сиёра*—сиёҳро. 11. *Якта*—яктак, либоси сабуки рӯй. 12. *Умадай*—омадай. 13. *Яксар кардан*—ҷамъ кардан. 14. *Баҷо шудан*—пинҳон шудан, руст шудан. 15. *Ёд монад ба ҳамаи дигар*—барои дигарон ибрат шавад.

### 4. ХОЛДОНАИ ПАРИЗОДА

Як подшоҳ буд, се бача дошт. Вақто ки бачагонаш занхоҳ шуданд, подшоҳ ба онҳо гуфт:

— Равед, тир андозед ба ҳар тараф.

Бачаҳо рафтанд, тир андохтанд. Тири бачаи калонӣ ба дари хонаи қозӣ зад. Бачаи миёна тир андохт, тираш ба дари хонаи муфтӣ зад. Бачаи хурдӣ тир андохт, тираш ба сангоб[1] расид.

Духтари қозиро бачаи калонӣ гирифт, духтари муфтиро миёнагӣ гирифт. Бачаи хурдӣ ба сангоб рафт, тири камони худро дар дасти ғуке дид, ғукро гирифт ба хона омад. Ин ғук Холдонаи Паризода буд. Аз хушрӯгиаш лиқоба[2] пӯшида буд. Бачаи хурдӣ ӯро ба хонааш овард. Чанде хапу хафа қатии ғук шишт, баъд ғук гуфт:

— Ман ғук нестам, ман дар зери лиқоб ҳастам.

Бача гуфт:

— Ҳамин лиқобатро парто, ба шакли одам даро.

Холдона гуфт:

— Ман бисьёр хушрӯй ҳастам, ба худ душман пайдо мекунӣ.

Бача лиқобашро гирифт, сӯхт.

Пагоҳ рӯз шуд, акаи калонӣ омад, Холдонаро дид, аз ҳуш беҳуш шуд. Баъд хест, рафт пеши падараш, гуфт:

— Саратро мебуррам, ба бачаи хурдиат зани хушрӯй додӣ, ба ман зани ганда!

Падараш гуфт:

— Сари маро набур, бачаро ба як ҷое равон мекунем, ки рафтанаш бошад, омаданаш не.

— Хуб!—гуфт.

Пас подшоҳ писари хурдиашро ҷег зад, гуфт:

— Рав, аз аҳволи бобию[3] бибиат аз ҷаннат хабар биёр!

Бача хест, пеши Холдонаи Паризода рафт. Холдона гуфт:

— Эй, бача, чӣ шуд, ки ранги ту паридааст?

Бача гуфт:

— Падарам фармуд, ки ба ҷаннат рафта, аз ҳоли бобою бибиамон хабар биёрам.

Занаш гуфт:

— Илоҷи ин фиреби падари шумо осон аст. Ман се себ меорам аз паси кӯҳи Қоф, шумо ба подшоҳ бигӯед, ки—ҳамаи халқи мамлакатро аз пири ҳафтодсола то бачаи ҳафтсола ҷамъ кунед, ҳезум биёранд, ҳезумро тӯда кунед, ман ба болояш мебароям, баъд аз чор кунҷаш алов бизанед, ман парида аз ҷаннат хабар меоварам.

Пагаҳ рӯз шуд. Он чи Холдонаи Паризода гуфта буд, бача иҷро кард. Бо фармони подшоҳ аз пири ҳафтодсола то бачаи ҳафтсола ҷамъ шуда, ҳезум оварданд, тӯда карданд, алов заданд. Ҳолдонаиа Паризода бачаро аз алов гирифт, ба хонааш бурд гуфт:

— Равед акнун пеши падар, ин се себро бидиҳед, бигӯед: „Э, падар, ман ба шумо хабари нек овардам: бобию бибӣ гуфтанд, ки худи онҳо ҳам як бор биёянд“.

Бача пеши падараш омад, суханҳои Ҳолдонаро гуфт. Подшоҳ ва акаҳои бача аз вай пурсиданд:

— Мо чӣ сурат[4] меравем?

Бача гуфт:

— Ҳамон сурат, ки ман рафтам.

Баъд подшоҳ фармон дод: аз пири ҳафтодсола то бачаи ҳафтсола ҳезум оварданд, тӯда карданд, подшоҳ бо акаҳои бача ба болои ҳезум баромаданд, аз чор бурҷ алов заданд.

Саҳарӣ хестанд, диданд, ки сухтаанд, хокистар шудаанд.

***Луғат:***

1. *Сангоб*—лаби серсанги дарьё. 2. *Лиқоб*—аслаш никоб аст дар афсонаҳо пӯшоки сеҳрангез аст, ки пӯшандаро ба шаклҳои гуногун (ғук, кабӯтар, саг ва ғайра) медарорад. 3. *Бобӣ*—бобо. 4. *Сурат*—тарик, тарз.

## 5. ВОЛВОЛАК

Як подшоҳ буд, се фарзанд дошт: якаш духтар буд, дутааш бача. Вақте шудааст, ки яке аз бачаҳо ба зангирӣ расидааст. Он бача гуфт:

— Ман монанди хоҳарам ҳеҷ касро хушрӯй надидам, меравам аз шаҳр ба шаҳр мегардам, агар духтаре монанди хоҳарам хушрӯй мебинам, мегирам, агар не, хоҳарамро мегирам.

Баъд як рӯз гандумҳоро бароварданд, ки бишӯянд, духтарро фармуданд, ки посбонӣ кунад. Як акка омадааст ба духтар гуфтааст:

— Як дона ба ман бидеҳ, ки як гапи некро ба ту мегӯям.

Акка донаро гирифта гуфтааст, ки туро ба занӣ ба акаат медиҳанд. Духтар бовар накард.

Боз ба духтар гӯштҳоро доданд, ки бурда шуста биёр. Дар ин вақт пишак омада гуфт:

— Эй духтар, камтар гӯшт диҳӣ, ба ту як хабари нек мегӯям.

Духтар гушт дода, боз ҳамон гапро шунид.

Боз як кампир омадааст, гуфтааст:

— Камтар гандум дар халтаам андозӣ, як гапи некро ба ту мегӯям. Кампир гандум гирифта гуфт:

— Туро ба акаат медиҳанд.

Ин дафъа бовар кард ва ба пеши устои қишлоқ рафта хоҳиш кард:

— Як волволак битарош, то ки ман аз ин қишлоқ гурезам, ба ту зари бисьёр медиҳам.

Усто тарошиду гуфт:

— Ҳар вақте ки мехоҳӣ боло биравӣ, чӯбро боло битоб, ҳар вақте ки мехоҳӣ поён биравӣ, чубро поён битоб.

Баъд духтар сувор шудааст, гуфтааст:

Волволаки вол, болотар бивол[1]
Ту, чубаки сандалвол, болотарэм биброр.

Чуб духтарро боло баровардааст·

Очаш хабардор шудаст, дар руи боми хона·баромадааст, ғуфтааст:

— Э духтарам, бифро, ҳар касе чизе гуфтааст, ба ту дуруғ гуфтааст.

Духтар нафуромадаасту гуфтааст:

— Он вақте очам будӣ олӣ хушдоманам шудӣ.

Баъд падараш баромадааст, ба духтар гуфтааст:

— Эй, духтарам, бифро, ҳар касе чизе ба ту гуфтааст, дурӯғ гуфтааст.

Духтар боз болотар рафтаасту гуфтааст:

Он вақте падарам будӣ,
Олӣ хусурәм шудӣ.
Волволаки вол, болотар бивол,
Ту, чубаки сандалвол, болотарәм биброр.

Боз акааш баромадааст, гуфтааст:

— Э хоҳар, бифро, ҳар касе чизе гуфтааст, аз бадиаш гуфтааст.

Духтар ҷавоб додааст, ки:

Он вақте ки акам будӣ,
Олӣ шӯи ман шудӣ.
Волволаки вол, болотар бивол,
Ту, чӯбаки сандалвол, болотарәм биброр.

Боз додаракаш баромадааст, гуфтааст:

— Э апа, биё, агар наоӣ, маро қатии худат бибар.

Баъд духтар ба поён фуромадааст, ба додараш гуфтааст:

— Пои маро сахт биқап, туро боло мебарорам. Додаршро гирифтааст, сувор кардааст, ба боло бурдааст.

Баъд гуфтааст:

Волволаки вол, болотар бивол,
Ту, чӯбаки сандалвол, болотарәм биброр.

Ба боло расидаанд, ки додаракаш ташнаи об шудааст. Рафтаанд дар як дара, дар он ҷо як ҳавзи ғукоба будааст. Додаракаш гуфтааст, ки аз ҳамин об мехӯрам. Апааш гуфтааст, ки:

— Нахӯр, агар аз ҳамин об мехӯрӣ, ғук мегардӣ. Бача нахӯрдааст. Баъд рафтаанд, ки додаракаш боз ташнаи об шудааст. Дар як дара расидаанд, ки дар он ҷо як оби мороба буд. Бача мегӯяд:

— Апа, ман аз ҳамин об мехӯрам.

Апааш гуфтааст:

— Аз ин об нахӯр, ки мор мегардӣ.

Бача аз он об нахӯрдааст. Баъд чанд роҳи дигар рафтаанд, дидаанд, як ҳавзи дигар, бача гуфтааст:

— Апа, ман аз ҳамин об мехӯрам.

Апааш гуфтааст:

— Нахӯр, ки аз ин ҳавз нахчирон[2] об мехӯранд. Агар об хӯрӣ, нахчир мегардӣ.

Баъд додараш гуфтааст:

— Апа, ман аз ҳамин об мехӯрам, чунки нахурам, мемурам.

Апааш гуфтааст:

— Нахӯр, ки нахчир мегардӣ. Баъд додараш аз ҳамон об хӯрдаасту нахчири якшох гаштааст. Апааш дидааст, ки додараш нахчир гаштааст. Баъд духтар рафтааст, дар лаби як ҳавз як хаспӯшак сохтаасту истодааст.

Як рӯз подшоҳе ба шикор омадааст, баъд хусни зебои духтарро, ки дидааст, ошиқ шудааст. Духтар бисьёр хушрӯй будааст. Баъд подшоҳ духтарро гирифтааст, ба хонааш бурдааст, тӯй кардааст.

Он подшоҳ, ғайр аз он духтар, боз ду зани дигар доштааст. Пас аз чанд вақт, як рӯз подшоҳ ба шикор рафтааст, он ду зан боғчунҳояш[3] алвонҷ андохтаанд дар як чанори калон. Дар таги он чанор як ҳавзи калон будааст, он ду зан дар сари чанор чарбу мондаанд, баъд пишакро насиҳат карданд, ки „агар он духтар ояд, ту рав, чарбуро бихӯр, бандро хоидан гир“.

Баъд аз он ки духтар алвонҷ рафтааст, пишак бандро хоидан гирифтааст. Духтар дар даруни ҳавз ғалтидааст, нӯги гесӯяш дар навдаи чанор сахт шудааст. Дар даруни ҳавз як манҷа[4] будааст, духтар рӯи ҳамон манҷа ғалтидааст. Вай дар он ҷо як бача ёфтааст, як духтар.

Бачааш буд нукрапешонӣ, духтараш заркокул. Баъд як гаҳвора аз як бараш мондааст, як гаҳвора аз бари дигараш, худаш дар миёна. Бачаашро Шоҳҳусейн ном мондааст, духтарашро Моҳҳусейн.

Вақте ки подшоҳ духтарро аз саҳро оварда будааст, додаракаш ҳам ба шакли нахчир аз ақибаш омада будааст ва дар ҷову пои онҳо истиқомат мекардааст. Вай ҳама воқеаро медонистааст, фақат гап намезадааст. Як рӯз боғчунҳо куштанӣ шудаанд, вай фаҳмидааст, ба лаби ҳавз омадааст, гуфтааст.

— Апа, апа, маро мекушанд боғчунҳоят.

Духтар гуфтааст:

— Шоҳҳусейну Моҳҳусейнам дар канор. Почи мӯям дар чанор. Хар кас, ки туро мекушад, пушти кордаш дами корд, дами кордаш пушти корд.

Рафтааст, ки дар вақти куштанаш дами корд чаппа гаштааст. Боз чанд бори дигар куштанӣ шудаанд, лекин куштанаш натавонистаанд.

Баъд, подшоҳ аз шикор омадааст. Ин воқиаи ба лаби ҳавз рафтани нахчирак ва шунидани овозро фаҳмидааст.

Он подшоҳ молу гов бисьёр доштааст, баъд ба молу говаш каҳ додаанд, об надодаанд. Баъд ҳуяшон кардаанд, молҳо омада, оби ҳавзро ҳамаашро хӯрдаанд, ҳавз қоқ шудааст. Баъд дидаанд, ки духтар як гаҳвора аз як бараш, яктаи дигар аз бари дигар, алла мегуфтааст. Баъд подшоҳ омадааст, духтарро гирифтааст гаҳвора қатӣ, баъд аз сари нав тӯй додааст.

Боғчунҳои он духтарро дар думи байтал бастааст, айғирҳоро аз думи онҳо сар додааст. Баъд он ду боғчун аз зарби давидани аспҳо тика-тика шудаанд.

Онҳо он ҷо буданд, мо омадем.

***Луғат:***

1. *Бивол*—бичунб, харакат кун. 2. *Нахчир*—оҳу, *нахчирон*—оҳуҳо. 3. *Боғчун*—кундош. 4. *Манҷа*—қати васеи чӯбин.

## 6. ФАЛОКАТ

Як мардак буд, як зану ду писар дошт. Мардак ба занаш гуфт:

— Бихез, ба як мулки дигар меравем, подабонӣ мекунем, рӯзгузаронӣ мекунем.

Онҳо рафтанд. Рафтанд ба як дашт аз гушнагӣ қариб ба ҳалокат расиданд. Баъд шавҳараш хест, пеши шутурбонҳо-савдогарҳо рафт. Яке аз онҳо ӯро дида гуфт:

— Дуздӣ?

Мардак гуфт:

— Не, мо одами гушнаву ташна ҳастем, ду бача ва занам дар дашт гушна монданд, ман ба пеши шумо барои луқмаи ноне омадам.

Калони савдогарҳо яке аз навкаронашро фиристод, ки биравад, бибинад, ки мардак рост мегӯяд ё дурӯғ. Навкар рафт дид, ки занаш соҳибҷамол аст. Омад, гуфт, ки:

— Зани ӯ бисьёр хушрӯй аст.

Даррав ба мардак доруи беҳушӣ доданд, рафтанд, занакро ба сандуқ андохтанд, бо худ бурданд. Мардак ба худ меояд, мебинад, ки занаш нест. Аз бачааш мепурсад, ки:

— Очаи ту куҷо шуд?

Бачааш гуфт:

— Як мардак омад, очаамро ба сандуқ андохт, бурд.

Мардак ғамгин гашт, оҳи сард аз дили пурдард кашид, гуфт:

— Фалокат ёрам шуд!

Баъд бачаи хурдӣ дар даст, бачаи калонӣ аз кафо рафтан гирифт. Яке гурге пайдо шуд, калониашро гирифт рафт. Бачаи хурдӣ гуфт:

— Э, падар, акаамро гург бурд!

Падараш гашт, бачаи хурдиро монд, аз қафои гург давид, ногаҳ дид, хурдӣ ба дарьё афтод. Баъд он мардак бо худаш гуфт:

Ин чӣ фалокат буд, ки бо ман ёр шуд. Баргашт, зор-зор гирист, рафтан гирифт:

— Ҳеҷ кас ягон коре дорад, ки ман кунам?

Як одам гуфт:

— Ҳеҷ ҷувозронӣ метавонӣ?

Гуфт:

— Албатта, метавонам.

Мардак чанд вақт ҷувозронӣ мекард. Рӯзе шуд, ки ҳокими он мамлакат бимурд.

Ҳамаи халқро ғун карданд, бози давлат[1]-ро ҳаво доданд. Бози давлат меравад, мешинад дар пересаи[2] ҷувозхона. Баъд пурсиданд:

— Э, дар ин ҷувозхона касе ҳаст?

Гуфтанд:

— Як мардаки нокора ҳаст. Мардакро баровbooth, бози давлат рафт, нишаст дар рӯи гардани он мардак. Се бор ҳаво доданд, се бор омада дар руи гардани он мардак нишаст. Ӯро бурданд, подшоҳ карданд.

Он вақт даҳмарда[3], ки бачаи калониашро аз даҳани гург халос карда буд, бачаро гирифта, ба пеши подшоҳ овард, хоҳиш кард, ки бача ба подшоҳ хизмат кунад. Ӯро дастурхончӣ карданд. Бачаи хурдиро пири моҳикаш аз дарьё гирифта буд, ӯ ҳам он бачаро овард, ба подшоҳ супорид.

Рӯзона он ду бача мехезанд, ҳавлиро об мезананд, мерӯбанд, шаб яке аз дигаре мепурсад:

— Хеҷ гап медонӣ?

Гуфт:

— Ҷӯра, ман оча доштам, падар доштам, аз ватан сафар кардем, ба як дашт расидем, падарам барои авқот рафт, дуздҳо омаданд, очаамро ба сандуқ андохтанд, бурданд.

Бачаи майда гуфт:

— Ин хел ки бошад, ту акаам мешавӣ.

Ҳамдигарро шинохтанд, хурсанд шуданд.

Баъд аз чанд вакт он савдогаре, ки зани мардакро ба сандуқ андохта бурда буд, ба ин шаҳр омад, дар назди қасри подшоҳ сарое буд, ба он сарой даромад, хоб кард.

Бачаҳо бозӣ карда ба сарой даромаданд, ба рӯи сандуқ нишастанд, яке номи дигареро гирифта фарьёд мекунад.

Очаашон аз даруни сандуқ аз овозашон онҳоро мешиносад, мегӯяд:

— Э, бачаҳои ширин, шумо писарони ман ҳастеду ман очаи шумо.

Бачаҳо сандукро мекушоянд, модарашонро мегиранд, ба пеши подшоҳ мераванд. Подшоҳ занашро мешиносад, бачагонашро мешиносад. Баъд мардумро ҷамъ мекунад, базму бозӣ, тӯй медиҳад. Баъд савдогарро ба думи ду асп мебанданд, аспҳо медаванд, савдогар пора-пора мешавад.

***Луғат*:**

[1]. *Бози давлат*—одатан дар афсонаҳои тоҷикӣ подшоҳро халк интихоб мекунад: бози махсуси ромгардидаеро ба ҳаво сар медиҳанд, ба сар (ё китфи) касе, ки боз нишинад, онро подшоҳ интихоб мекунанд. Ин факт орзӯи оммаи меҳнаткашро дар бораи ба тарзи интихобот ташкил шудани давлат инъикос мекунад (эзоҳи муҳаррирон). [2]. *Пореса*—полиса ё худ, пориса қисми аз девори хона, як андоза пештар бaромадаи бом аст. [3]. *Даҳмарда*—чӯпон.

## 7. МУРДАИ СӮЗАНПУР

Як подшоҳ будааст, як зан доштааст, як духтар. Духтари ӯ як каниз доштааст.

Рӯзе духтар бо канизаш ба сайр баромадааст. Ба як боғ расидаанд. Дар боғ як хонае будааст. Дар дари хона навиштагӣ: хар кас, ки даромада сӯзанҳои бада-

ни писари подшоҳро чинад, писари подшоҳ зинда мешавад, уро ба занӣ мегирад. Канизак даромадааст. Чанд шабона рӯз хоб накардааст, авқот нахӯрдааст, ҳамаи сӯзанҳоро чиндааст, фақат як сузани кафи по мондааст. Духтарак берун баромадааст, ки духтари подшоҳ омада, сӯзани мондагии кафи пои мурдаро кандааст, мурда зинда шудааст. Баъд хестааст, гуфтааст:

— Касе ки сӯзанҳои маро чиндааст, ман ҳамонро ба занӣ мегирам. Баъд ба занӣ гирифтааст. Канизак омадааст, мурда зинда шудааст, духтари подшоҳро ба занӣ гирифтааст.

Рӯзе он ҷавон ба бозор рафтааст. Занаш—духтари подшоҳ, ба ӯ гуфтааст:

— Барои ман як либоси шоҳии сурх биёред!

Канизак гуфтааст:

— Барои ман як санг биёред!

Ҷавон аз бозор омадааст, ба занаш як либоси шоҳии сурх овардааст, ба канизаш як санг. Канизак ҳамон сангро гирифтааст, рафтааст, дар як паси девор сирри дилашро ба он санг гуфтааст:

— Е ман бикафам, ё ту,—гуфтааст духтар.

Санг кафидааст, ҷавон дидааст, ки даруни санг пури зардоб аст. Баъд ҷавон аз канизак пурсидааст:

— Ту чӣ ғам хӯрдаӣ, ки даруни санг пури зардоб шудааст?

Духтар гуфтааст:

— Ҳамаи сӯзанҳои туро ман чиндам, дар кафи поят як сӯзани дигар монда буд, ман берун баромадам, он духтари подшоҳ ҳозир шудааст, ҳамон сӯзани кафи поятро кандааст. Ту хестӣ, ӯро ба занӣ гирифтӣ.

Он ҷавон фаҳмидааст, он канизакро ба занӣ гирифтааст, он духтари подшоҳро каниз кардааст.

## 8. ТӮҚЛИБАРРА

Будааст, набудааст, як кампир будааст. Кампир чорсадта гӯсфанд, як пишак[1] доштааст. Як руз кампир дар пеши дегдон[2] истода будааст, ки пишак омадааст, мияв-мияв кардааст. Кампир гуфтааст:

— Чӣ хабар дорӣ, э, пишак?

Пишак гуфтааст, ки:

— Як хабари хуш дорам, агар як думбаи гӯсфанд диҳӣ, мегӯям. Кампир гуфтааст:

— Медиҳам, бигӯ.

Баъд пишак гуфтааст:

— Як гӯсфандат як барра ёфтааст[3], нисфаш одам, нисфи дигараш гӯсфанд аст.

Кампир рафтааст, он барраро овардааст. Ба ӯ Туқлибарра ном додааст. Чанд рӯз гузаштааст, ки Туқлибарра гуфтааст:

— Модар, барои ман як хар тайёр кун, кулча[4] кун, ман гӯсфандҳоятро ба саҳро мебарорам. Кампир кулча пухтааст, як хар тайёр кардааст, гӯсфандҳоро ба Туқлибарра додааст. Туқлибарра гӯсфандҳоро бурдааст, чанд моҳ чаро додааст[5].

Як рӯз ба авқотпазӣ сар кардааст, ки дар ҳамин вақт як одами калон омадааст, як санги калон дар дасташ. Туқлибарра пурсидааст:

— Э одами калон, куҷо меравӣ? Он марди калон гуфтааст:

— Омадам, ки бо Туқлибарраи зарринкамар гӯштин гирам. Туқлибарра хестааст, гуфтааст:

— Манам!

Баъд хестаанд, гӯштин гирифтаанд се шабу рӯз. Баъд Туқлибарра он мардакро бардошта ба замин задааст, корд ба гулӯяш мондааст, гуфтааст:

— Туро мекушам.

Он мард гуфтааст:

— Маро накуш, ту тоқай, аз як бародар ду бародар мешавем, зиндагӣ мекунем. Баъд авқот кардаанд, дидаанд, ки як каси дигар омада истодааст. Туқлибарра пурсидааст:

— Ту чӣ хел одамӣ? Куҷо меравӣ?

Гуфтааст:

— Ман омадам, ки бо Туқлибарра гуштин гирам.

Баъд Туқлибарра хестааст, гӯштин гирифтааст, онро ҳам задааст. Вай одам ҳам ба Туқлибарра шарик шудааст.

Баъд ҳар се хестаанд, рамаро гирифта ба як ҷои дигар бурдаанд.

Шаб шудааст, рафтаанд ба хонаи як кампир.

— Оча, ба мо ҷой бидеҳ, ки шаб хоб равам,—гуфтааст Туқлибарра.

Кампир гуфтааст:

— Хонаи ман танг аст, худам ҷой мешавам, каси дигар не.

Туқлибарра пул бароварда, ба кампир додааст. Кампир кӯрпача партофтааст, хоб шудаанд.

Нимишабӣ Туқлипаҳлавон ба берун баромадааст, дидааст, ки дар қишлоқ гирьяву мотам аст. Ба хона даромада аз кампир пурсидааст:

— Бибӣ, ин чӣ воқеаест, ки дар як сӯи қишлоқ мотам, дар сӯи дигар хандаву бозӣ?

Кампир гуфтааст:

— Дар қишлоқи мо як аждаҳор пайдо шудааст, дар ҳавзи подшоҳ истиқомат дорад, ҳар шаб як касро мехӯрад. Пагоҳ навбати духтари подшоҳ аст, одамон дар ҳаққи ӯ гириста истодаанд.

Бача пагоҳ барвақт хестааст, шамшерашро тез кардааст, ба лаби ҳавзи подшоҳ расидааст, дидааст, дар он ҷо як духтари хушрӯй мегирьяд, дар паҳлуи духтар чиҳил тӯқуз нон ва чиҳил гови бирьён истодааст.

Духтар бачаро дида гуфтааст:

— Барои чӣ омадӣ, маро мехӯрад бас набуд, ки туро ҳам хӯрад. Бача гуфтааст:

— Ман туро халос мекунам. Вақте ки аждаҳор баромад, маро хабар кун.

Туқлибарра хоб кардааст. Яке аждаҳор баромадааст, духтар гирья сар додааст. Оби чашми духтар ба параи рӯи бача чакидааст. Бача ларзидааст, аз хоб бедор шудааст, дидааст, ки аждаҳор даҳонашро боз карда баромада истодааст.

Бача шамшерро кашида аждаҳорро ду пора кардааст, баъд ба як даст гирифта, ба девори масҷид аждаҳорро кашол кардааст.

Мардум омадаанд, дидаанд, ки дар девори масҷид як чизи аҷоиб кашол аст. Пеши подшоҳ рафтаанд, подшоҳ омадааст, дидааст, ки мурдаи аждаҳор кашол аст. Фармудааст, ки кушандаро ёбанд, биёваранд. Кофтаанд, кофтаанд, аз пири ҳафтодсола, то кудаки ҳафтсола овардаанд, ҳеҷ кас мурдаи аждаҳорро бардошта натавонистааст. Рафтаанд ба як хона, он бачаро ёфтаанд, овардаанд, бача аждаҳорро ба як дасташ бардоштааст. Баъд ҳама бовар кардаанд, ки ҳамин бача аждаҳорро куштааст.

Туқлибарра духтари подшоҳро гирифтааст, подшоҳ боз ду духтари дигар доштааст, ин ду духтарро ба ду шарики худ додааст, бибии кампирашро овардааст, тарбия кардааст, ба муроду мақсадаш расидааст.

*Луғат.*

1 *Пишак*—гурба. 2. *Дегдон*—ошдон, оштон. 3. *Ёфтан*—ин чо ба маънои таваллуд карданро дорад. 4. *Кулча*—тӯшаи асосии дарвозиён аст. 5. *Чаро додан*—чаррондан.

## 9. ОДИНА

Буд набуд, як бача буд, вай Одина ном дошт. Як дона ёфт. Рӯзе гуфт ки:

— Ӯро бихӯрам ё бишинонам? Бишинонам рог мешавад, бихӯрам, дили ҳамсоя доғ мешавад.

Баъд, донаро шинондааст, гуфтааст:

— Омадам, агар набаромада бошӣ, аз решаат меканам, мепартоям. Омадааст, дидааст, ки дона дарахт шудааст, калон шудааст, гуфтааст, ки:

— Боз меоям, агар гул накарда бошӣ, аз решаат меканам, дар масчид алов мекунам.

Омадааст, ки гул кардааст. Баъд гуфтааст:

— Боз меоям, агар ғӯра накарда бошӣ, аз решаат меканам, мепартоям.

Омадааст, ки зардолуҳо сурх шудаанд. Дар болояш баромадааст, хӯрдан гирифтааст.

Як девкампир калтак дар даст, ба пеши дарахт омадааст, гуфтааст:

— Э Одина, як зардолу ҳаво деҳ!

Одина ҳаво додааст, кампир бақап накардааст[1]. Баъд кампир гуфтааст, ки:

— Ман як кампири очизам, чашмам намебинад, ба тоқият бичин, биёр ба чуволам андоз.

Одина чидааст, овардааст, кампир Одинаро гирифтааст, ба чувол андохтааст, сари чуволро дӯхтааст, бурдааст. Дар як даште чуволро мондааст, аз пеши чувол дӯртар рафтааст, ки Одина бо кордча чуволро бурридааст, баромадааст, баъд чуволро бо сангҳо пур кардааст. Кампир чуволро бардоштааст, хеле вазнин, гуфтааст:

— Эй бачаатро бикушад, Одина, ачаб вазнин ҳастӣ.

Одина бирафтааст, ба болои зардолу баромадааст, хӯрда нишастааст.

Кампир ба хонааш рафтааст, духтаронашро бедор кардааст, ки бихезед, Одинаро биёвардам, алав кунед, мепазем, мехӯрем. Баъд рафтаанд, алав кардаанд, дегҳоро шустаанд, об андохтаанд, ҷуволро ба дег холӣ кардаанд, ки яке дег шикастааст.

Баъд кампир рафтааст ба таги зардолуи Одина, гуфтааст:

— Як дона ҳаво бидеҳ, бихӯрам. Одина гуфтааст:

— Э, девкампир, маро бурдӣ, ман гурехтам, ту боз омадӣ. Кампир гуфтааст, ки:

— Ман он кампир нестам, бачаи он беваро худо бикушад, наход ки ман туро барам, бикушам, бихурам!

Одина зардолуро дар тоқӣ чидааст, овардааст. Кампир Одинаро гирифтааст, ба даруни хӯрҷин андохтааст, ба хонаи худ овардааст.

Баъд кампир гуфтааст:

— Эй, духтарон, бихезед, алов кунед, ки Одинаро биёвардам. Духтаронаш хестаанд, алав кардаанд. Одина хестааст, духтаронро куштааст, худаш дар рӯи бом баромадааст. Баъд кампир омадааст, Одинаро дар рӯи бом дидааст, пурсидааст, ки:

— Э, Одинаҷон, ту чӣ хел болои бом баромадай.

Одина гуфтааст:

— Белро тасфондам, болои вай нишастам, бел маро баровард. Кампир белро тасфондааст, болои он нишастааст, сӯхтааст, мурдааст. Одина аз девкампир халос шудааст. Онҳо он ҷо буданд, мо омадем.

***Луғат:***

1. *Бакап кардан*—дошта гирифтан, қапидан, дастгир кардан.

### 10. ЗАНИ ДОНО

Бозургоне[1] буд, як зан дошт. Занаш бисьёр зани хушруй буд. Як рӯз бозургон хест ба шаҳри Миср бозургонӣ рафт. Занаш гуфт ки:

— Эй, бозургон, рафта ба ман чӣ меорӣ?

Бозургон гуфт ки:

— Эй, зан, тамоми молҳои ман дар туанд.

Гуфт ки:

— Ман аз ту мол талаб намекунам. Ба ту роҳ нишон медиҳам.

Бозургон гуфт ки:

— Ба ман чӣ роҳ нишон медиҳӣ?

Гуфт:

— Дар кучое, ки рафтӣ, гапи зан назан.

Бозургон гапҳои занро шунида, баромада, дар чулу биёбон рафт. Ба муддати як моҳ роҳ гашт. Ба шаҳри Миср расид. Намози шоми торик шуда буд. Ҷое наёфт, ки бишинад. Як мӯйсафедро дид.

Гуфт ки:

— Эй, бобои мӯйсафед! Ҳамин шаб як ҷое бидеҳ, ки ман хоб кунам.

Он мӯйсафед гуфт:

— Бисьёр хуб.

Мӯйсафед пеш-пеш даромад, бозургон аз қафои ӯ ба даруни меҳмонхона рафт. Мӯйсафед чӣ қадар зиёфатҳои хуб кард, чойҳои бо қанд овард, бозургон хӯрд. Тамоми одамҳоро хоб бурд.

Мӯйсафед, соҳиби хона, як пишак овард. Ду чароғ даргиронд, дар гӯшҳои пишак зад.[2] Гуфт ки:

— Эй пишак, агар биҷунбӣ, сари туро мебурам.

Мӯйсафед худаш шатранҷбоз[3] буд. Тахтаи шатранҷро оварда монд. Ҳамчунон шатранҷбозӣ кард, ки ҳамаи молҳои бозургонро бурд. Бозургон гашт, гуфт ки:

— Эй шатранҷбоз, ман зане дорам, ки агар бишунавад, чизҳоро аз ҳалқи ту кашида мегирад.

Шатранҷбоз гуфт ки:

— Эй бозургон, дилат аз занат пур аст?

Гуфт:

— Албатта!

Гуфт ки:

— Эй, меҳмон, чӣ мешавад, агар ман либосҳои зани туро гирифта биёрам?

Гуфт:

— Рафта, агар ту либосҳои зани маро биёрӣ, сари маро бурида бигир. Агар наёрӣ, сари туро ман мебурам.

Бозургон дар хонаи ҳамин шатранҷбоз истод. Шатранҷбоз баромада дар чулу биёбон зада, рафтан гирифт. Муддати бисту панҷ рӯз роҳ гашт. Ба қишлоқи ҳамин бозургон расид. Ба хонаи як кампир рафт. Гуфт, ки:

— Эй, оча, ҳамин шаб раҳ бидеҳ, дар хонаи ту хоб равам.

Гуфт:

— Бачам, хонаи ман бисьёр танг аст.

Бадар карда як тилло, ба кампир дод. Кампир намаду кӯрпачаи нағз андохт. Шаб шатранҷбоз ба хонаи кампир даромада, хоб кард. Пагоҳ бедор шуд, гуфт ки:

— Рафта, агар либосҳои зани бозургонро оварда ба ман бидиҳӣ, сад тилло ман ба ту медиҳам.

Кампир хест, кулчаҳои равғанин гирифта, ба дари хонаи бозургон рафт. Дарвозаи бозургон қулф буд. Гуфт ки:

— Эй, зани бозургон, дарро бикушо.

Зани бузургон омада дарро боз кард. Кампирро аз дасташ гирифта, ба даруни хона бурд. Зиёфатҳои нағз кард. Зани бозургон пурсид, ки:

— Эй оча, аз куҷо омадай?

Кампир гуфт ки:

— Як бача доштам, се моҳ шудааст, ки мурдааст. Сохти[4] бозургони шавҳари ту буд. Дина шунидам, ки бозургон аз шаҳри Миср омадааст, омадам, ки бозургон бо занаш куртаи нав мекунад, гуфтам, ки куртаи кӯҳнаи худро ба ман медиҳад.

Зани бозургон гуфт ки:

— Эй, оча, ту лучӣ?

Гуфт, ки:

— Ҳо, худам ва набераҳоям луч ҳастанд.

Зани бозургон аз ҷояш хест, ба даруни хазина даромад. Ду тӯп чит овард ба кампир дод.

Кампир гуфт ки:

— Чашми ман намебинад, ки ӯро пора карда, бидӯзам.

Зани бозургон мошинаро овард, читро пора-пора карда, шаш курта дӯхта дод. Зани бозургон гуфт ки:

— Эй оча, баромада аз хонаам рав.

Гуфт, ки:

— Эй зани бозургон, ман бисьёр шалпар шудам, ҳамин шаб дар хонаи ту хоб мекунам.

Ҳар чанд гуфт, кампир аз хонаи бозургон нарафт. Зани бозургон аз ҷояш хест, кампирро ҳамчунон шаттакорие кард, ки доди кампир баромад. Аз дарвоза берун кард. Кампир ба хонааш рафт. Шатранҷбоз гуфт ки:

— Эй кампир, либосҳои зани бозургонро овардӣ?

Гуфт, ки:

— Эй, шатранҷбоз, ҳамчунон кӯфт, ки то як моҳ сиҳат намешавам.

Гуфт, ки:

— Чӣ кор мекунем?

Гуфт:

— Ман ба ту як роҳ нишон медиҳам. Дар ҷои хоби ҳамин зан як ҳуҷраи майдааст, дар тарафи рости кати хоб мекардагиаш як дарича. Даричаро воз кун. Либосҳояш дар сари мех кашол, бо чангаки оҳанӣ онҳоро бикаш, бигир.

Шатранҷбоз гапи кампирро гирифт. Шаб ба дари хонаи зани бозургон рафта, пӯшокҳоро кашида гирифт. Шатранҷбоз баромада дар ҷӯлу биёбон рафт.

Пагоҳ зани бозургон аз хоб бедор шуд, пӯшокҳояшро наёфт.

— Сад дареғ, ки бозургонро куштанд!—гуфт вай.

Аз ҷояш хест, сару авзори мардина[5] пӯшид. Аспи хубе дошт, аспро зин кард. Камон дар кифт андохт, корд дар миён баст. Дар асп савор шуд, баромада ба ҷӯл рафт. Бист рӯз роҳ гашт, намози шом буд, ки шатранҷбозро дар шаҳри Миср дарьёб кард. Шатранҷбоз гашт, тамошо кард, ки як подшоҳбачаи хушрӯй ба пешаш омад.

Зани бозургон аз пеши шатранҷбоз гузашт, ба даруни шаҳри Миср даромад. Ба пеши подшоҳи шаҳри Миср рафт. Подшоҳ подшоҳбачаро дид, ки аҷаб подшоҳбачаи хушруй. Боло, дар бари худаш гузарондаш. Пурсид:

— Эй, подшоҳбача, ту аз куҷо омадай?

Гуфт:

— Ман аз шаҳри Бағдод омадаам ва подшоҳи шаҳри Бағдод ҳастам.

— Чӣ талаб дорӣ,—гуфт,—ки дар пеши мо омадӣ?

Гуфт:

— Хоҳиш дорам, ки се рӯз подшоҳии худатро ба ман бидиҳӣ.

Се рӯз подшоҳи шаҳри Миср шуда, подшоҳӣ кард.

Пагоҳ рӯз шуд, шатранҷбоз либосҳои зани бозургонро бурда ба дасти шавҳараш дод. Бозургон бисьёр хафа шуд. Дастҳои бозургонро баст, ба пеши подшоҳ овард. Подшоҳ пурсид:

— Инро аз куҷо овардай?

Гуфт, ки:
— Бо ҳамин мо шарт карда будем.
Гуфт:
— Чӣ шарт карда будед?
Гуфт ки:
— Шарт карда будем, ки агар рафта, либосҳои зани ӯро биёрам, сари ӯро мебурам. Рафта, имрӯз либосҳои занашро овардам. Хоҳиш дорам, ки сари ҳаминро ҷаллодони шумо бурида ба ман бидиҳанд.
Подшоҳ пурсид ки:
— Либосхои зани ҳаминро ту дуздидай, ё рушод[Б] додааст?
Гуфт, ки:
— Рафтам, талабидам, худаш ба ман дод.
Подшоҳ гуфт, ки:
— Падарнаълат, дурӯғ мегӯй, баред, ӯро бикушед!
Баъд гуфт:
— Эй, бозургон, ту чӣ қадар мол доштӣ?
Гуфт, ки:
— Ман ҳаштод қатор шутур мол доштам.
Подшоҳ аз хонаи шатранҷбоз ҳамон қадар мол гирифт, ба бозургон дод. Бозургон баромад, бо ҷӯлу биёбон ба ватанаш рафт.
Подшоҳи нав ба подшоҳи Миср гуфт:
— Ман подшоҳиро бас кардам.
Подшоҳи Миср як аспи хуб, ҳафт қабат сарупо ба ӯ дод. Ба аспи худаш савор шуд, аспи подшоҳро кӯтал кард, баромада рафт. Муддати бист рӯз роҳ гашт. Ба даруни шаҳри худашон расид, занаш бозургонро дарьёб кард. Бозургон гашта тамошо кард, ки ҳамин подшоҳбачае, ки аз куштан ӯро халос кардааст, омада истодааст. Баъд расид ба подшоҳбача салом кард. Гуфт ки:
— Ҳамин шаб меҳмони мо мешавӣ.
Гуфт:
— Хуб.
Зани бозургон пеш даромад, ба даруни чорбоғ рафт. Аспро дар даруни чорбоғ баст, сару авзори подшоҳбачагиро партофт, либосҳои занонаашро пӯшида дар даруни хона истод.
Бозургон ба дари хона омад, сарашро аз даҳани дар ба даруни хона даровард. Дид, ки зани худаш истодааст. Дашноми бисьёраш кард. Омада гуфт:

— Ман сари туро мебурам.

Зан аз ҷояш хест, баромад, ба даруни чорбоғ рафт. Худашро боз сохти подшоҳбача гардонд. Дар асп савор шуд, аспи дигарро кӯтал кард. Ба роҳи дигар омад. Ба дари дарвоза расида, фарьёд кард:

— Э, бозургон!

Бозургон пеши ӯ баромад. Дид, ҳамон подшоҳбача! Ба даруни меҳмонхона ӯро бурд. Гуфт:

— Эй, подшоҳбача! Бишин, то ман чой бифармоям.

Ба хонааш омад, занашро наёфт. Ба хонаи ҳамсояаш рафт, кофт, ҳеҷ ҷо намеёбад. Гашта ба пеши подшоҳбача омад. Подшоҳбача гуфт ки:

— Эй, бозургон, ҳеҷ чой овардӣ-да мо бихӯрем, гушна шудем.

Бозургон гуфт ки:

— Эй подшоҳ, занамро гум кардаам, намеёбем.

Гуфт:

— Чанд сол шудааст, ки бозургонӣ рафтаӣ?

Гуфт:

— Як сол.

Гуфт, ки:

— Занатро намешиносӣ?

Гуфт, ки:

— Занамро мешиносам.

Гуфт ки:

— Агар бишиносӣ, чӣ сабаб аст, ки мековӣ, намеёбиш?

Гуфт ки:

— Эй, подшоҳбача, гапзаниҳои ту, сохти зани ман аст.

Гуфт ки:

— Падарнаълат, зиёфати бисьёр барои мо кардӣ, ки боз ҳақорат мекунӣ! Аспи маро биёр, ки мехезам, дигар намешинам.

Бозургон гуфт, ки:

— Ман тавба кардам, дигар гап намезанам.

Бозургон аз пеши подшоҳбача баромада, даҳани дар рафт, зан бо худ гуфт ки:

— Бозургон бисьёр тарсидааст.

Сару авзори мардинаашро бароварда, партофт. Куртаи занона, рӯймоли хушрӯй андохт. Бозургон даромад, нигоҳ кард, ки занашро шинохт. Бисьёр хурсанд шуд. Ба ҳамдигар сӯҳбат карданд. Зан гуфт, ки:

— Эй, бозургон, ин чи коре буд, ки ту кардӣ? Дар вақташ ман насиҳат кардам, ки дар ҳеҷ ҷо гапи занро назанӣ. Ту гапи маро нагирифтӣ. Дигар ин хел кор накун.

Ӯ он ҷо ба мақсад расид ва шумо ҳам ба мақсадатон бирасед.

*Луғат:*

1. *Бозургон*—савдогар, бозургонӣ—савдогарӣ. 2. *Дар гӯшҳои пишак зад*—ба гӯшҳои пишак овехт. 3. *Шатранҷ*—шоҳмот, шатранҷбоз—шоҳмотбоз. 4. *Сохти*—монанди, ҳамчун. 5. *Мардина*—мардона. 6. *Рушод*—ошкоро, бо хоҳиши худ.

## 11. ДУХТАРИ ЗИРАК

Як подшоҳ буд, рӯзе ба шикор рафт. Дар роҳ як зоғ дар болои сараш се бор фарьёд кард: қар, қар, қар. Подшоҳ гуфт:

— Вазирон, бигӯед, ки ин зоғ чӣ гуфт?

Вазирон бисьёр фикр карданд, нафаҳмиданд, ки ин зоғ чӣ гуфт. Подшоҳ фармон дод, ки агар ҳар кас аз вазирон ҷавоби инро наёбад, мекушамаш. Се рӯз мӯҳлат дод. Вазирон се рӯз фикр карданд, ҷавобашро наёфтанд.

Яке аз вазирон ба хонааш омад, гирья кард. Духтараш пурсид:

— Падар, чӣ мегирьӣ?

Вазир гуфт:

— Имрӯз подшоҳи мо вазиронро мекушад.

— Аз ҷиҳати чӣ мекушад?

— Аз ҷиҳати он ки мо гапи зоғро нафаҳмидем.

— Э, падар,—гуфт,—нодон будай, зоғ гуфтааст, ки зани қобил марди ноқобилро қобил карда метавонад, марди қобил зани ноқобилро қобил карда наметавонад.

Вазир хест, пеши подшоҳ рафт. Ҳама ҷамъ шуданд. Ҳама гуфтанд, ки тадбири фарьёди зоғро нафаҳмидем. Подшоҳ ба ҷаллодонаш гуфт:

— Баред, ҳама ин вазиронро кушед!

Он вазир хест, ба пеши подшоҳ омад, гуфт:

— Истед!

Подшоҳ пурсид:

— Гап зан!

Вазир гуфт:

— Маънои фарьёди зоғ ҳамин аст, ки зани қобил марди ноқобилро қобил карда метавонад, марди қобил зани ноқобилро қобил карда наметавонад.

Подшоҳ пурсид:

— Чӣ хел маънои онро фаҳмидӣ?

Вазир гуфт, ки духтараш фаҳмондааст.

Подшоҳ фармон дод:

— Духтаратро биёр!

Духтарашро оварданд. Подшоҳ духтарро ба як кали девона дод. Духтар калро бо худ гирифта ба чӯл рафт. Дар он ҷо хонае сохт. Тоқидӯзӣ кард, тоқиҳои хуб медӯхт, ҳар тоқиро панҷ сӯм, даҳ сӯм мефурӯхт. Онҳо бой шуданд, бадавлат шуданд. Духтар сари калро бо дору сиҳат кард.

Рӯзе подшоҳ рафт, то донад, ки духтар кали ноқобилро қобил карда тавонистааст ё не? Рафт, дид ки духтар бой шудааст, кал нағз шудааст. Ба доноии духтар бовар кард.

## 12. КАРБОСБОФ

Як рӯз карбосбоф ба занаш гуфт:

— Э, зан, аз карбосбофӣ рӯзамон намегузарад.

Занаш гуфт:

— Ҳозир нону дуғро хӯрем, баъд фикри ояндаро мебинем.

Нону дуғ хӯрданд, дуғ ба пои мардак рехт. Пашшаи бисьёр ба пояш шишт, дасташро лесид, ба пои дуғолудаш зад, дид, ки чил пашша мурдааст. Пас шердил шуда ғуфт:

— Э занак, мо беҳуда ба ин касб машғулем, мо паҳлавони оламгир будаем.

Баромада пеши подшоҳ рафт, гуфт:

— Э, подшоҳ, ман паҳлавони оламгир ҳастам, ҳеҷ зӯромад дорӣ?[1]

Подшоҳ гуфт:

— Як душман дорам, вай маро мағлуб кардааст, аз ман хироҷ мегирад.

Гуфт:

— Дигар хироҷ надеҳ, хабараш деҳ, ки хироҷро намедиҳем. Агар ӯ ҷанг кунад, ман ба ҷанги вай меравам. Подшоҳ хабар кард, ки хироҷ намедиҳем, ҷои ҷангатро таъин кун. Он подшоҳ бо лашкараш ба дашт омад, аз омаданаш хабар кард.

Подшоҳ ба ӯ тилфорро дод. Карбосбоф дар ду ҷувол хокистар гирифт, дар асп бор кард, савор шуд, наздики душман расида буд, ки ҷуволҳоро чок кард, ба сӯи лашкари подшоҳ асп давонд, хокистар мерехт, чангаш ба осмон мебаромад. Дуньё кӯрак[2] шуд. Он подшоҳ ба лашкараш гуфт:

— Ин паҳлавон ин қадар пурқувват будааст, ки чанги заминро ба осмон баровард. Лашкари подшоҳ гурехт.

Паҳлавон дар вақти асп давондан аз тарс беҳуш шуда буд. Аспи мастшуда аз қафои лашкари подшоҳ медавид. Паҳлавон худаш хабар надошт, ки ба ман чӣ шуда истодааст. Паҳлавон аз асп ба як об ғалтид, беҳуш шуд.

Подшоҳ гуфт:

— Сад дареғ, паҳлавони мо бедарак шуд. Ҳар кас, ки мурда ё зиндаи ӯро ёбад, ҳафт шаҳр ба ӯ ҳадья медиҳам.

Паҳлавони пашшакуш худ ба худ фикр кард ва гуфт:

— Агар подшоҳ дар ягон кори дигар маро фиристонад, албатта аз тарс мемурам. Хуб мешавад, ки аз даъвои паҳлавонӣ гузарам.

Ҳадьягири подшоҳ кофта-кофта ӯро ёфт, ба ӯ гуфт:

— Паҳлавон, ба шумо чӣ шуд, душманро мағлуб кардеду баъд бедарак шудед.

Паҳлавон гуфт:

— Шалпар шудам, камтар хоб шудам.

Ҳадьягир ба подшоҳ хабари паҳлавонро овард, подшоҳ ба вай ҳадьяҳои бисьёре дод.

Боз як рӯзи дигар подшоҳ карбосбофро фарьёд карду гуфт, ки дар боғи мо як шер пайдо шудааст, молу гови моро мехӯрад, сабзакориҳои моро поймол мекунад. Ҳамонро ҳам нест кунӣ, ҳар чи хоҳӣ медиҳамат.

Мардак маҷбур шуду рафт, лекин бисьёр метарсид. Рафт дар болои як дарахт андаке истод. Мардак хаёл кард, ки шер ӯро мегирад, ногоҳ аз тарс ба болои шер афтид, аз ин ҳодисаи ногаҳонӣ шер талхакаф шуду мурд.

Пагоҳ омаданд, диданд, ки мардак хобу шер мурдагист. Хабар бурданд ба подшоҳ. Ӯ хурсанд шуд.

Карбосбоф аз даъвои паҳлавонӣ гузашта, ба хонааш рафт, карбосбофӣ карда, зиндагӣ карда гаштан гирифт.

*Луғат:*

1. *Зӯромад доштан*—ба куввае эҳтиёҷ доштан. 2. *Кӯрак*—торик.

## 13. КАЛИ ЗИРАК

Як мардак будааст, ду зан доштааст, ду бача аз як зан доштааст, як бача аз як зани дигар. Ин бача кал буд. Он ду бача ба кал зид будаанд, ӯро шум медидаанд.[1]

Як рӯз падарашон мурд. Ҳамаи молу замини падарашонро он ду бача гирифтаанд, ба кал фақат як порчаи хурди замин додаанд. Кал ба замин гандум коридааст, об додааст, нағз нигоҳубин кардааст. Ду бародар гандумҳояшонро об надодаанд, бепарво гаштаанд. Кал гандумро дар вақташ даравидааст, кӯфтааст, бардоштааст, як хонаро пур кардааст, овардааст.

Он ду кас даравидаанд, овардаанд, рехтаанд дар як гӯшаи хона. Онҳо қаҳр кардаанд, гандумҳои калро алов задаанд. Кал, ки омадааст, гандумҳо сӯхтагӣ.

Кал хокистари гандумро дар ҷувол андохтааст, дар як роҳи борик рафтааст. Як мардак, ба аспаш локу пар[2] бор кардагӣ, омадааст. Он мардак гуфтааст:

— Э кал, ин чӣ чиз аст?

Гуфтааст:

— Ин тиллои хом.

Боз гуфтааст:

— Ман тиллои хомро надидаам, ба ман нишон бидеҳ.

Кал гуфтааст:

— Агар ба ту нишон диҳам, ту чашм мекунӣ, тиллои хом хокистар мегардад.

— Не,—гуфт, ман чашм надорам.

Баъд он мардак ҷуволро кушодааст, дидааст—хокистар. Кал ӯро қапидааст, гуфтааст, ки ба пеши подшоҳ мебарамат, ту тиллоро чашм кардӣ, ба хокистар гардондӣ.

Он мардак гуфтааст:

— Ҳамин хару аспу маспу шутур—ҳамаро ба ту медиҳам, маро ба пеши подшоҳ набар.

Кал ҳамаашро мегирад, дар асп сувор мешавад, ҳай мекунад, ба хонааш равон мешавад. Бародаронаш ба пешвози ӯ давидаанд, гуфтанд:

— Э, кал, инҳоро аз куҷо ёфтӣ?

Гуфтааст:

— Хокистари гандумро ба тиллову асп бадал мекунанд.

Он ду додар рафтаанд, гандумҳояшонро сӯхтаанд, ба харҳо бор кардаанд, бурдаанд. Роҳ ба роҳ гуфтаанд:

— Кӣ хокистари гандумро ба тиллову асп мегирад?

Ҳар кас онҳоро масхара мекардааст, мезадааст. Онҳо дар қаҳр шудаанд, омадаанд, модари калро куштаанд. Кал модарашро дар хар бор кардааст, шинондааст, бастааст, арӯс барин рӯмол ба сараш андохтааст, рафтааст.

Дар роҳ аз пеши хирмане мегузарад, харашро ба суи хирман ҳай мекунад, худаш дар таги девор баҷо[3] мешавад. Соҳиби хирман чой мехӯрдааст, харро дида, „ча-ча" гуфтааст, ки хар аз пеши хирман нарафтааст. Мардак давида, харро калтак задааст, занак аз хар ғалтидааст. Кал баромадааст, гуфтааст:

— Модари маро куштӣ,—биё, пеши қозӣ мебарамат. Он мардак гуфтааст:

— Маро пеши қозӣ набар, ҳар чи қадар хоҳӣ гандум, гир, як духтари хуб дорам, уро низ ба ту медиҳам.

Кал гуфтааст:

— Духтаратро биёр.

Он мардак духтарашро овардааст, духтар ба кал форидааст. Кал дар хар гандум гирифтааст, як аспи дигар харидааст; духтарро дар он асп сувор кардаасту рафтааст.

Додаронаш ба пешвозаш давидаанд, пурсидаанд:

— Инҳоро аз куҷо ёфтӣ?

— Модарам мурдааст,—гуфтааст,—ба як шаҳре бурдам, дар он ҷо мурдаро ба ивази духтар мегирифтаанд.

Онҳо ҳам модарашонро куштаанд, дар ҷувол андохтаанд, пушташ кардаанд, бурдаанд, гуфтаанд:

— Мурдаро ба ивази зинда кӣ мегирад?

Одамон ба онҳо гуфтаанд:

— Шумо аҳмақ ҳастед? Кӣ мурдаро ба зинда мегирад?!

Баъд он ду додари кал дар каҳр шудаанд, гуфтанд:

— Калро мебарем, дар ҷувол меандозем, ба об мепартоем.

Калро ба ҷувол андохтаанд, гирифтаанд, бирафтаанд. Кал аз даруни ҷувол фарьёд мекардааст:

Дурэм бараманд, раи дурэм бараманд,
Ай духтари почом навома, ба зурэм бараманд.[1]

Ба як дашт расидаанд, акаҳои кал ташна мондаанд, барои об хӯрдан рафтаанд, ҷуволро дар як сари санг мондаанд. Кал фарьёд мекунад:

Дурэм бараманд, раи дурэм бараманд,
Ай духтари почом навома, ба зурэм бараманд.

Дар он ҷо як чӯпон будааст, шунидааст, омадааст, гуфтааст:

— Чӣ мегӯӣ?

Кал такрор кардааст:

Дурэм бараманд, раи дурэм бараманд,
Ай духтари почом навома, ба зурэм бараманд.

Чӯпон гуфтааст:

— Ту берун баро, либосҳои маро пӯш, ман либосҳои туро.

Баъд кал баромадааст, он мардак ба даруни ҷувол даромадаст, кал даҳани ҷуволро сахт бастааст. Кал либоси чӯпонро пӯшидааст, тоқиро ба сар мондааст, таёқро гирифтааст, бирафтааст. Рамаи чӯпонро гирифтааст, пеш андохтааст, ба хонааш омадааст.

Акаҳояш ҷуволро бардоштаанд, бурдаанд, ба об партофтаанд, ба хона омадаанд. Дидаанд, ки кал ба хона расидааст, бо худ як рама гӯсфанд овардааст. Калро пурсиданд:

— Ин рамаро аз куҷо овардӣ?

Кал гуфтааст:

— Шумо маро ба об партофтед, дар тахти об гӯсфандҳо ва рамаҳо будаанд, ҳай кардам, омадам.

Акаҳояш мепурсанд:

— Агар мо равем, гӯсфандҳоро пайдо мекунем?

Кал мегӯяд:

— Албатта.

Акаи хурдиаш гуфтааст:

— Ман пештар меравам, шиноварӣ мекунам, гӯсфандҳоро, ки дидам, туро фарьёд мекунам.

Акаи калониаш гуфтааст:

— Не, ту ғӯсфандҳои калонро намешиносӣ, ман пештар меравам. Пештар рафтааст, ба даруни об гӯтидаасту баъд фарьёд кардааст:

— Додари ҷон!

Додараш гумон кардааст, ки акааш ӯро барои бурдани гӯсфандҳо фарьёд мекунад, ба об мепарад, ҳар ду ғарқи об мешаванд. Кал ба молу хонаи онҳо соҳиб мешавад.

### *Луғат:*

1. *Шум дидан*—бад дидан. 2. *Лоқу* пар—чизу чора. 3 *Баҷо шудан*—пинҳон шудан, руст шудан. 4. *Маънои байт:* дурам мебаранд, раҳи дурам мебаранд ба ман духтари подшоҳ маъкул нест, бо зӯрӣ мебаранд.

## 14, ХИРСУ РӮБОҲ,

Як хирс буд, як рубоҳ, онҳо бо ҳам ҷура буданд. Як рӯз рӯбоҳ гуфт:

— Биё, гандум бикорем.

Хирс розӣ шуд.

Рӯбоҳ пурсид:

— Отанги танги-тангро мегирӣ, ё юғу сипори сабукакро?

Хирс гуфт, ки юғу сипорро мегирам. Баъд гирифтанд, пушт карданд, ба саҳро рафтанд. Дар роҳ хирс истод, гуфт:

— Ман монда шудам, биё, бори маро бигир!

Рӯбоҳ гуфт:

— Бирав, намегирам. Худат хостӣ, акнун то ҷои ҷуфт гирифта бар!

Ҷуфт карданд, гандум коштанд, гандум сабзид, ҳосил кард, ҳосилашро даравиданд. Рубоҳ гуфт:

— Ҷура, ту каҳаки мулоими сафедашро мегирӣ, ё ки донаҳои хокмонанди вазнинашро?

Хирс гуфт:

— Каҳаки мулоими сафедаки сабукакашро мегирам.

Боз лаблабу коштанд, сабзид, пухт. Рубоҳ боз ба хирс гуфт:

— Баргҳои ширину кӯрпабобашро мегирӣ ё беххои сурхи хоколуд ва тундашро. Хирс баргҳои лаблабуро гирифт, якбора бисьёр хурд, касал шуд, мурд.

## 15, Мушак

Як рӯз буд, офтоби гарм буд. Мушак гуфт, ки мееравам, як майда[1] сайр мекунам. Мушак хест, рафт, мегашт, ки дар лаби як теппача омад, дид ки як Қунғузак дар об ғалтидааст. Қунғузак гуфт:

— Э, Муш, маро аз об биброр, туро мегирам. Мушак дасташро дароз кард, аз дасти Қунғузак гирифт, аз об баровард. Баъд онҳо зиндагӣ карданд. Як рӯз Қунғуз гуфт ки:

—Э, Мушак, имшаб дар хонаи подшоҳ тӯй мешавад, ту бирав, ба ман либос бигир, биё. Мушак хесту кудволакашро[2] дар пушташ гирифту баромад, бирафт ба хонаи подшоҳ. Дар сандуқҳои зани подшоҳ даромада, ҳамаи куртаҳои ӯро бәкрәндид[3].

Дар ҳамин вақт Қунғузак аз хонааш баромада гуфт, ки як сайр кунам. Нохост дар як ҳавзча ғалтид, чи қадар фарьёд мекунад, ҳеҷ кас овози ӯро намешунавад. Яке[4] як аспсавор аз пеши роҳаш гузашт. Аспсаворро диду гуфт:

Аспакисавор,
Ман туро мегӯм,
Қамчин думби мор,
Ман туро мегӯм:
Мушака дидӣ,
Кудвол дар пуштака дидӣ,
Чунггӯшака[5] дидӣ,
Дидӣ, бигу, ки,
Моҳпошо дар ҳавзи гилоб[6],
Чурахош[7] рӯ рӯи об.

Гуфтӣ, хайр ёбӣ, нагуфтӣ, аспта хунҷӯра[8] гирад, худата дандондард.

Аспсавор аспашро қамчин заду бирафт. Рафт дар хонаи подшоҳ, ғапи Қунғузро фаромуш кард. Базму бозӣ сар шуд. То ними шаб вақтхушӣ карданд. Ними шаб яке дандони аспсаворро дард гирифт. Давид рафт, ки аспашро низ хунҷура гирифтааст. Яке гапи Кунғазак дар ёдаш омад. Давид, рафт, дар мобайн ҳама гапҳои Қунғузакро гуфт. Яке Мушак ин гапҳоро шунавид, кудволакашро дар пушташ партофт, баромада рафт. Рафт, дид ки Қунғузак дар ҳавзи гилоб ғалтидаасту чураҳояш рӯ руи об. Мушак дасташро дароз карду гуфт:

— Чача манӣ, чача манӣ[9], бай туро наиқаи[10] кир-киртак[11], наиқаи гәргәрдак[12] овардам. Ту курта мекунӣ, мепӯшӣ.

Қунғузак гуфт:

— Ту бо духтари подшоҳ кардай қақраманӣ?[13]

Мушак гуфт:

— Не, накардаам.

— Қасам хӯр,—гуфт Кунғузак.

— Агар,—гуфт Мушак,—карда бошам, қақраманӣ, сарам таги мазори паќанӣ[14], сарам пақ чашмом ҷиқмананӣ[15].

Баъд Кунғузак дасташро дароз кард, Мушак аз дасташ гирифт, аз ҳавз баровард, ба хонаашон бирафтанд. Онҳо ба мақсадашон расиданд, мову шумо ҳам ба мақсадамон бирасем.

***Луғат:***

1. *Як майда*—каме. 2. *Кудвол*—машк. 3. *Бәкрәндидан*—хоидан 4. *Яке*—ин ҷо ба маънои ногоҳ, банохост. 5. *Чунггӯшак*—гӯшҳояш сих. 6. *Гилоб*—гулоб. 7. *Чура*—кокул. 8. *Хунҷӯра*—як навъ касалӣ. 9. *Чача манӣ*—дастатро ба ман деҳ. 10. *Наиқаи*—ин қадар. 11. *Кир-киртак*—матоъпора. 12. *Гәргәрдак*—гирдак. 13. *Қақраманӣ*—хандаю бозӣ. 14. *Мазори пақанӣ*—дар ин ҷо киноя аз мушгираки сангин. 15. Сарам пақ, чашмом ҷиқмананӣ—сарам ҳам, чашмонам кушодагӣ.

# латифаҳо

Дар байни аҳолии Дарвоз микдори калони ҳикояҳои ҳозирчавобонаи дилчаспе маълуманд, ки дар онҳо аҳмакӣ, ҷоҳилӣ, ҳасисӣ ва дигар нуксонҳои одамӣ тамасхур карда мешавад. Дар Дарвоз чи навъе ки дар дигар ҷойҳо низ одат шудааст, аксаран дар ин хел ҳикояҳои кӯтоҳ, яъне латифаҳо, ягон эпизоди маълуме аз таърихи қишлоқ, район ва ё мазоқе ба ҳамқишлоқӣ ё аҳолии қишлоқи ҳамсоя ифода карда мешавад.

Латифаҳои рақами 9 ва 10 аз қабили чунин ҳикояҳоянд. Ҳамон навъе ки нақл мекунанд ва фактҳои таърихӣ низ шаҳодат медиҳанд, 250—300 сол пеш аз ин аҳолии Вахьёи Боло ба мулки Ванҷ ба ҳиҷрат кардан шурӯъ намуданд. Ҳиҷраткунии аҳолӣ то худи замони мо давом карда омад. Ҳамаи аҳолии Ванҷ ба ду гурӯҳи асосӣ тақсим мешавад: вахиёчӣ, истиқоматкунандагони ҷараёни миёнаи Ванҷоб ва ванҷӣ.

Ҳикояҳои дар ин ҷо овардашуда, аз як тараф, онро инъикос мекунанд, ки гуё вахиёчиён то вақти ба Ванҷ омадани худ бо сабзавоткорӣ ва боғдорӣ шиносо набудаанд, аз тарафи дигар, ванҷиҳо—аҳолии маҳаллии ин ҷой дар замонҳои дур бисьёр нодон будаанд.

Ҳикояҳои рақами 3 ва 4 ба калимаи дӯстдоштаи дарвозиён „ғал“ (ҳозир), ки бо ҳар хел ҳиссачаҳои кувватдиҳанда ва хурдӣ: намғал, амғал, намғалак, амғалак кор фармуда мешавад, бахшида шудаанд.

## 1. ҲАРДУ МИСРАЪ БАРОБАР АСТ

Як одами ҷоҳил касал мешавад. Одамҳои бисьёр ба пеши вай меоянд, барои дидани касал. Касал худ ба худ фикр мекунад, ки ман, албатта, одами калон будаам, ки ин қадар халқи бисьёр ба пеши ман омаданд. Худро донишманди калон ҳисоб мекунад. Баъд аз ин зани худро фарьёд карда мегӯяд:

— Аз барои ман ранғ ва қалам биёр, чунки аз ман фарзанд нест ва ман дар руи ин коғаз як шеър навишта монам, ки пас аз мурдани ман ёдгоре бимонад.

Акнун ба шеър сар мекунад. Ҳеҷ чиз ба хаёлаш намеояд, ба чормағзи дари хона нигоҳ карда, мегӯяд:

Э чормағзи чун, ки дар дари хунамӣ,
Ҳар барг дорӣ ки амқо, амқо[1]
Ҳар кулӯла дорӣ, ки амзо, амзо.[2]

Баъд аз ин як одами доно дар болои сари „шоири“ касал омада эрод мерасонад:

— Шоир, ин шеъри шумо як мисрааш дароз як мисрааш кутоҳ аст.

„Шоир“ ба одами илмнок ҷавоб медиҳад:

— Шумо дар шеъри ман айб наёред, ки шеъри ман туғрӣ аст! Мана, акнун намебинед?

Баъд „шоир“ шеъри худро вачаб мекунад ва ба донишвар „ҳақ“ будани худро исбот мекунад.

— Ана,—мегӯяд,—ҳар ду мисраъ баробар аст.

## 2. МАН РОҲИ ОФТОБРО МЕКУШОЯМ

Дар вақти пеш, дар кишлоқи Ғумаст[3] офтоб намерасид. Як мардак омаду гуфт:

— Агар шумо маро хуб тарбият кунед, ман роҳи офтобро мекушоям. Баъд, он мардакро тарбият карданд,

---

[1] *Амқо*—ҳамин қадарӣ.
[2] *Амзо*—ҳамин зайл.
[3] *Ғумаст*—кишлокест дар Ванҷи Боло.

то ин ки вай кӯҳро гирифта, пушт карда, аз роҳи офтоб гирифта партояд.

Пас аз чанд вақт мардак ҳамроҳи якчанд одамон ба пеши кӯҳ баромада, ба одамон фармуд, ки кӯҳро ба пушти вай тела диҳанд.

Одамон кӯҳро ба пушти ӯ тела дода натавонистанд. Пас вай ба одамон гуфт, ки шумо ба пушти ман кӯҳро тела дода натавонистед, агар кӯҳро ба пушти ман тела медодед, ман вайро аз роҳи офтоб гирифта мепартофтам.

## 3. ҒАЛ НАГӮЙ

Як шарик шарикашро таъин кардааст, ки агар Бухоро рафтем, ғал[1] нагӯй барои ин ки моро мазмун[2] мегиранд. Ба ҷои ғал ҳозир бигӯ! Вақте ки ба Бухоро мерасанд, дар вақти гап задан шарикаш ғал мегӯяд. Дар ин вақт ӯро қаҳр мегирад ва мегӯяд:

— Ман амғал нагуфтам, ки ғал нагӯй!

## 4. ҒАЛ НАМЕФОРАД?

Як пошхарвӣ[3] рафта буд ба Қаротегин. Дар гуфтугӯ вай ба ҷои ҳозир ғал гуфт. Як қаротегинӣ хандид. Пошхарвӣ гуфт:

— Туро гал намефорад? Сад ғал ғали ғал!

## 5. КАДУЧА

Дар вақти қадим зингиҳо[4] дар гарданашон кадуча меовехтанд, барои ин ки ба дигарҳо монанд нашаванд. Як бор ду зингӣ дар роҳ рафтанд. Яке аз онҳо кадучаи худро кушода гум кард. Пагоҳӣ аз хоб хеста, вай аз шарикаш мепурсад:

— Ту ки манӣ, кадуча дар гарданат, ман кӣ мебошам?

---

[1] Дар лаҳҷаи Дарвоз ба ҷои калимаи ҳозир—ғал, амғал, намғал мегӯянд.

[2] *Мазмун гирифтан*—эрод гирифтан, масхара кардан.

[3] *Пошхарв*—номи қишлоқ дар райони Қалъаи Хумб.

[4] *Зинг*—қишлоқест дар райони Қалъаи Хумб.

## 6. ШАҲР ДИДАГӢ МАН ҲАСТАМ

Як мардак таъриф кардааст, ки ман шаҳр дидаам. Як каси дигар ба вай гуфтааст:

— Шаҳр дидагӣ ман ҳастам. Сумбасилоҳро дидаам, кофарсилоҳро дидаам, Равгада ва Чихохро[1] дидаам.

Пас аввалангӣ гуфт:

— Шаҳрдида шумо ҳастед, ки ин ҷоҳоро ман надидаам.

## 7. ВАХИЁЧӢ

Чанд сад сол пеш вахиёчиҳо аз Вахиёи Боло ба Ванҷ омаданд. Аз ҳамин дара меомаданд. Кулӯлаи чормағзро хаёли[2] себ мекарданд, мехӯрданд, ба якдигар мегуфтанд:

— Ғаз[3] бисьёр себи хуб, локин тез аст.

Дар полез даромада, каду канданд, ба ҷои харбузаву тарбуз хӯрданд.

Як мардак дар даруни гандум рафтааст. Як кадуи калон дидааст, халқро хабар кардааст, ки як чизи ғаллахӯр пайдо шудааст. Рафтаанд, камон гирифтаанду ҷанг рафтаанд. Яке аз онҳо ба каду тир ки задааст, каду кафидааст, тит[4] шудааст. Дар ин вақт аз тарси садои тир як харгӯш паридааст аз пеши онҳо. Гуфтаанд:

— Эҳ! Бачааш ин қадар калон будааст!

Баъд яке аз ванҷиҳо фаҳмондааст, ки вай каду буду инаш харгӯш.

## 8. ВАНҶӢ

Пештар мардуми Ванҷ хеле нодон будаанд. Онҳо ҳеҷ намедонистанд, ки чӣ хел аловро дар дегдон пеш ё пас кардан даркор. Занак дар пеши дегдон шишта, барои он ки насӯзад, худро бо пору мемолид. Он қадар нодон будаанд, ки занак намедонистааст, ки чӣ хел нонро тақсим кардан даркор ва ба ҳар аъзои оилааш, хоҳ одами калон бошад, хоҳ майда—яктагӣ нон медод.

---

[1] Номҳои қишлоқҳо ва ҷойҳои Ванҷи Боло.

[2] *Хаёли*—дар ин ҷо ба маънои монанди, мисли... омадааст.

[3] *Ғаз*—ба забони кӯҳнаи ванҷӣ чормағзро ғаз мегуфтанд.

[4] *Тит шудан*—кафидан, паҳн шудан, пош хӯрдан.

Боз он қадар нодон будаанд, ки намедонистанд, ки рӯз чӣ хел меояд. Ҳар шаб пеш аз баромадани офтоб ҳар бошандаи қишлоқ ба навбат санги рӯзро гирд мегардонд.

Як вақт шуд, ки як духтари вахиёчиро ба як бачаи Ванҷӣ доданд. Он духтар ҳар чизро медонист: аловро пасу пеш гузарондан, нонро тақсим кардан, рӯз шудан ва ғайраро. Як шаб он духтар дид, ки шавҳараш аз ҷои хобаш хест ва аз хонааш берун рафтанӣ шуд. Духтар аз вай пурсид, ки вай ба куҷо меравад. Шавҳараш ҷавоб медиҳад, ки имшаб навбати санги рӯзро гардондан аз ман аст. Духтар гуфт, ки ба ҳеҷ ҷой рафтан даркор нест, ки рӯз бе санги рӯз ҳам меояд ва намонд, ки шавҳараш биравад. Ҳақиқатан рӯз омад. Баъд хусураш пеши ҳамсояҳо рафта, келини худро таъриф кард:

— Синҳори[1] ман,—гуфт,—пасләхшака[2] медонад, кулчаи чорбахшака медонад, гардиши рӯзро медонад...

---

[1] *Синҳор*—келин.

[2] *Ләхшидан*—ғеҷидан.

# ЗАРБУЛМАСАЛ ВА МАҚОЛҲО

Мо дар ин маҷмуа бист зарбулмасал ва мақолро, ки дар солҳои 1932, 1949—1953 дар Вахиён Боло, Ванҷ ва дар райони Қалъаи Хумб навишта гирифта шудаанд, дохил кардаем. Як қисми ин зарбулмасалҳо аз тарафи аҳолии Дарвоз эҷод карда шудаанд, ки инро аз рӯи хусусиятҳои забонии онҳо, аз рӯи номҳои географии дар онҳо қайдгардида ва аломатҳои этнографӣ (масалан, рақамҳои 1, 2, 5, 7, 12, 18) муайян кардан мумкин аст. Як қисм зарбулмасал ва мақолҳои аз тарафи мо овардашуда дар дигар районҳои Тоҷикистон ҳам, лекин дар варианти дигар, вомехӯранд. Микдори зарбулмасал ва мақолҳои маҳаллӣ, ки инро аз намунаҳои оварда мешудагӣ дидан мумкин аст, он қадар бисьёр нест, аммо дар гуфтугӯи дарвозиҳо зарбулмасал ва мақолҳои дар забони тоҷикӣ маъмул буда, ба таври васеъ ба кор бурда мешаванд.

Зарбулмасал ва мақолҳои аз тарафи мо навишта гирифташуда тарзи зиндагонии гузаштаи дарвозиҳоро акс мекунанд. Масалан—„Ванҷи мо, ганҷи мо“ чи навъе ки Н. Кисляков дар китоби худ „Осорҳои коммунизми ибтидоӣ дар ҳаёти тоҷикони кӯҳии Вахиёи Боло“ қайд мекунад, ин мақол ба яке аз феодалони ванҷӣ нисбат дода мешавад, аммо вай дар гуфтугӯ маъмул шудааст, зеро водии ҳосилхези Ванҷ нисбат ба Дарвозу Вахиёи сангзор ва камбағал аз ғалла ва мева бой буд. Ба ин ҷо омада молҳои ҳунармандӣ (чунончи, карбос)-ро ба гандум, тут, орди тут ва зардолуи хушк ё ки чормағз иваз мекарданд. Бо шароити зиндагонии деҳқонии маҳаллӣ зарбулмасал ва мақолҳои рақами

1, 2, 3, 4 мазмунан алоқаманд мебошанд; зарбулмасал ва мақолҳои рақамҳои 7, 8, 10, 11, 12, 13, 14, 16, 17 хусусияти насиҳатӣ доранд.

Мақоли № 9, ки ба ин гурӯҳ тааллуқ дорад, зоҳиран ба ақидаи динии дар бораи дузах ва шайтон алоқаманд буда, аммо бо вуҷуди ин мазмунан бар зидди одамони камандешаи фориғболе, ки ба кайфу сафои муваққатӣ дода шудаанд, равона карда шудааст. Баъзе мақолҳо, чунончи, мақоли № 19 ҳикояи чузъӣ мебошанд, масалан, дар Ванҷ ҳикояи зерин маълум аст:

„Дар вақти қадим қирғизон ба Ванҷ меомаданд, Ванҷро тороҷ мекарданд, духтарҳоро мебурданд, мардҳоро асир мекарданд. Як рӯз як мардак бел сари гарданаш обдиҳӣ рафтааст. Ноғоҳ се қирғиз омадаанд, гуфтаанд, ки мо туро мебарем. Он мардак гуфтааст: аввал намоз мехонам, баъд маро баред! Баъд дар вақти намозхонӣ гуфтааст: сета асало, сета анано, лув мекинам, мезанано, лув намекинам, мебаранд. (Ин порчаи ҳикоя дар ҷойҳои дигар ҳам чун зарбулмасал шуҳрат дорад). Баъд одамҳо омаданд, ӯро халос кардаанд.“

Зарбулмасал ва мақолҳо дар шакли хеле кӯтоҳ хулосаи таҷрибаи халқ, ҳикмати халқ буда, қимати калони ҷамъиятии онҳо низ дар ҳамин аст.

1. Тобистон—пушья[1], замистон-тӯша.[2]

2. Зи ақраб то ба ҷавзо зери барфем,

Баҳору тирамоҳе нест моро.

3. Ободии қишлоқ—осиёб.

4. Борон равғани замин, барф кӯрпаи замин.

5. Ванҷи мо, ганҷи мо.

6. Ҳамӯ[3] дарак, ҳамӯ харак.

7. Марди равӣ учако[4] орә мебеза.

8. Ҳамаи инора[5] ой бәдә[6], ина[7] бәхар.

9. Дӯзах тангу торикай,
Шайтон марди чобикай.[8]

10. Ӯнҷо,[9] ки хуни ноф рехт, ӯнҷо ватани ширин.

---

[1] *Пӯшья*—пӯшидагӣ.
[2] *Тӯша*—хӯроки роҳ.
[3] *Ҳамӯ—ҳамон.*
[4] *Учако*—дар по истодан.
[5] *Инора*—инҳоро.
[6] *Ой додон*—партофтан.
[7] *Ина*—инро.
[8] *Чобикай*—чобук аст.
[9] *Ӯнҷо*—он ҷо.

11. Одамиро бәкашад ду чиз ба зӯр,
Яке обу дона, дигар хоки гӯр.

12. Дили воист диққатай, дили новоист диққатай[1].

13. Дийәш[2] ки нашӣ, мунәш[3] та[4] равад.

14. Об намешавад, алаф намешавад.

15. Ман ба ту амаки нестәм.

16. Кори шавина[5] хандаи руз.

17. Аз деволи кач—ҳазар.

18. Сикандар шаи[6] мо, раи Кайванд раи мо[7].

19. *Лув мекәнәм*[8]—мезанано, лув намекәнәм—мебарано (муқоиса кунед бо зарбулмасали „гап занам, мезананд, гап назанам—деги мазоро мебаранд).

20. Харбәза бәхәр, тәра ба полиз чӣ кор? (муқоиса кунед: бо „ангура хур, боға напурс“).

---

[1] *Диққатай*—диққат аст.
[2] *Дийәш*—дидиаш.
[3] *Мунәш*—ӯро мон.
[4] *Та (да)*—ки, то ки.
[5] *Шавина*—шабона.
[6] *Шаи мо*—шоҳи мо.
[7] *Роҳи Кайванд*—номи роҳи борику хатарнок, ки дар байни қишлоқи Кеврон ва Чорф вокеъ шудааст.
[8] *Лув кардан*—фарьёд кардан, чег задан.

# ҚИСМИ ДУЮМ

# НАЗМ

Фольклори манзум дар маҷмӯа аз қисмҳои зерин иборат аст: рубой, суруд, фольклори маросимӣ, эҷодиёти шоирони маҳаллӣ, фольклори бачагона ва фольклори советӣ. Ҳамаи асарҳои фольклори назмӣ, дар асли худ, бе ҳеҷ гуна тағьирот ёислоҳот нашр карда мешаванд; ба калима ва ибораҳои маҳаллӣ эзоҳот ё ки эквивалентҳои дар забони адабӣ доштаи онҳо дода мешавад.

Қисми калони фольклори манзум дар шакли сурудҳое, ки бо ҳамоҳангии дутор ё дойра суруда мешаванд, маъмул мебошанд. Дар Ванҷ бо ҳамоҳангии як чанд дойра сурудхонии умумӣ одат шудааст.

Бо вуҷуди он, дар Ванҷ ва Вахиёи Боло бе ҷӯршавии асбоби музыкавӣ ҳам месароянд. Чунончи, ду ҳофизи боистеъдоди сангворӣ Юсуф Фазлиддин ва Ёфтак Холов одатан бе музыка ҳам бадеҳа мегуфтанд.

Аксарияти ҳофизон музыканавоз буда, дар вакти сурудан худашон менавозанд. Ҳофизи бомаҳорати ванҷӣ Шобек Бачабеков, аз қишлоқи Даштак, коркуни комитети партиявии районӣ, коркуни шуъбаи молиявии районии Ванҷ Алиев низ бо дутор сурудҳо мехонанд. Дар Тоҷикистон номи ҳофизи дарвозӣ, сароядаи ашулаҳои халқӣ, дар айни ҳол артисти Филармонияи давлатии Тоҷикистон Шариф Ҷӯраев ба ҳама маълум аст.

Репертуари ҳофизон хеле гуногун аст. Онҳо дар баробари ашӯлаҳои халқӣ шеърҳои ба музыкаи халқӣ дохил кардашудаи шоирони классикии тоҷикро ҳам месароянд.

# РУБОИЁТ

Рубой (чорбайт, рәбоҳи) яке аз паҳншудатарин шаклҳои эҷодиёти даҳанакии халқии Дарвоз аст. Шакли рубой — ба туфайли кутоҳии худ бо осонӣ аз ёд мешавад ва дар ҳаёти ҳаррузаи дарвозиҳо ҳамроҳӣ мекунад. Рубой бештар аз тарафи ҷавондухтарон ва занон эҷод ва иҷро карда мешавад, аммо рубоиҳо барои репертуари ҳофизон — мардон ҳам характерноканд. Дар шакли рубой сурудҳои алла, туй, мотам, меҳнатӣ эҷод карда мешаванд, ғайр аз ин рубой барои ифода кардани ҳар гуна ҳиссиёти ишқӣ, рашк, талхии ҳиҷрон, шикоят аз никоҳи нобаробар, бевафой ва монанди инҳо шакли писандида мебошад.

Рубоиҳое, ки дар бораи сарсониҳо ва ғарибӣ эҷод карда шудаанд, дар назми Дарвоз цикли калонеро ташкил медиҳанд. Ба ғарибӣ ва сарсониҳо гирифтор шудани дарвозиҳо натиҷаи шароити вазнини иқтисодии Бухорои феодалӣ буд, ки аҳолии Дарвози дурдаст маҷбур буданд ба муддати дароз барои пайдо кардани чизе ба Тошкент, Самарқанд, Бухоро раванд ва ана ҳамин соҳаи зиндагонии онҳо дар ин цикли рубоиҳо ба хубӣ инъикос шудааст.

Рубой бо вуҷуди танҳо аз 4 мисраъ иборат буданаш шеъри мустақили тамом шудааст, ки мазмуни он аксар дар як мисраъ ифода мешавад.

Рубой ба осонӣ аз худ карда шуда, аз як қишлоқ ба қишлоқи дигар, аз як район ба районн дигар мегузарад. Аз ин ҷиҳат рубоиҳо вариантҳои зиёд доранд. Масалан, дар байни рубоиҳои ба ин китоб дохил гардида якчанд рубоиҳо мавҷуданд, ки пеш аз ин, бо

вариантҳои дигар аз тарафи А. Н. Болдырев ва М. Турсунзода чоп карда шуда буданд.

Одатан рубоиҳоро мардон бо ҳамоҳангии дутор ва занон бо дойра месароянд. Вале дар саҳро, дар роҳ ва дар вақти кори хонагӣ рубоиҳоро бе ҷуршавии музыка низ хондан мегиранд.

Рубоиҳо мазмунан бо якдигар алоқаманд нестанд, онҳоро яке аз паси дигаре сароидан мегиранд, аммо баъзан пас аз ҳар рубоӣ ягон нақароти такроршаванда дар шакли рубоӣ ё як байтӣ оварда мешавад.

Дар асоси мазмуни рубоиҳое, ки мо чоп менамоем, онҳоро ба қисмҳои зерин ҷудо намудан лозим мешавад:

I. Ғарибӣ. II. Никоҳи маҷбурӣ. III. Изҳори муҳаббат. IV. Шикоят аз фироқ. V. Шикоят аз бевафогии ёр. VI. Шикоят аз маҳбуба ё маҳбуб. VII. Дар мазмунҳои гуногун. VIII. Нақаротҳо.

Дар дохили ҳар як қисм аз руи маҳалли навиштагирифташудаи рубоиҳо: Қалъаи Хумб, Вахиёи Боло, Ванҷ тақсимоти дигаре мавҷуд аст.

## 1. ҒАРИБӢ

*Қалъаи Хумб*

1

Чинора бәбин, барги пәрешун дора,
Мулки падарәм лоиқи хешум[1] дора,
Хешунма бәгу, ки пәр[2] ғарибәм накәнан,
Ай дидори рӯшу[3] бенасибәм накәнан.

2

Як ёр дорәм, сарҳади боло ватанәш.
Ай барфи замистонай сафедтар гаранәш.[4]
Гуфтәм биравәм, сайр кәнәм дар чаманәш,
Гәлғәмча шавәм хәдма занәм дар бағаләш.

3

Дәстоҳани[5] дәсти мо ба дарьё рафтаст,
Ширин акам ғарибӣ танҳо рафтаст.
Мардумо меган: акаи ту ко[6] рафтаст?
— Тори фарачи[7] Ғарм тамошо рафтаст.

---

[1] *Хешум*—худам; *Хешунма*—хешонамро.
[2] *Пәр*—ин чо ба маънои бисьёр, дер.
[3] *Рӯшу*—рӯяшон.
[4] *Гаранәш*—гарданаш.
[5] *Дәстоҳан*—дастпона.
[6] *Ко*—кучо.
[7] *Тори фарач*—аз баландии дара.

4

Офтов бәрафт, сояш бәмунд минаи[1] дашт,
И акаи мән пули Қалай-Хумба гәзашт,
Хар чанде давидему давидем, ки нагашт,
Доғе ба диләм бәмунду оғбара гәзашт.

*Вахиёи Боло*

5

Рӯзе ки сарәм дард кәна, нола кәнәм,
Ру бай тарафи кадом вегуна[2] кәнәм?
Вегуна агар вафо кәнад як дамаке,
Монанди таоме, ки надорад намаке.

*Ванҷ*

6

Фарьёд, ки дар дашту биёбон мурдем,
Дур ай ватану ҷудо ай ёрон мурдем,
Як парча хате кунем ва[3] ёру рафиқ,
Як хат бинавис, ки мо пурармон мурдем!

7

Ай хуна бәромадәм чашмәм ба намай,
Рӯям ба тамошову диләм пураламай,
Мардум меган, ки дар дилэт, чӣ аламай?
Ин доғи мусофирӣ гирдови ғамай.

## II. НИКОҲИ МАҶБУРӢ

*Қалъаи Хумб*

8

Рӯе дорӣ, табақ-табақ гул реза,
Шӯе дорӣ, модасағәр мегреза.
Мегӯм, бәрам корд занәм, ё назанәм?
Шояд, ки тәра раҳо кәна, бәгреза.

---

[1] *Минаи*—миёнаи, байни.
[2] *Вегуна*—бегона.
[3] *Ва*—одатан дар лаҳҷаи Дарвоз дар пешоянди „ба" ҳамсадои „*б*" ба „*в*" табдил меёбад.

9

Дар кӯча гәзар накун, ки мо дар домем,
Бар мо сухане накун, ки мо бадномем.
Ҳар боре тәро бинем, пушт гардонем,
Дар дил нагирӣ, ки сухтаву бирьёнем.

*Ваҳиёи Боло*

10

Ин ҳавлини[1] кист? Болотарәш ҳавлини кист?
Ин дәхтари румолсәрхи нағзак зани кист?
Ин дәхтари румолсәрх, ёрәм гирад,
Шавҳои дәроз дар кәнорәм гирад.

11

Эй бачаи чакмансиё, ба боғәм нагәзар,
Гар мегәзарӣ, саракта паст карда гәзар,
Шуе дорәм, ай саги гирәнда бадтар,
Моро мекуша туро ай куштан бадтар.

*Ванҷ*

12

Афтовак расӣ[2] шохаки анҷирәнда,
Тираке задӣ шохаки нахчирәнда,
Хунәш бәчакид пиёлаи ширәнда,
Ҳайфи бачазан кәнори он пирәнда.

13

Дар қади ниҳоли навниҳоләт бәмәрәм,
Дар кәртаи сони тугмадорәт бәмәрәм,
На хунаи нағз дорӣ, на шуи ва дәл,
Дар ҷуни ширини ба азобәт бәмәрем.

14

— Эй ҷуни ширин, ки меравӣ пеш-пешәм,
Лавакта газәм ва дандунои пешәм.
— Лавакма нагаз, ки шавҳарәм мефаҳма,
Дәстакма бәгаз, ки зеби остин дора.

---

[1] *Ҳавлин*—ҳавлӣ.
[2] *Афтовак* расӣ—шӯълаи офтоб расид.

## III. ИЗҲОРИ МУҲАББАТ

*Қалъаи Хумб*

15

Гули суманӣ, гули суман боғәнда,
Сад чарх занәм, гирди сарәт хобәнда,
Кокулатра ай паси гушәт намоюн кардай
Хотири ҷамъи маро охир парешун кардай.

16

Чашмони сиёи содда сумбул хуши ту,
Ё наргиси пурхумори оламкуши ту.
Мардум меган, куҷо шуд ақлу ҳуши ту,
Ақлу ҳуши ман пеши ҷамоли хуши ту.

17

Чашмот, духтарак, осоиши ҷони мәнаст,
Лунҷот, духтарак, зебаки дандони мәнаст.
Ҳар нохалафе ба пешәт бадгӯӣ кәна,
То охири умр душмани ҷони мәнаст

18

Зәлфи сияҳәт гирӣ-гирӣ[1] тов задаст,[2]
Абруни каҷәт хайма ба матов[3] задаст,
Беҳ давлати у бача, ки амсояи[4] туст,
Лабҳои туро макида дар хов задаст.

19

Рафтәм сари оқиба дуде бәзадәм,
Ин бӯсаи гарми се кәрута бәзадәм,[5]
Ин бӯсаи гарми се кәрут ёфта нашәд,
Хәдма ба бари кәртакабуде бәзадәм.

---

[1] *Гирӣ-гирӣ*—гиреҳ-гиреҳ.
[2] *Тоб задаст*—ҳалқа задааст.
[3] *Матов*—маҳтоб.
[4] *Амсоя*—ҳамсоя.
[5] Дар ин ҷо бӯсаи гарме ба назар дошта шудааст, ки гармии он гӯё се курутро об мекунад.

20

Ай рафтанакот агар хабар медоштәм,
Дар рӯи раҳәт гәли суман мекоштәм,
Мән мекоштәм, ки пота дар хок назанӣ,
Хоки қадамәт ва дида мевардоштәм.

21

Зәлфои сиёи сода сәмбәлта сақа,[1]
Чәшмони сиёи мәшкә қаламфәрта сақа,
Ҳар гоҳ ки назар бар мәни девуна кәнӣ,
Лаву даҳану овози бәлбәлта сақа.

22

Ту куза дар дәст дорӣ, мерай лаби об,
Ту қадаки паст дорӣ, дили мән кабоб.
Гәфтәм бәравәм, кузата гирәм баҳри савоб,
Шаҳмори сәфед ҳәлқа[2] задаст дар лаби об.

23

Мән садқа шавәм учаи[3] санговдавака,
Ин дәхтари қадбәланди девлохравака[4].
Девлоҳ нара, ки гарди роҳәт занәме[5],
Шамоли хунәк ба рӯи моҳәт занаме.

24

Гандәм лолае, миёни гандәм лолае,
Ошиқ шидаям ба дәхтари қәнғолае[6],
И духтари қәнғола ба мән дәл дора,
Қошони сиё, забони бәлбәл дора.

---

[1] *Сақа*—садқа.
[2] *Ҳәлқа*—ҳалқа.
[3] *Уча*—лона.
[4] *Девлох*—чои тобистонгузаронӣ, аз кишлоқ берун.
[5] *Занәме*—мезанад.
[6] *Қәнғола*—духтари ба арӯсӣ номзадшуда.

*Вахиёи Боло*

25

Дар ҳавлини мо об набуд, об омад,
Себарга дамид, куртасафед сайл омад,
Эй куртасафед, сафед напӯшӣ чӣ шавад?
Моро ба сари зулфат насӯзӣ, чӣ шавад?

26

Дар сардарае ду мори печун дидәм,
Гирди лаби ёр арақ пәрешун дидәм,
Гуфтәм, биравәм, арақоша тоза кәнәм,
Дар баргаки гәл шакнами[1] борун дидәм,

*Ванҷ*

27

Қади алифәт, ки зеби майдуни мән аст,
'Он холи лаби ту зеби дандуни мән аст,
Хар бадғаразе ба пешакәт бад гӯяд,
Яқин ту бәдун, ки дәшмани ҷуни мән аст.

28

Каҷзулфисиёҳ, буса ба нодун надиҳӣ,
Лабҳои ту қиматанд, арзун надиҳӣ,
Як буса агар бай мәни ғамнок диҳӣ,
Гуё, ки ҳазор тәшнаро об диҳӣ.

29

Пудина ба барги бед мебинәм мән,
Ай ёраки худ умед мебинәм мән,
Рузе ки танәм бар тани ёрәм бәраса,
Ун[2] рӯзака рӯзи ид мебинәм мән.

30

Эй духтари зардина, адои ту шудам,
Суфию халифа аз барои ту шудам,
Пур гаштаму пур дидаму моил нашудам,
Хар боре туро дидам, девона шудам.

---

[1] *Шакнам*—шабнам.
[2] *Ун*—он.

31

Маҳтобшабаст, ки мән паси хунаи ту,
Дар гушәм расид овози дастмунаи ту.
Мурғони ҳаво дар талаби дунаи ту,
Мән дар ҳаваси канори мастунаи ту.

32

Э ёри азиз, маваши[1] хандун хәдакәт,
Дар лабаки бом ҳақику марҷун хәдакәт,
Мардәм гәли сәрха дар баҳор мебинанд,
Садбарги шәкәфта дар замистун хәдакәт.

## IV. ШИКОЯТ АЗ ФИРОҚИ ЁРУ ДӮСТ

*Қалъаи Хумб*

33

Зебосанамо, ки шона бар мӯ мезад,
дар вақти намоз,
Ду зулфи худа[2] тоб ба ҳар сӯ мезад,
бо ишваю ноз.
Аз фирқати ӯ мукарраму шоҳу ғариб,
мегуфт дареғ,
Худро зи фироқи ёр ҳар сӯ мезад,
бо сӯзу гудоз.

34

Ин дашти дароз об надорад, чӣ кунам?
Ду чашми сарам хоб надорад, чӣ кунам?
Ду чашми сарам роҳи туро менигарад,
То омаданат ҷавр аз сарам мегузарад.

35

Эй ҷӯраи ҷун, бе ту ҷиҳонро чӣ кәнәм?
Бе ту гули сәрхи арғувонро чӣ кәнәм?
Амрагуни[3] мән умри дәроз металабан,
Мән умри дәрози ғамқатиро чӣ кәнәм?

---

[1] *Маваш*—маҳваш.
[2] *Худа*—худро.
[3] *Амрагун*—ҳамроҳон.

## 36

Бача дар Қаротегин, оча дар Ҳисор,
Бача гули арғувуну[1], оча гули хор.
Кай боша, ки бәшкана аму[2] қулфи Ҳисор.
Ин очаву у бача бинанд дидор.

*Вахиёи Боло*

## 37

Хобе дидам, ки хоби маҳкам дидәм,[3]
Хәдма ба канори ёри маҳрам дидәм,
Бедор шидам, ки ёр дар бистар нест,
Ёрәм, ки набуд хәдакма пурғам дидәм.

## 38

Ин беди баланд бо лаби дарьёй,
Шиштәм ба умед ки рафтай, меой,
Ой, ой, бахти мәнә[4] давлати ту,
Зоеҳ[5] нашавад, ранҷи мәнә меҳнати ту.

*Ванҷ*

## 39

Ҷонона, баҳор шияст,[6] кай меой?
Вахти[7] гули хор шияст, кай меой?
Ту ваъда ба барфои замистун додӣ,
Барфо ҳама ов шияст, кай меой?

## 40

Э дилбари маст, бе ту ҳаётәм талхай,
Овои ширин, қанду наботәм[8] талхай,
Чи таоме мехәрәм, мисли кукнор талхай.
Бай гул нигарәм, ин гули гулзор талхай.

---

[1] *Арғувун*—арғувон.
[2] *Аму*—ҳамон.
[3] *Дидам*—дар ин чо бо маънои дидаам омадааст.
[4] *Мән*—ман.
[5] *Зоеҳ*—зоеъ.
[6] *Шияст*—шудаст.
[7] *Вахт*—вақт.
[8] *Наботәм*—набот ҳам.

41

Дудест, ки аз ин хуна бадар мероя,
Мән мунтазирәм, ки ёрәм кай меоя.
Мән мунтазирәм, ки кай бәбинәм рӯяш.
Ай сӯхтадиләм буи ҷигар меоя.

## V. ШИКОЯТ АЗ БЕВАФОГИИ ЁР

*Қалъаи Хумб*

42

Дар шӯхча бәдәм кәлӯхча борун ума[1]
Немоли[2] сарәм ба бод ларзун ума,
Немоли сарәм қалам-қалам гәл дора,
Номарда бәбин, ҷои дигар дәл дора.

43

Пудинаи боғи мо шияст меваи тар,
Рӯ ҷониби мо дориву дәл ҷои дигар,
Туро, ки намевоист[3] ай сари маҳал,[4]
И сӯхтадәли моро чаро додӣ хабар.

44

Эй дәхтари зардина, ки ҷунәм шәдай,
Андар назарәм чу мори печун шәдай,
Ай бахшаки тә маро ба куштан барамен,[5]
Ту дар сари роҳи мән, чӣ ҳайрун шәдай?

45

Шаҳтути сиёҳу рӯ ба рӯи ҳавасӣ,
Гар меҳр кунӣ, ҷафо кунӣ ҳам ту басӣ.
Гар меҳр кунӣ, бафо кунӣ се сад сол,
Гар ёри дигар гирӣ, ба пирӣ нарасӣ.

---

[1] *Ума*—омад.
[2] *Немол*—рӯмол.
[3] *Воистан*—форидан, маъкул шудан
[4] *Ай сари маҳал*—аз рӯзи аввал.
[5] *Барамен*—мебаранд.

46

Ин беди баланд бо лаби чар боша,
Дар тахаки бед селаи[1] дэхтар боша,
Мэн мор шавэм, халка занэм навдаи бед,
Бечора касе ошик ба духтар боша.

*Вахиёи Боло*

47

Садбарги сафеди мэн, чаро зард шияй?
Ё дил ба касе додӣ, ё қалб шияй?
На дил ба касе додам, на қалб шиям[2],
Ғамҳои туро хӯрдам, рангзард шиям.

48

Э кафтараки сафеди гардан гули хор,
Мо зинда дар ин диёр, ту мегири ёр,
Ҳар боре, ки ёри навта гирӣ ба канор,
Сари сината каждум газа, ҷигарта мор.

49

Э духтари зардина, мӯи холӣ,
Худ гуфта будӣ: ба об меём олӣ.
Рафтэм сари новардуна[3] дидэм холӣ,
Э навданиёл, охир ҷазое дорӣ.

*Ванҷ*

50

Мэн садқа ба чэшмакои сермижаи ту,
Ё садқа ба абрувуни пайвастаи ту,
Ай ёрэм ҷидо шиям ай боиси ту,
Хок дар сари ҷурагии серӯзаи ту.

---

[1] *Села*—гурӯх, тӯда.
[2] *Шиям*—шудаам.
[3] *Новардун*—нова.

51

Савзоширинак ҳазор ранг овардӣ,
Хандон-хандон мәна ба фанд овардӣ.
Дар ҳасрат бәдӣ, ки мән ба ту ром шавәм,
Ман ром шәдәм[1], ту боз нанг овардӣ.

*Қальаи Хумб*

52

Чойлоби[2] баланд аз ҳар параш[3] бод оя[4],
Кофар дәхтаре, ки бе мәнәш хоб оя,
Гар хоб кәна мехри мәнәш ёд оя,
Ин ҷогаи навдохта ба фарьёд оя.

53

Дар ҳавлини мән чӣ барфа партов карӣ,[5]
Рухсораи сурхи мәна зардов карӣ,
Одам ту набийӣ[6], ки одамәт дунистәм,
Мағзма ба даруни астағу[7] ов карӣ.

54

Э ёраки ҷун, ки дар ғамот пурдардәм,
Шабҳои дароз ай паят мегардәм.
Гаштәм, гаштәм, даво наёфтәм дардәм
Монандаи каҳрабо ба ранги зардәм.

*Вахиёи Боло*

55

Ҷонон, ба рӯят назар кунам, ё накунам.
Сири ту зи дил бадар кунам, ё накунам.
Оё, ту ба ман вафо кунӣ, ё накунӣ,
Ҷои дили худ дигар кунам, ё накунам.

---

1 *Шәдәм*—шудам.
2 *Чойлоб*—ҷои хоби тобистонӣ.
3 *Параш*—тарафаш.
4 *Оя*—ояд.
5 *Партов карӣ*—партофтӣ.
6 *Набийӣ*—набудӣ.
7 *Астағу*—устухон.

56

Ин беди баланду ишқи печидаи мән,
Биё, оштӣ кунем, ҷӯраи ранҷидаи мән,
Не бар тани ту гуноҳ, не бар тани мән,
Он ҷо дили ту сиёҳ, ин ҷо дили мән.

*Ванҷ*

57

Дар шохи чанор еча[1] дора кафтар,
Монанди анор сина дора дәхтар.
Модар дора, падар надора дәхтар,
Мән месӯзәм, хабар надора дәхтар.

58

Ба ранги зард мебинӣ, чаро нестӣ ту дар ёдам,
Ба оҳи сард мебинӣ, чаро нестӣ ба фарьёдам.
Ба саргардониат ҳайрон, надорӣ ту, хабар аз ман,
Ба ноҷуриам огоҳӣ, табибам, гӯ асар аз ман.

59

Ин моха бәбин, ки мерава лав-лави ҷар,
Ай шӯлаи вай пора шудаст рӯи ҷигар,
Мардум меган: ҷигари садпората дӯз,
Медӯзәму пора мешавад ҷои дигар.

## VI. ДАР МАВЗӮЪҲОИ ГУНОГУН

*Қалъаи Хумб*

60

Обака бәбин, чебори[2] берос[3] равәме,
Ҷурама бәбин, дарави бе дос равәме,
Досәш гәлагәл, кәҷакош марворӣ,
Дар пешаки пот мурәм, чӣ армун дорӣ.

---

[1] *Еча*—лона.
[2] *Чебор*—ҷӯйбор.
[3] *Берос*—норост, каҷ.

61

Бечора касе, ки бе бародар боша,
Дар рӯи замин чу мурғи бе пар боша,
Ман зар бәдиҳам ба худма додар бәхарәм,
Ин додари зархарид, чӣ додар боша.

62

Дар сардарае ягон-ягон гәл дидәм,
Дар Поймазор ду чуфти бәлбәл дидәм,
Гәфтәм, бәравәм бәлбәли гӯёша гирәм,
Бәлбәл, ки бәхест, хәдакма ҳайрун дидәм.

63

Ин кӯтали рӯболо, болош дамгир,
Эй ёраки хурдтарак, фәро, дәстәм гир,
Дәстәм гир, ки хурдаям яраи тир,
Хунолӣ[1] шидәм, канорн бе кәртам гир.

64

Э духтаракон, салом дорем ба шумо,
Пайғоми намози шом дорем ба шумо,
Пайғоми намози шом бар мо нарасид,
Як бусаи нотамом дорем ба шумо.

65

Ёрам Ванчай, диләм кашоли Ванчай,
Овринги Каведа[2] тагаш ови Панчай.
Пәрсәм, пәрсәм аҳволи ёрәм чӣ рангай?
Нозикаку, борикаку гандәмрангай.

*Вахиёи Боло*

66

Ҳаргиз ба сари хор бәрешим натанӣ,
Ёре, ки ба дил набоша, ҷунәш наканӣ,[3]
Ёре, ки ва дил набоша, нобуданәш бист[4]
Севе, ки тәрәш боша, нохурданәш бист.

---

[1] *Хунолӣ*—хунолуд.

[2] *Каведа*—номи оврингест, ки дар роҳи Ванчу Дарвоз воқеъ шудааст.

[3] *Ҷунәш наканӣ*—барои ӯ ҷон наканӣ, ташвиш накашӣ.

[4] *Бист*—бехтар аст.

### 67

Аз бәрумаданәм шакнами борунәм расид,
Сесола арус бәдәм алами боғчунәм[1] расид,
И алами боғчун аз диләм дур нашид,
Мән шишта бәдәм, ки биёри[2] шерәм расид.

### 68

Ҳамон чону ҳамон чононаят ман,
Бағал бикшо, ки сармохӯрдаят ман,
Бағал бикшо, маро кунчи бағал кун,
Ҳамон ёри қадими куҳнаят ман

*Ванҷ*

### 69

Дур дар садафу садаф ба дарьё тәшна,
Аз бари[3] садаф булбули раъно тәшна.
Мо дар аҷабем, минаи ов афтодем,
Ов ай сари мо гәзашту лаво[4] тәшна.

### 70

Аз ҳавали[5] кор қанду кабобәм додӣ,
Мән ёр шәдәм, заҳршаробәм додӣ,
Не шарми худо кариву[6] не раҳм ба мән,
Баргашта ба сахтиҳо ҷавобәм додӣ.

## VII. РУБОИҲОИ БА МОТАМ БАХШИДАШУДА

### 71

Мо ҷуфте кабутарем аз села ҷәдо,
Порина қатӣ будем имсол ҷәдо.
Порина қатӣ будем, қатӣ мегаштем,
Имсол ҷәдо шидем, аз дасти худо.

---

1 *Боғчун*—кундош, палонҷ.
2 *Биёр*—бародар.
3 *Бари*—баҳри, барои.
4 *Лаво*—лабҳо.
5 *Ҳавал*—аввал.
6 *Кари*—кардӣ.

## 72

Имшаб чи шабай, ки Ҷабраил мемунай[1],
Ай ғазаби Ҷабраил диләм ларзунай[2].
Эй марг, амун бәдә[3], шавәм рӯз гара.[4]
Дӯстәм чи камай, душманәм бисьёрай.

## 73

Имрӯз ману мешаки гумкардабара,
Мешӯраму[5] мекобам атрофи дара,
Сангест, ки ҷар мегара[6] дар пои дара,
То рӯзи қиёмата кашам оҳи бара.

## 74

Сар то сари пуштаҳо гули торунай,
Овои равону булбули нолунай.[7]
Мардум меган[8] бе биёрӣ осунай[9]
Осун набидаст, оташи даргирунай[10].

## 75

Фарьёд, ки пои нозукәм дар бандай,
Туро ғами кист, мәна ғами фарзандай,
Э хешу табор, маро эрод нагиред,
Ин давлати ҳумри[11] одамӣ фарзандай.

---

[1] *Мемунай*—меҳмон аст.
[2] *Ларзунай*—ларзон аст.
[3] *Амунбәдә*—амон бидеҳ.
[4] *Гара*—шавад.
[5] *Мешӯрам*—ҷустуҷӯ мекунам.
[6] *Ҷар* мегара—ҷар мешавад.
[7] *Нолунай*—нолон аст.
[8] *Меган*—мегӯянд.
[9] *Осунай*—осон аст.
[10] *Даргирун*—даргирон.
[11] *Ҳумр*—умр

## VIII, НАҚАРОТ (ФАРОВАРД)[1]

*Вахиёи Боло*

1

Ин себи самарқандӣ сараш пайдо нест,
Ин лаъли бадахшонӣ, дилат бар мо нест.
Тире задай дар ҷигари абгорам,
Хун мерезаду ҷароҳаташ пайдо нест.
**О вой, аламе, аламои ғарибӣ.**

2

Чашмон дорӣ мисоли ангури сиёҳ,
Дар бодияи ишқи ту гум кардам роҳ,
Як банда туӣ, яке манам пеши худо,
Ман дил ба ту додаям, ту донию худо.
**О вой, аламе, аламои ғарибӣ.**

Эй духтаракон, салом дорем ба шумо,
Пайғоми намози шом дорем ба шумо,
Пайғоми намози шом бар мо нарасид,
Як бусаи нотамом дорем ба шумо.
**О вой, аламе, аламои ғарибӣ.**

Шаби шаб шуд, нисби шаб шуд,
Вақти хоб шуд, дилам об шуд,
Ас наумад ёри ман,
Ёри вафодори ман.

3

Ин ликаки дармандәм
Румол бошад барбандәм,
Як хуна пур ай хубон,
Бо кадомаш дил бандәм.

4

Бозӣ куну бозӣ кун,
Навданиҳол бозӣ кун,
Химчамиён бозӣ кун,
Пештар биё, бозӣ кун.

---

[1] *Фаровард*—чи навъе, ки худи дарвозиҳо мегӯянд, аз як-ду ё чор мисраъ иборат буда, пас аз ҳар рубой ва ё ду мисраи он аз тарафи гурӯҳи ҳофизон ё худи ҳофиз ба тарзи нақарот сароида мешавад. Дар инҷо як суруд бо нақарот барои намуна оварда шудааст.

5

Қад баланд, қомат баланд,
Гардан дарозӣ мекәна,
Дар миёни ҳар ду қошот,
Хол бозӣ мекәна.

*Қалай-хумб*

6

Ай[1] боракалло, кашкәло[2],
Сад боракалло, ёри мо,

7

Ту ёри мәнӣ, ай ту амонәм ёрәм,
Сад ҷафо гар кәнӣ, мән ба ту кор дорәм.

8

Бе тақозои лабат, ҳусни ту афзун нашавад,
То дилам хун нашавад, рӯи ту гулгун нашавад.

9

Ёри ҷон, нозанин,
Ёри ҷон, гул бәчин.

---

[1] *Ай*—эй, ҳай.
[2] *Кашкәло*—качкулох, кинoя аз қаландар

# СУРУДҲО

Дар назми халқии Дарвоз, ғайр аз рубоӣ мавқеи муҳиммеро сурудҳо ишғол мекунанд. Сурудҳо ҳам дар идҳо, дар соатҳои дамгирӣ, хусусан шабҳои зимистон дар клубҳо, ҷои ҷамъиятие, ки дар районҳои кӯҳӣ вазифаи чойхонаро адо мекунад, сароида мешаванд.

Сурудҳо шаклан хеле гуногунанд, аммо аксар аз рамкаи шакли анъанавии назми классикии тоҷикии ғазал ва маснавӣ берун намебароянд.

Бисьёр вақтҳо ҳофизон шеърҳои Хофиз, Ҷомӣ, Бедил ва шоирони советии имрузаро месароянд.

Сурудҳо ҳам якка ва ҳам дукаса иҷро карда мешаванд, илова бар ин, дар Вахиёи Боло ва Ванҷ сурудҳоро бе ҳамоҳангии музыка ҳам мехонанд. Дар Ванҷ ба таври умумӣ хондани суруд ҳам одат шудааст. Дар ин мавриd якчанд суруд беист паи ҳам хонда шуда, фақат оҳанг тағьир ёфта, суръати сурудхонӣ беш аз беш тезтар мешавад.

Яке аз навъҳои суруд бадеҳа-лапар аст, ки мазмуни лирикӣ ё хандаовар дорад. Ин ғуна бадеҳаҳо аз тарафи писар ва духтар иҷро карда мешаванд. Аксаран бадеҳаҳо шакли саволу ҷавоби шоиронаро доранд. Дар вақти ҳозира бадеҳа-лапар яке аз номераҳои асосии концертҳои худфаъолиятӣ аст ва илова бар ин, бадеҳа ҳамеша бо рақс иҷро карда мешавад.

Як қисмати сурудҳои тореволюционӣ мазмуни динӣ ва як қисми дигар оҳанги навмедонае доштанд, ки аҳволи

вазнин ва ношоди деҳқонони зулмдидаю дар ҷаҳолат мондаро ифода мекарданд. Ҳоло ҷои ин ғуна сурудҳоро асарҳои назмии фараҳбахши советӣ ишғол намудаанд. Аксарияти сурудҳо маҳсули эҷодиёти халқӣ нестанд. Ба ҳофизон ва баъзан ба гӯшкунандагон номи муаллифи асари суруда мешудагӣ одатан маълум аст.

### 1. ЭЙ РАФИҚОН

Эй рафиқон, дарди дилро бо кӣ мегӯем мо,
Илтифоти масти ту зад ханҷаре бар ҷони мо.
То бибинам ман ҷамолат, шод мегардад дилам,
Мисли булбул дар гулистон нолаҳо дорем мо.
Эй ки аз рӯи ту ҳар шаб мекунам ман нолаҳо,
Ҷони ман аз фирқати рӯят шуд аз қолаб ҷудо.
Эй агар раҳме хурӣ бар ман асири мубтало,
Ту чаро раҳме надорӣ мекунӣ бар мо нигоҳ.
Аҳмадӣ аз шавқи рӯят шеърхонӣ мекунад,
Мекунам ҷонро фидои дидани рӯи шумо.

### 2. МУРДАНИ Ӯ АВЛОСТ

(суруди ҳаҷвӣ)

Осиёбе нов надорад,
Қишлоқе ов надорад,
Фақире гов надорад,
Мурдани ӯ авлост.

Осиёбе пара[1] надорад.
Устое арра надорад,
Марде фара[2] надорад,
Мурдани ӯ авлост.

Бармоле[3] камол[4] надорад,
Хирмане шамол надорад,

---

1 *Пара*—қисми чарх
2 *Фара*—мадор, қувват.
3 *Бармол*—пуштаи кӯҳ.
4 *Камол*—як навъ алаф.

Духтаре рўмол надорад,
Мурдани ў авлост.

Носкаше нос надорад,
Дәравгаре дос надорад.
Суфие ихлос надорад,
Мурдани ў авлост.

Каҳдоне каҳ надорад,
Деҳқоне чаҳ[1] надорад,
Ёбуе раҳ надорад,
Мурдани ў авлост.

Осиёбе санг надорад,
Духтаре чанг надорад,
Чигите[2] нанг надорад,
Мурдани ў авлост.

Пахтае ғўза надорад,
Сипоҳе мўза надорад,
Кампире кўза надорад,
Мурдани ў авлост.

Фақире табақ надорад,
Муллое сабақ надорад,
Носкаше кадуяк надорад,
Мурдани ў авлост.

### 3. АЗ ДУХТАР БО[3] МЕПУРСЕМ

Бача:

Аз духтар бо мепурсем:
Охир, ту чӣ ном дорӣ?

Духтар:

Номи маро мепурсӣ,
Дурдонаи марворӣ.

Аз бача бо мепурсем:
Охир, ту чӣ ном дорӣ?

[1] *Чаҳ* — чағора.
[2] *Чигит* — йигит, ҷавонмард.
[3] *Бо* — боз.

Бача:
Номи маро мепурсӣ,
Ашурбеки Чатрорӣ,

Аз духтар бо мепурсем:
Аз ҳолу мол чӣ дорӣ?

Духтар:
Сад гуспанди хуб дорәм
Ҳамаш шишаку чорӣ.

Аз бача бо мепурсем:
Аз ҳолу мол чӣ дорӣ?

Бача:
Як говаки кур дорәм,
Оғулҳо ҳамаш холӣ.

Аз духтар бо мепурсем:
Аз обу мулк чӣ дорӣ?

Духтар:
Сад ман замини хуб дорәм,
Ҳама гулу гулкорӣ.

Аз бача бо мепурсем:
Аз обу мулк чӣ дорӣ?

Бача:
Як ман замин дорәм
Ҳама ҷузу[1] ҷузкорӣ.

Аз духтар бо мепурсем:
Аз ҷои хоб чӣ дорӣ?

Духтар:
Сад курпаи хуб дорәм
Ҳама читу читкорӣ.

Аз бача бо мепурсем:
Аз ҷои хоб чӣ дорӣ?

---

[1] *Ҷуз*—як навъ алафи худрӯй.

Бача:
Як курпалоқ[1] дорэм
Хама чилу чилкори[2].

Аз духтар бо мепурсем:
Аз аспу масп чӣ дорӣ?

Духтар:
Сад аспаки хуб дорэм
Хамаш зину зинкорӣ.

Аз бача бо мепурсем:
Аз аспу масп чӣ дорӣ.

Бача:
Як тояки шал дорэм,
Захми пушташ як ғоре.

### 4. ДАР САРАКИ САНГ

Дар сараки санг хунае нест мэна,
Хачал[3] умааст[4] бунае[5] нест мэна.
Э ҳачали беҳуда, бэмун то дам бэзанэм,
Як қавза гули сафеда бар сар бэзанэм.
Як қавза гули сафед носарзада мунд,
Доғои дилэм ба ёрэм ногуфта мунд.

## *Қалъаи Хумб*

### 5. ЛАПАР

Хор:
Бе такозон лабат ҳусни ту афзун нашавад,
То дилам хун нашавад, рӯи ту гулгун нашавад.

Бача:
Панча бар дар мезадам, то ними шаб дар во нашид.
Ними шаб ҳам расиду он дилбарам пайдо нашид.

---

[1] *Кӯрпалоқ*—кӯрпаи кӯхнаи даридагӣ.
[2] *Чилу чилкорӣ*—латтаю латтакорӣ, ҳазор ямок.
[3] *Ҳачал*—ачал.
[4] *Умааст*—омадааст
[5] *Буна*—баҳона.

Хор:
Бе тақозои лабат ҳусни ту афзун нашавад,
То дилам хун нашавад, рӯи ту гулгун нашавад.

Бача:
Посбони гул баромад дасти айшамро гирифт,

Духтар:
Хеҷ кас дар ошиқӣ монанди ман шайдо нашид.

Хор:
Бе тақозои лабат ҳусни ту афзун нашавад.
То дилам хун нашавад, руи ту гулгун нашавад.

Бача:
Чини пешонаи ту ишвагари бедодай,

Духтар:
Тоқи абрӯи ту сармашқи кадом устодай.

Хор:
Бе тақозои лабат ҳусни ту афзун нашавад.
То дилам хун нашавад, рӯи ту гулгун нашавад.

Бача:
Хеҷ айбе ман накардам, ки сарамро бибурӣ,

Духтар:
Сайдро зинда гирифтан ҳунари сайёдай.

Хор:
Бе тақозои лабат ҳусни ту афзун нашавад,
То дилам хун нашавад, рӯи ту гулгун нашавад.

## 6. СУРУДҲОИ БАҲОРӢ

### 1

Баҳор омад, баҳор омад,
Баҳори лолазор омад.
Биёбонҳо гулистон шуд,
Камарҳо ҷумла бӯстон шуд,
Гули лола ҳазорон шуд,
Баҳор омад, баҳор омад.
Баҳор омад бо серрӯзӣ,
Бизан гулҳои наврӯзӣ,
Бидоз[1] тоқии гулдӯзӣ,
Баҳор омад, баҳор омад.

---

[1] *Бидоз*—биандоз, бипӯш.

* * *

Навруз шуду лолаи хушранг баромад,
Булбул ба тамошои дафу чанг баромад,
Э падар, бархез наврўзӣ биёр,
То туро раҳмат кунад халқи диёр.
Мурғони ҳаво ҷумла бикарданд парвоз,
Мурғи дили ман аз қафаси танг баромад.
Э падар, бархез наврўзӣ биёр,
То туро раҳмат кунад халқи диёр.
Рўзи наврўзӣ олам сабзазор,
Занги дилро мебарад бўи баҳор,
Э падар, бархез наврўзӣ биёр,
То туро раҳмат кунад халқи диёр.

## 7. СУРУДҲОИ МАРОСИМИ ТЎИ АРЎСӢ

(Дар ҳангоми тарошидани сари домод)

1

Сартарошун шоҳаме[1], гирди сарәт марворие,
Дәхтар дәхтаре чолора сәст бофтай ту,
Шәкрона бәкән ҷавона мәфт ёфтай тә.
Сартарошун шохәме, гирди сарәт марворие...

Дар ҳангоми баровардани шаҳ:

Шаҳи озодақабое,
Аспаки давандпое,

Зардолияки зард рўпрўн[2] хона,
Шохо ба замин гузарган ҷонона.

Шоҳи озода қабое,
Аспаки давандпое.

Як бўса шабәм бидеҳ яке рўзонае,
Гашти сафарәм шидаст мерам хона.

Шоҳи озода қабое,
Аспаки давандпое.

---

[1] Дар Дарвоз дар давоми тўй домодро „шоҳ“ (шаҳ) гуфта хитоб мекунанд

[2] *Рўпрў*—рў ба рў

(Ҳангоме ки арусро ба хонаи домод мебаранд):

Гəл бəбро ай хонае,
Чашмони шаҳ мастонае.

Ин дашти дароз рафтани ёр хəшай,
Шабҳои дароз дидаи бедор хəшай.

Гəл бəбро ай хонае,
Чашмони шаҳ мастонае.

Наълат ба касе, ки хоби ғафлат бəбара,[1]
Гар ёр гирӣ, ёри бафодор хəшай.

Гəл бəбро ай хонае,
Чашмони шаҳ мастонае.

(Дар шаби тӯй дар хонаи домод)

Аҷаб нигорме, хам-хам задаст зулфонəт,
Ширин нигорме, гирди лабу даҳонəт.
Ширин нигоре, фардо мешавад баҳор,
Гулҳо мешукуфанд қатор, дар фасли баҳор.
Гул рафтасту мондаст хор, о нигорме.
Аҷаб нигорме, кавгон мехəран дона,
Ширин нигорме, зулфонта бəзан шона.
Аҷаб нигорме, бозори кабутар гир,
Ширин нигорме, парвоз мекəнад чун тир.
Вала нигорме, во нигорəме.

---

[1] *Бэбара*—барад.

# ФОЛЬКЛОРИ БАЧАГОНА

Дар ин қисм ашӯлаҳои бачагона, тарона, зудгӯякҳои дар вақти бозӣ гуфта мешудагӣ, афсонаҳои бачагона ва чистонҳо дохил карда шудаанд. Чанде аз бозиҳои бачагона бо тарона ва зудгӯякҳо ичро карда мешаванд.

Бачагони хурдсоли то 6—7-сола—писарон ва духтарон, одатан, ҳамроҳ ва бачагони калонтар ҷудо бозӣ мекунанд.

Аз ин ҷост, ки суруд ва зудгӯякҳо ҳам вобаста ба бозии писарон ва духтарон аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Зудгӯяки „Сағира хест“ (№ 9) дар вақти бозии писарбачагон ичро карда мешавад. Оҳанги ин сурудҳо вобаста бо мавридҳои гуногуни бозӣ тағйир меёбад. Як гурӯҳ савол дода, гурӯҳи дигар ҷавоб мегардонад. Таронаи „Лабай-лабай сари ду“ дар бозие ичро карда мешавад, ки бачагон ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: як гурӯх дастҳои ҳамдигарро дошта, ду бозикунанда мегузарад, касеро, ки гузаштанӣ намонанд, онро ба замин пахш мекунанд.

Таронаҳои махсуси „алла“ хеле каманд. Одатан модар ҳар гуна рубоӣ ва сурудро бо алла-алла-аллагӯӣ шурӯъ намуда нақароти алла, алларо такрор карда хондан мегирад.

Таронаҳои № 7 одатан аз тарафи калонсолон ба кӯдакони хурдсол гуфта мешаванд: шахси калонсол дар вақти гуфтан ангуштаашро ба кафи дасти кӯдак мебарад ва таронаро гуфта истода, ангуштчаҳои кӯдакро ба навбат қат мекунад.

Таронаҳо ва афсонаҳои рақамҳои 11, 13, 14, 15 барои кӯдакони хурдсол эҷод карда шудаанд.

Суруди № 6 бо вариантҳои гуногун дар дигар районҳои Тоҷикистон ва ҳатто берун аз он дар Афғонистон ва Эрон хеле паҳн шудааст.

Ба ин қисм мо чистонҳоро низ дохил намудем, зеро ба чистонгӯӣ асосан бачагон машғул мешаванд. Қисми зиёди чистонҳо аз тарафи халқи маҳаллӣ эҷод карда шудаанд, онҳо ё ба предметҳои хонагӣ ё ба ҳайвонҳои хонагӣ, ба предметҳои зинда ва ё ғайризиндаи табиӣ — парранда, ҳашарот, растаниҳо ва ғайра бахшида шудаанд.

Фольклори бачагона аз нуқтаи назари забон махсусан ҷолиби диққат аст. Он, бешубҳа, яке аз қадимтарин қисмҳои фольклор буда, бисьёр калима ва ифодаҳоеро нигоҳ дошта аст, ки ҳоло барои худи гӯяндаҳо ва шунавандагон номафҳум шуда мондаанд, масалан, таронаи № 11 — „Важгакои важгаӣ". Мисолҳои дигар ҳам овардан мумкин аст. Ғайр аз он, чи навъе ки маълум аст, дар нутқи бачагони хурдсол, мӯйсафедон ва махсусан кампирон нисбат ба нутқи ҷавонон ва миёнсолон хусусиятҳои шевагӣ зиёдтар нигоҳ дошта мешаванд. Ҳамаи инҳо хусусиятҳои маҳаллии фольклори бачагонро ташкил медиҳанд.

## 1. БУЗАК

Бузаки пурчушәм,
Широта хуб мечушәм,
Ба одамо мефрушәм.
О, бузакәм гиди-гиди[1].

Э сагиран молвун[2],
Бузма додай ба гәргун[3].
Вало, мегимәт[4] товун.
О, бузакәм гиди-гиди.

У буз наби[5], бало би,
Аз чор модгов боло би,
Дастгири сагиром би,
О, бузакәм гиди-гиди.

Рафтәм, дидәм чохоша,
Чохон нариданоша,
Гәрг бәшкастаст лингоша,
О, бузакәм гиди-гиди.

Хайфи айлоки дубара,
Бузе надорәм, бәчара,
Буз мехарәм, гәрг мебара,
О, бәзакәм гиди-гиди.

---

[1] *Гиди-гиди* — нидои чег задани буз аст.
[2] *Молвун* — молбон, подабон.
[3] *Гәргун* — гургхо.
[4] *Мегимәт* — аз ту мегирам.
[5] *Наби* — набуд.

## 2. ХАРАК

Харма буран Нижғола[1],
Борәш кардан сарбора,
Ба хунаи мәна наёра[2],
О, мәни бе хар чо кәме[3].

Харма буран убара,
Борәш кардан дубара,
Ови Панҷәш мебара,
О, мәни бе хар чо кәме?

Харма буран дар Ҷавай[4],
Борәш кардан ду сабай[5].
Бори хари мән качай.
О, мәни бе хар чо кәме?

Харма буран дар айлоқ,
Борәш кардан нәмайлоқ[6].
Барои як беваи сарқоқ[7],
О, мәни бе хар чо кәме?

Харма буран дар айлоқ,
Мешапанәш бо тиёқ,
Пушти харәм шидаст қоқ,
О, мәни бе хар чо кәме?

Харма буран ба юған[8],
Борәш кардан рӯған[9].
Ба хунаи мәна наёран,
О, мәни бе хар чо кәме?

Харма буран чарундан[10],
Ай тори[11] кух паруңдан[12],

---

1 *Нижғола*—гурӯхи қишлоқхои райони Тавилдара, ки дар Воҳаи чапи дарьёи Хингов воқеанд.
2 *Наёра*—наоварад.
3 *Чо кәме*—чӣ кор мекунам.
4 *Ҷавай*—қишлоқест дар Афғонистон.
5 *Сабай*—сабад.
6 *Нәмойлоқ*—намади кӯҳна.
7 *Сарқоқ*—зани бе фарзанд, танҳо.
8 *Юған*—як навъ алаф аст.
9 *Рӯған*—равған.
10 *Чарундан*—чаронидан.
11 *Тор*—дар ин ҷо ба маъно и боло омадааст.
12 *Парундан*—паронданд, яъне афтонданд.

Талхаи харма кафундан[1],
О, мәни бе хар чо кәме?

Харма буран бай нәмәк[2],
Харәм гәрәфтаст зәнәк[3].
Доданәш дуғи тәнәк[4],
О, мәни бе хар чо кәме?

### КАҲДАРАВӢ

Як рӯз рафтәм каҳдәрави,
Дар ҳайни[5] гарм карәм[6] тан шорәғза[7],
Дәравидәм як-ду дарза,
Гуфтәм: зорӣ нагаза.
У зорӣ[8] нӣ[9] бәгазим,[10]
Чоша маҳкам бәқапим,[11]
Лапак-лапак[12] давидәм,
Паси хавча[13] ғалтидәм,
Фарьёд кардәм:,
Хамман[14] Давлатбибӣ,
Туро меган, табибӣ,
Фарьёд кардәм остаҳак[15],
Чогара[16] бәдоз, э занак,
Дар чога зом[17] ғалтанак[18].

---

[1] *Кафундан*—кафониданд.
[2] *Нәмәк*—намак.
[3] *Зәнәк гәрәфтан*—дамгир шудан, яъне хафа шудан, нафасбанд шудан.
[4] *Тәнәк*—тунук, суюк.
[5] *Дар ҳайни*—дар айни вақти хиид.
[6] *Карәм*—кардам.
[7] *Шорәғза*—эзори васеи пашмӣ, ки мардон дар вақти кор мепӯшанд.
[8] *Зорӣ*—зормонда, сабилмонда.
[9] *Нӣ*—дар лаҳчаи Дарвоз ба чои „хам" кор фармуда мешавад
[10] *Бәгазим*—маро газид.
[11] *Бәқапим*—қапидам, доштам.
[12] *Лапак*-лапак—ҳазида-ҳазида.
[13] *Хавча*—ғарами дарзаи (банди) гандум, чав, ё алаф.
[14] *Ҳамма*—амма.
[15] *Остаҳак*—оҳистакак.
[16] *Чога*—чойгаҳи хоб, бистар.
[17] *Зом*—ман задам.
[18] *Ғатланак*—ғел задан.

Ало, чуни ширинәм,
У зорӣ нӣ чова[1] бӣ,
Чени[2] занбури говак[3] бӣ,
Дар пӯштаҳо лаг-лаг бӣ,
Ало, чуни ширинәм.

### 4. ГӘНДӘШК

Гәндәшк[4] ай пушта хамбӣ[5],
Қарор гәрәфт дар гәмбӣ[6],
Баъдтар бай чава ҳәмбӣ[7],
Чавро ба чаври гәндәшк.

Гәндәшк умад ай бармол[8],
Пур ши дәрахти камол,
Чавмуна каран помол,
Чавро ба чаври гәндәшк.

Гәндәшк умад ай бәланд,
Нӯләш қади качкәланд[9].
Чавора ай хәша канд,
Чавро ба чаври гәндәшк.

Раҳи Лаҳлмо[10] раи дур,
Гәндәшквунӣ[11] кори зӯр,
Бача нагуфт боба[12] мур[13],
Чавро ба чаври гәндәшк.

---

[1] *Чова*—чӣ хел.
[2] *Чени*— ба микдори, мисли.
[3] *Говак*—як навъ занбӯр аст.
[4] *Гәндәшк*—гунчишк.
[5] *Хәмбӣ*—хамбид, фаромад.
[6] *Гәмбӣ*—теппа, баландӣ.
[7] *Хәмбӣ*—хучум кард.
[8] *Бармол*—доманаи теппа ё кӯхе.
[9] *Қаҷкәланд*—кацкаланд, каноч.
[10] *Лаҳлмо*—номи зане.
[11] *Гәндәшквунӣ*—гунчишкбонӣ, аз гунчишк муҳофизат кардани зироат.
[12] *Боба*—падар.
[13] *Мур*—мурд.

Э, кәндануйли[1] хира,
Локома[2] карай шила[3],
Худо чунта бәгира,
Чавро ба чаври гәндәшк.

Кәндануйли хирасар,
Амке[4] мехра кади хар,
Чәшмош[5] мегаран бадар[6],
Чавро ба чаври гәндәшк.

## 5. БОЛО МЕРАМ

Боло мерам, боло мерам,
Бо чангали хоро[7] мерам,
Сесад чавони найзадор,
Чодир задан гирди мазор,
Э духтарак, фандәм накән[8],
Овораи Ванчәм накән.
Пуни пота[9] кофтәм,
Синори[10] нағзта ёфтәм.
Чор сагу, чор кәта[11]
Пирхару бор меғута,
Кавши бәбим тар ши,
То ки бобим хабар ши.

## 6. ОСУНАИ[12] СЕСУНА

Осунаи сесуна,
Се мәрғи[13] дари хуна,
Як мәрғак доштем,
Тәхмакоша бардоштем.

---

[1] *Кәндануйл*—хӯса, матарс.
[2] *Лоқома*—пӯшокхоямро.
[3] *Шила*—ба воситаи либоси кӯхна ва чӯб шакли одам сохтан барои тарсондани гунчишк гузошта мешавад.
[4] *Амқе*—хамон қадаре, чунон бисьёре.
[5] *Чәшмош*—чашмонаш.
[6] *Мегаран бадар*—беруи мебароянд.
[7] *Хоро*—хорхо.
[8] *Фандәм накән*—фиребам накун.
[9] *Пуни пота*—поёни чои хобатро, яъне поёни тарафи поятро.
[10] *Синор*—келин.
[11] *Кәта*—нарсаги калон.
[12] *Осуна*—афсона.
[13] *Мәрг*—мург.

Пеши бобои деҳқун[1] бурем,
Бобои деҳкун дунара[2] до[3].
Дунара бурем бай осьёб,
Осьёб ба мо гардака[4] до.
Гардака бурем ба карсун[5],
Карсун ба мо хелара[6] до.
Хелара бурем ба тахта,
Тахта ба мо гәрдака[7] до.
Гәрдака бурем ба дегдун[8],
Дегдун ба мо пухтара до.
Пухтара бурем ба оча,
Оча ба мо ҷумара до.
Ҷумара бурем ба ака,
Ака ба мо китоба до.
Китоба бурем ба муаллим,
Муаллим ба мо муроде до.

### 7. ЛӮЛАК,[9] ЛӮЛАКИ ХОКӢ

Варианти I.

(Ин суруд дар вақти бозии духтарчахо ичро карда мешавад)

Лӯлак лӯлаки хокӣ,
Дашти калаки[10] боқӣ.
Ай боло санг умад,
Пеши бәзи ланг умад.
И тахта ба у тахта,
Шоуни[11] камарбаста.
Аспа дар киҷо бастӣ?
Бедои каторәнда.
Зинора киҷо мундӣ?
Декуни Ҳисорәнда.
Хатичамо, Хатича,
Остино пури кулча.

---

[1] *Деҳқун*—деҳқон.
[2] *Дунара*—донаро.
[3] *До*—дод
[4] *Гардак*—камтар.
[5] *Карсун*—табаки хамиркунӣ.
[6] *Хела ё ки хелья*—хамир.
[7] *Гәрдак*—гирдак, яъне хамири барои пухтан тайёршуда дар шакли гирд.
[8] *Дегдун*—дегдон, танӯри нонпазӣ.
[9] *Лулак*—кулӯлаяк.
[10] *Дашти калак*—дашти бегиёх.
[11] *Шоун*—Шохон.

Варианти II.

Лулак лулаки хокӣ,
Дашти калаки бокӣ.
Аз боло санг умад,
Пеши бэзи ланг умад.
У тахта ба у тахта,
Шоуни камарбаста.
Аспора кичо бастӣ?
Пеши чаву гандум,
Наҳлэт[1] ба зани мардум.
Икак[2] ов овард,
Икак алов овард,
Икак бэпэхт,
Икак бэхӯр[3].
Ба икака нарасӣ,
И гэфт: бэхезе бэрем уздӣ,
И гэфт аз хэдои хэд наметарсӣ?
Икак гэфт: мегирему мегрезем.

## 8. КАДУЧА БО КАДУЧА

Кадуча бо кадуча,
Ошик зани бойбача.
Бойбача мазор рафтаст,
Бо гирьяву зор рафтаст,
Келинча хамир караст.
Дэстша тай хамир караст[4].
Хатичамо Хатича,
Остино пури кулча.
Кулчахора ко бармӣ[5]?
Пеши мири мо бармӣ?
Мири мо савган хӯраст,
Чил талоки зан хӯраст.

---

[1] *Наҳлэт* — лаънат.
[2] *Икак* — инакак.
[3] *Бэхӯр* — хӯрд.
[4] *Тай хамир кардан* — хамиролуд кардан.
[5] *Бармӣ* — мебарӣ.

Дар шәтәро[1] бор кәнӣ,
Убар[2] ай мағзор[3] кәнӣ.
Мағзора гулзор кәнӣ.
Гулзора девол кәнӣ.

## 9. САҒЕРА ХЕСТ

Сағера хест сироғи дашт, як дашт ду дашт, ҳар се дашт кофт, наёфт, гирифт. Шохбанд кард. Як дашт умад[4] ду дашт умад, ҳар сеша умад, дар хона даровард, дар пушниш[5] дар зад, баровард, дар оғул дохт[6], каҳша рехт, дарша кәлӣ[7] кард. Хест сироғи дашт. Як дашт, ду дашт, ҳар се дашта гузашт, кофт, наёфт, ёфт, гирифт. Шохбанд кард. Як дашт умад, ду дашт умад, ҳар се дашт умад. Овард, дар хона даровард, дар пушниш дар зад. Баровард, дар оғул дохт, каҳша рехт, дарша кәлӣ кард. Як мо[8], ду мо, се мо, чор мо, панҷ мо, шаш мо, ҳафт мо, ҳаш мо, нӯҳ мо, тузук. Гов бурдәм паси дар, овардәм пеши дар, гов гусола кард. Кампир хест ба орда, сағера хест ҳезумшиканӣ. Кампир орд овард, сағера ҳезума шикаст, сағера алов дохт, кампир хест, филара[9] яков кард[10]. Сағера сардегӣ гирифт, хунук кард. Хест сироғи дашт. Як дашт, ду дашт, ҳар се дашт. Дар хонаи подшо дәрумад, подшоҳро чаҳт кард[11], подшоҳо хестан, аспора сувор шидан. Як дашт умадан, ду дашт умадан, угам[12] ҳар се дашт умадан, хамбидан[13], аспора бастан, дәрумадан, кавшора мундан, оби дәст овардан, дәстора шиштан[14], табақа хамборундан[15], хӯрдан, оби дәст овардан, дәстора шиштан, кавшора пӯшидан, бәрумадан, аспора сувор шидан, бәрафтан[16].

---

1 *Шәтәр*—уштур.
2 *Убар*—он тараф, он сӯй.
3 *Мағзор*—марғзор ва номи ҷое ҳам ҳаст.
4 *Ӯмад*—дар ин ҷо ба маънои „гузашт" омадааст.
5 *Пушниш*—пешонааш.
6 *Дохт*—андохт, даровард.
7 *Кәлӣ*—калид.
8 *Мо*—моҳ.
9 *Фила*—фала.
10 *Яков кардан*—омехта кардан.
11 *Чаҳт* кардан—даъват кардан.
12 *Угам*—баъд.
13 *Хамбидан*—фуромадан.
14 *Шиштан*—шустан.
15 *Хамборундан*—фуровардан[д].
16 *Бәрафтан*—рафтанд.

## 10. ГӘЧО БУДӢ

Гәҷо[1] будӣ, хоҳарҷон?
Бозор будам, акаҷон.
Чиҳо, чиҳо харияӣ[2]?
Рӯмоли хуб хариям.
Барои кӣ харияӣ?
Барои худ хариям.
Чита[3] чита медозӣ?
Найта[4] найта медозәм.

## 11. ВАЖГАКОИ ВАЖГАӢ

Важгакон[5] важгаӣ,
Аз дар даромад вегаӣ[6]
Гуфто: чи дорӣ дар бағал?
Гуфтам: китоби серғазал.
Гуфто: бихон, то бишнавем,
Гуфтам: намедонам ғазал.
Кӯҳ баланду моҳ баланд,
Султон баромад рӯӣ банд.
Чӣ мепӯшанд? Пӯсти паланг.
Сувор шудан аспи черан[7].
Эӣ бехабар, эӣ бехабар,
Дуньё шудаст зеру забар.

## 12. БУД НАБУД

Буд набуд, будгор буд, кулӯх набуд, шудгор буд, шиғасти[8] гәндәшкон шуд, ҷиғасти кампирон шуд, дар як кӯза дӯғ буд, гапи кампир дурӯғ буд, дар як кӯза шир буд, гапи духтар ширин буд...

---

[1] *Гәҷо*—куҷо.
[2] *Харияӣ*—харидаӣ.
[3] *Чита*—чӣ тавр.
[4] *Найта*—мана ин тавр.
[5] *Важгак*—бажгак, маънои хурдиро дорад. Дар дӯхтакбозӣ кӯдакон дӯхтаки аз хама хурдро бажгак мегӯянд (эзохи мухаррирон).
[6] *Вегаӣ*—бегоҳӣ.
[7] *Аспи черан*—аспи сурхи пешонисафедро мегӯянд.
[8] *Шиғаст*—чирик-чирик.

## 13. ЗАРДОЛИБАЧҶАК

Бидаст як кампир, доштаст як нәваса[1], у ёфтааст як дуна[2]. Нәвасаш гуфтаст: бәхәмәш ё бәшумәш[3]. Бибиш гуфтаст, ки нахрәш[4] бәшунәш. Бәшундастәш дар хок, рафтааст, умаҳаст[5].

Зардолӣ ката шӣ, бәпәхтаст, кандаст, бәхӯрдастәш.

## 14. РӮБААК

Мән рубааки чусти чақонәм.
Дар ҷанги сагу[6] кор надорәм,
Дар рег равәм[7] хари ва[8] борәм,
Дар кӯҳ равәм, хәдма[9] бaрорәм.
Дар минаи бичау[10] бара мири азорәм.[11]

## 15. КАНА

Кана дар пушти кана,
Кана дар бозор чақ-чақ мекәна,
Мор тутик мекаша, фишаст мекәна,
Ғәлба[12] потеләк[13] мезана.

## 16. ЧИСТОНҲО

1. Бобии булғор,
   Меравад дар ғор,
   Мекәна ҷил-ҷил,
   Меброрад файзи бисьёр.
2. Бузи хинг,[14] дарва[15] тәринг.[16]

---

1 *Нәваса*—набера.
2 *Дуна*—дона.
3 *Бәхәмәш ё бешумеш*—хӯрамаш ё шинонамаш
4 *Нахрәш*—нахӯраш.
5 *Умаҳаст*—омадааст.
6 *Сагу*—сагон.
7 *Равәм*—равам.
8 *Ва*—ба.
9 *Хәдма*—худамро.
10 *Бича*—бузғола.
11 *Мири азор*—мири хазор.
12 *Ғәлба*—акка.
13 *Потеләк*—пойзанӣ, бетокатӣ.
14 *Хинг* — хокистарранг.
15 *Дарва*—ба пеши дар.
16 *Тринг*—дар ин чо ҳозир, тайёр.

3. Бузи хинги рӯдакашол.

4. Бузи хинги раша ва раша,
Чизе мехәра ғаша.[4]

5. Гови сурх таги гови сияха мелеса.

6. Зармалах, зебомалах,
Рӯ-рӯи ов шәрахо-пәрах

7. Пастак занаке,
Пастобәландак[5] занаке,
Кӯчагардак занаке.

8. Мәткини[6] нақшин,
Ғалтӣ[7] дар овшин,[8]
Бәбро,[9] дар деку[10] бәшин,
Дегу косама[11] бәбин.

9. Он чист, ки раванда асту по
надорад,
Дорад дахану зуҳун[12]
надора,
Дар дашт равад, мисоли ваҳшӣ,
Сад чӯб бизанӣ, фиғун
надора.

10. Чист он, ки: меравад тир
ворин,[13]
Мешинад мир ворин.

11. Меравад, меравад, ғелбел барин ҷо
мегирад.

---

[4] *Ғаша*—алаф.
[5] *Пастобәландак*—пастобаланд.
[6] *Мәткин*—санги кулӯла.
[7] *Ғалтӣ*—афтид.
[8] *Овшин*—обшин, ташноб.
[9] *Бәбро*—баро.
[10] *Деку-декон*—суфае, ки дар кӯҳистон барои шишту хоб дар даруни хона сохта мешавад.
[11] *Косама*—косаамро.
[12] *Зуҳун*—забон.
[13] *Ворин*—барин.

12. Ай дар дәрумад ҳәмбу-ҳәмб,
Почәкдәрози калтадәмб.

13. Аспи сиёи бозингар,
На дәл дора, на ҷигар.

14. Як токча пури мехча.

15. Ай анда[1] то Ҳисор,
Кәр-кәра бисьёр,
Мешинәм,[2] чәшмдиёр.[3]

16. Вәл вәли вәл давәнда,[4]
Сәрхо сәфед кафәнда[5],

17. Бобим ҳалә паләнда,
Ришәш лави ҷарәнда.

18. Бузи хинги бадәла,[6]
Дәстәш накән, ки мемәра.[7]

### *Ҷавоби чистонҳо*

*1. Чархдегу чархчӯб. 2. Занҷири дар. 3. Сӯзану ришта. 4. Дос. 5. Алаву дег. 6. Қӯрутоб. 7. Мурғу тухм. 8. Ғӯк—қурбоққа. 9. Моҳӣ. 10. Акаи ало (акка). 11. Саг. 12. Шутур. 13. Кайк. 14. Даҳану забон, 15. Каду. 16. Кавар. 17. Пӯш (як навъ алаф). 18. Бомуч (як навъ ҳашарот).*

---

[1] *Анда*—ин ҷо.
[2] *Мешинәм*—менишинам.
[3] *Чәшмдиёр*—мунтазир, чашм дар роҳ.
[4] *Давәнда*—даванда.
[5] *Кафәнда*—дар каф.
[6] *Бедәла*—бедила, бемагз.
[7] *Мемәра*—мемурад.

# ШОИРОНИ МАҲАЛЛӢ

Гарчанде эҷодиёти шоиронии маҳаллиро эҷодиёти даҳанакии халқ ҳисоб кардан дуруст нест, вале аз он нуктаи назар, ки, асарҳои Мулло Ёр барин шоирони дарвозӣ бевосита ба фольклори Дарвоз дохил шудаанд, мо баъзе намунаҳои онҳоро дар ин маҷмӯа дохил намудаем. Асарҳои Мулло Ёр ҳеҷ гоҳ чоп карда нашудаанд[1] шеърҳои ӯ дар Дарвоз ва Ванҷ васеъ паҳн шудаанд, онҳо аксаран бо лаҳҷаи дарвозӣ навишта шуда, ба репертуари ҳофизони халқӣ дохил гаштаанд. Як қисми дигари сурудҳо аз шоирони маҳаллӣ, махсусан аз муаллимон навишта гирифта шудаанд.

---

[1] Аввалин бор номи Мулло ёр дар очерки Н. А. Кисляков „Мардумони Ванҷ" (маҷалаи „Резец", Ленинград, № 23, 1934) зикр карда шуд. Инчунин якчанд шеър ва баъзе маълумот аз тарҷимаи ҳоли Мулло Ёр ҳам дар мақолаи „Фахлавиёти Дарвозӣ" С. И. Климчицкий (труды таджикистанского филиала АН СССР, т. VII, 1937) оварда шуда буд.

## 1. МУЛЛО ЁР

Мулло Ёри Ванҷӣ яке аз машҳуртарин шоирони Дарвоз мебошад. Номи ӯ ба бисьёр қисса ва латифаҳои халқӣ дохил шудааст ва қариб ҳар як шеъри Мулло Ёр ба ягон ҳодиса нисбат дода мешавад.

Эҳтимол девон ва тарҷимаи ҳоли ӯ ҳозир ҳам мавҷуд бошад, вале то ҳол ёфт нашудааст.

Дар асоси маълумотҳои нопурраи дар ватани шоир ҷамъ кардашуда тарҷимаи ҳоли мухтасари ӯ чунин аст:

Мулло Ёр дар қишлоқи Ғумаяк, ки дар соҳили чапи дарьёи Панҷ, наздикии маркази район—Рохарв воқеъ шудааст, таваллуд ёфтааст. Модари ӯ аз қишлоқи Сангевни райони Қалъаи Хумб мебошад. Падараш деҳқони як андоза таъминшуда буд. Мулло Ёр дар ҷавониаш дар дарбори охирин шоҳи Дарвоз—Саид Муҳаммад Сироҷхон, ки соли 1877—78 аз тарафи амири Бухоро аз тахт фуроварда шуда буд, хизмати мирзогӣ иҷро мекард.

Аз рӯи ҳикояҳо якчанд сол пеш аз фароварда шудани Сироҷхон дар байни Мулло Ёр ва ӯ носозӣ ба амал омад ва аз ин сабаб Мулло Ёр дар ҳаққи ӯ шеъри ҳаҷвӣ эҷод намудааст. Ва баъд аз ин Мулло Ёр ба Бухоро гурехта рафта ба мадраса дохил шудааст.

Дар мадраса аз шоирии Мулло Ёр хабар ёфта ба ӯ таклиф намудаанд, ки бахшида ба амир Абдулаҳад қасида нависад.

Ҳикоя мекунанд, ки шоирони дигар шеъри ӯро хонда ҳасад бурдаанд, ӯро тарсондаанд, ки шеъраш ба

амир маъкул нашудааст, бинобар он ӯро ба дор хоҳанд кашид. Гӯё амир дар ҳозирини Мулло Ёр пурсидааст, ки ин шеърро кӣ навиштааст. Яке аз дарбориён бо забони ӯзбекӣ „бу киши" (ин одам)—гӯён ҷавоб додааст. Мулло Ёр, ки ӯзбекиро намедонист, ин суханро ба тоҷикӣ—ӯро куш—фаҳмидааст ва аз ғояти тарс аз Бухоро ба Макка гурехтааст.

Дар ҳақиқат Мулло Ёр сафари ҳаҷ карда, аз он ҷо барнагашта буд. Вале сабаби ҳақиқати ҳиҷрати Мулло Ёр ҳоло маълум нест.

Мулло Ёр марди қадпаст буда, мӯи сару риши сурх доштааст. Зани Мулло Ёр Амчигул, аз қишлоқи Висхарв буда, дар соли 1930 вафот ёфтааст. Аз ӯ ду писар таваллуд ёфта, яке Ғиёс ва дигарӣ Мирзоча ном дошта аст. Духтари Ғиёс Сафармо (тав. 1911) ҳозир дар қишлоқи Ғумаяк зиндагӣ мекунад.

Дар бораи ӯ, ба ватанаш, гӯё то солҳои 30-юм хабар меомад. Як мӯйсафеде, ки ба ҳаҷ рафта будааст, ҳикоя кард, ки Мулло Ёрро дар аввали солҳои 30-юм дидааст. Ӯ пири фарсуда шуда, китобе дар даст, садақа металабидааст. Аммо ин маълумотҳоро ба ҳақиқат наздик гуфтан душвор аст.

Эҷодиёти Мулло Ёр шаклан бой ва гуногунмазмун аст. Мулло Ёр қисми зиёди шеърҳои худро ба тасвири аҳволи вазнини деҳқонони Дарвоз бахшидааст. Шеърҳои қариб сад сол пеш аз ин навиштаи ӯ бо фольклор омехта шудаанд. Аз ин рӯ вариантҳои бисьёри шеърҳои ӯ дучор мешаванд.

Шеърҳои то замони мо омада расидаи Мулло Ёр зиндагонии замони шоирро ба тарзи ҳаққонӣ инъикос мекунад. Шеъри „Мусулмуну чи ниш̌лиқ би, ки Рохарв овар ай рӯму" мисоли равшани ин даъво шуда метавонад. Шоир дар ин шеър дар бораи вазнинии аҳволи меҳнаткашони кӯҳистонӣ, дар бораи чоғар, ки то революция миқдори зиёди аҳолии Ванҷ гирифтори он буд, сухан меронад.

Дар байни мероси шеърии Мулло Ёр асарҳое ҳам мавҷуданд, ки шоир дар онҳо хасисӣ ва аҳмақии рӯҳониёни мусулмониро фош менамояд.

Дар назми Мулло Ёр шеърҳои лирикӣ мавқеи муҳиммеро ишғол менамоянд, бисьёрии онҳо ба монанди: „Умрҳо шуд, ки гирифтори тум, э ҳилагарӣ" аз тарафи

ҳофизони халқӣ ба музыка даровард шуда, суруда мешаванд.

Дар байни шеърҳои Мулло Ёр ва шеърҳои ба ӯ нисбат додашаванда миқдори зиёди ҳаҷвия ва сатираҳои тезу тунди ба воқеаҳои гуногун бахшидашуда мавҷуд аст.

Махсусан ин фактро қайд намудан зарур аст, ки аксарияти шеърҳои Мулло Ёр бо лаҳҷаи маҳаллӣ—лаҳҷаи Ванҷӣ навишта шудааст, ки ин қимати махсуси эҷодиёти ӯро ташкил медиҳад. Дар шеърҳои ӯ бисьёр калимаҳои архаистии ҳоло аз истеъмол беруншуда низ нигоҳ дошта шудаанд. Шеърҳои Мулло Ёрро мо дар давоми кори экспедицияи диалектологӣ, ки дар Ванҷ, солҳои 1949 ва 1951 гузаронида шуда буд, аз муовини раиси комитети иҷроияи райони Ванҷ рафиқ Хоҷаев ва дар Рохарв аз Давлат Абдуллозода ва дигарон навишта гирифта будем.

I.

Мусулмуну,[1] чи нәшләқ,[2] бӣ, ки Рохарв овар ай рӯму,[3]
Хӯрокму[4] оши боқлегиву тарси ҷоғар[5] ай рӯму.
Ҳамӣ ову чалу[6] борундагӣ бай закияна[7] бас бин,[8]
Заҳаст[9] боз ига[10] фикри мурани[11] гову хар ай рӯму.
Ба хоки даҳр яксун[12] гаштаям тагпали коҳ ворӣ,[13]
Лиғаи сум[14] мекәнад як подаи гулу кар ай рӯму.

---

[1] *Мусулмуну*—мусулмонон.

[2] *Нәшләқ* (нишлиқ) — сиёҳӣ, ки мувофиқи тасаввуроти кӯҳна баъзан одамонро дар хоб пахш мекунад.

[3] *Ай рӯму*—аз рӯямон, аз болоямон.

[4] *Хӯрокму*—хӯрокамон.

[5] *Ҷоғар*—буқоқ, ғуррӣ.

[6] *Чал*—лой.

[7] *Бай зәкияна*—барои зиқ шудан, ғам хӯрдан.

[8] *Бас бин*—бас буданд, кифоя буданд.

[9] *Заҳаст*—задааст.

[10] *Боз ига*—дигар боз.

[11] *Муран*—мурдан.

[12] *Яксун*—яксон.

[13] *Тагпали коҳ ворӣ*—тагпахлукаҳ барин.

[14] *Лиғаи сум кардан*—зери по кардан, пахш кардан.

Тан хешәт[1] жувукмун мекәнй[2] охир чй зулм аст ин!
Ту, э девори мехнат, ита бисьёр нажгар[3] ай рӯму.
Ва ранги тухми кирмак пахлигардун рағди кокәнда[4],
Ва хардам золи дуньё мешапа хокистар ай рӯму.
Намунад хамта мирзогй ва ранги модагови фар,
Ба пода мисли тевил мепара як лаг нар ай рӯму.
Тан бори ғами дуньё ва ранги тагдарй.[5] Ёре,
Сутун мундем амзо[6] боз мезад подар[7] ай рӯму.

2

Мусулмоно ачаб холәм батар[8] шй,
Ки бахту толехам дар куху чар шй.
Ба хар кас лофи найранге задәм ман,
Ба ман душмантар аз каждуми зар[9] шй.
Надим дар хумри хәд як соxати нек[10],
Ба хар мәлке, ки рафтем шуру шар шй.
Бәшундәм[11] беди мачнуну шй ангет,[12]
Бәдохтәм харбуза ӯ качкапар[13] шй.
Герәфтәм як лави нун[14] то ки бәхрәм,
Нуволам дар макәм[15] чун ләкн[16] дар шй.
Бәхӯрдәм ов ай болошу зо кәрт,[17]
Ки поюнтар бәрафту тәмбатар[18] шй.

---

[1] *Тан хешәт*—дар зери хулат.
[2] *Жувукмун мекәнй*—пахш мекунй.
[3] *Ита нажгар*—ин тавр нагард.
[4] *Мазмуни мисраъ*: ба мисли тухми кирмаки пилла дар замини кок пахлугардонам.
[5] *Тагдарй*—остона.
[6] *Амзо*—хар кадар, ки хар чанд ки.
[7] *Подар*—подарй, пояи дар.
[8] *Батар*—бадтар.
[9] *Зар*—захр.
[10] *Мазмуни мисраъ*:—надидам дар умри худ як соати нек.
[11] *Бәшундәм*—шинондам.
[12] *Ангет*—дарахти хордор.
[13] *Качкапар*—качкаду.
[14] *Нун*—нон.
[15] *Мак*—халк.
[16] *Чун ләкки дар*—куфли чӯбини дар
[17] *Зом кәрт*—фурӯ бурдам.
[18] *Тәмбатар шй*—бадтар дармонд.

Ба боғи хамб[1] бәмундәм остаҳак[2] по,
Бәвардоштәм,[3] ки мағзоям бадар[4] шӣ.
Ба ҳар хуна, ки рафтәм соҳиби ӯ,
Анәз[5] дар пога[6] бим,[7] ки ӯ бадар шӣ.
Ту, Ёрӣ, чанд зи бахти хеш нолӣ,
Ки толеҳ аз азал ин буду бар шӣ.

3

Худовандо, зи ман ҳастӣ ту розӣ,
Нигаҳ дор аз хурӯши қавми қозӣ.
На зулм аз қозиву на аз раисам,
Мулул аз муфтии мазҳар нависам.
Хәдшон[8] гаштанд бо эшон мушавваш,
Асо дар даст бо кӯрон асокаш.
Хәдшон гаштанд ҳамчун ҳалқаи ҷим,
Дилошон[9] танг ҳамчун чашмаки мим.
Нигини табъ чу дар ангишт дозед,
Ҳар онга... Ёрӣ мушт созед.
Занед ҳар як ба... худ ду-се бор,
Ки то огаҳ шавәд аз назму ашъор.[10]

4

Мәни дармунда ҳар чанде, ки мекнәм потеләк[11] янда,[12]
Нашӣ ҳеҷ ҳосилам як пилтаи токи шиләк[13] янда.

---

[1] *Хамб*—хамвор.
[2] *Остаҳак*—оҳистакак.
[3] *Бәвардоштәм*—бардоштам.
[4] *Бадар шӣ*—берун шуд, баромад.
[5] *Анәз*—ҳанӯз.
[6] *Пога*—пойгаҳ.
[7] *Бим*—дар ин ҷо ба маънои будам.
[8] *Хәдшон*—худашон.
[9] *Дилошон*—дилҳояшон.
[10] Нақл мекунад, ки тирамоҳе муфтии Ванҷ Мулло Соир бо муллобачагон дар қишлоқҳо гашта пул ҷамъ менамуд. Боре онҳо Мулло Ёрро ба назди худ чеғ заданд, вале ӯ рад кард. Дар вақти бозгашт онҳо Мулло Ёрро масхара карданд, вай бошад ба онҳо бо ин шеър ҷавоб гардонидааст.
[11] *Потәләк*—пой задан (дар вақти зӯромад).
[12] *Янда*—ин ҷо.
[13] *Шиләк*—кӯҳна.

Хама дар ин замуна соҳиби нун[1] шину[2] ай ҷума,[3]
Мәни фалхос[4] бод камбе[5] ва ранги бодхәрәк[6] янда.
Агар накнәм[7] чу чаплокн чәғелма[8] поргию чәргӣ,[9]
Бәмәрме[10] охир ай личӣ[11] зәмистуни хәнәкянда.
Дәләм мега, вахез[12] чу кән бәра[13] бай мәлки обода.
Чи истмӣ[14] бахши як қошук ҳопикови тәнәк[15] янда.
Бәфармим[16] яктарӣ[17] оталае як капгарди[18] орда,
Анәз як курт нахӯрәм, мегара[19] садкас фәләк янда[20].
Наёфтас ранги мои хәрпәтӣ[21] ҳар ҷо хәдовандӣ,
Ба ғайр аз шира[22] як носрӣ ҷавини шәлмәтәк[23] янда.
Накан ҷуне[24] дар ин дуньё, ғами амдо[25] махур, Ёрӣ,
Аз аввал то охир ҳеҷ кас наёфтас ризк ва фәк янда.

5

Ғамәнда[26] ҷова[27] ҳолам ту нагуфтӣ дилбарәм яхпәк[28],
Нашӣ[29] парвот аз хуни дилу чашми тарәм якпәк.

---

[1] *Нун*—нон.
[2] *Шину*—шуданду.
[3] *Ҷума*—ҷома.
[4] *Фалхос*—бечора.
[5] *Кибме*—менӯшам, мехӯрам
[6] *Бодхәрәк*—як нав парранда.
[7] *Накнәм*—накунам.
[8] *Чәғелма*—чойҳои даридаи либос.
[9] *Поргию чәргӣ кардан*—чизпораҳоро ямок кардан.
[10] *Бәмәрме*—мемурам.
[11] *Личи*—лучӣ, бараҳнагӣ.
[12] *Вахез*—бархез.
[13] *Чу кән, бәра*—аспро ҳай кун, рав.
[14] *Истмӣ*—менстӣ.
[15] *Ҳопикови тәнәк*—як навъ авкоти суюки бе гӯшт.
[16] *Бәфармим*—бифармудам.
[17] *Яктар*—камтар.
[18] *Як капгард*—як мушт.
[19] *Мегара*—мешавад.
[20] *Фәләк*—овози пои каси даровида.
[21] *Хәрпәтӣ*—нобакор.
[22] *Шира*—орлоб.
[23] *Носрӣ ҷавини шәлмәк*—нони ҷави нимпухтаи часпонак.
[24] *Ҷуне*—ҷоне.
[25] *Амдо*—беҳуда.
[26] *Ғамәнда*—ҳар ғам
[27] *Ҷова*—чӣ тавр.
[28] *Яхпәк*—ик хәпәк—каме, андаке.
[29] *Нашӣ*—нашуд.

Чу медуний[1] ки чанд вакте[2] аз бари[3] ту, чун каме,[4]
Биё доманкашун якбор бар тори сарәм яхпәк.
Чунин фәлхок ворӣ[5] дар таи мәткин[6] бәчек[7] сарма[8],
Каполәнда[9] бәбинӣ, биниям мағзи сарәм яхпәк.

6

Файзи футӯҳи дониш аз бехабар начуме,[10]
Ҷурғоту ширу қаймоқ ай[11] гови фар начуме.
Доим ниҳоли худруй тумч[12] асту талх меваш,
Кори қабули мардум ай бепадар начуме.
Ай хум пухтакорӣ чашми ҳумед[13] надорәм,
Тутпусте[14] дар ҷувозук[15] ай тути тар начуме.
Ҳастам ҳамеша Ёрӣ, дар ҷустуҷуи мазмун[16],
Ҳамранги мардуми Зинг[17] дар куча хар начуме.

7

Ғал[18] бәдумат[19] ки ту ҷу[20] зәлфа парешун[21] кара бий,[22]
Мәнаки хәрхәпәка[23] бе сару сомун кара бий.
Амза ки зарвимәт[24] шәк-шәки шәк шим[25] ба барәт,
Хич надоим[26] як мачак, ови чишма[27] чу Ҷайҳун кара
бий.

---

[1] *Медунӣ*—медонӣ.
[2] *Вахте*—вақте.
[3] *Бари*—барои баҳри.
[4] *Ҷун камә*—ҷон меканам.
[5] *Фәлхок ворӣ*—чормағзи бепӯст барин.
[6] *Дар таи мәткин*—дар таги санги лӯнда
[7] *Бачәк*—бикуч.
[8] *Сарма*—сарамро.
[9] *Капол*—косахонаи сар.
[10] *Начуме*—намеҷӯям.
[11] *Ай*—аз.
[12] *Тумч*—тунд,
[13] *Ҳумед*—умед.
[14] *Тутпуст*—тути хушки кӯфташудаги.
[15] *Ҷувозук*—уғурчае, ки дар он тутро кӯфта майда мекунанд.
[16] *Мазмун*—дар ин ҷо ба маънои кори фоиданок омадааст.
[17] *Зинг*—номи қишлоқест дар Қалъаи Хумб.
[18] *Ғал*—ҳозир.
[19] *Бәдумент*—медонамат.
[20] *Ҷу*—ҷон.
[21] *Парешун*—парешон.
[22] *Кара бий*—карда будӣ.
[23] *Мәнаки хәрхәпәка*—мани хурди бечораро.
[24] *Амза ки зарвимәт*—хар қадар ки туро зорӣ кардем.
[25] *Шәк-шәки шәк шим*—наздик шудам.
[26] *Надоим*—надодиам.
[27] *Ови чәшма*—оби чашмамро.

Ба азизуну бәзәргуну калунуни[1] Дарвоз,
Мәни сахмотаи сахмотара[2] ҳайруи кара бий.

8

Умрҳо шуд, ки гирифтори тум,[3] э ҳелагарй,
Ҳама дам ташнаи дидори тум, э ҳелагарй.
Ранги парвона надорам ба касе рӯзу ҳаво,
Монли оташи рухсори тум, э ҳелагарй.
Рӯз дар пеши дарәт мисли сагон нуҷәк кәме[4],
Шаб ҳама дар паси девори тум, э ҳелагарй.
Нестам ҳечй ғам аз эвару[5] шуи сияҳат,
Талхакаф аз ҳуши қимори тум, э ҳелагарй.
Раҳма мепоя, месора, каҳршун ҳәраме[6],
Ёри дилталху дилафгори тум, э ҳелагарй.
Ёрии мазлуми бечораро ғамгин карай,
Бо ҳазор доғ харидори тум, э ҳелагарй.

9

Дар чаман рашки қадат чун сарвро буньёд сӯхт,
То кунад ёд аз хиромат, қомати шамшод сӯхт.
Оташи ишқаш зи бас дар манзили дил шӯъла зад,
Бар гулӯ ҳангоми қатлам ханҷари ҷаллод сӯхт.
Фитратам аз баски расвой параст афтода буд,
Вазъи бебоконаи ман шеваи иршод сӯхт.
Сарнавишти Ёрии бечора дар эҷоди халқ,
Қисматаш ин буд чандон чора кард, барбод сӯхт.

10

Чу гул, як дастағул ман хӯднамоиро надонистам,
Чу булбул шӯру афғону навоеро надонистам.
Ба поям шӯълаи шамъи муҳаббат ҳамчу парвона,
Шудам хокистари қалб[7] ошноиро надонистам.
Агарчанде ки дар олам надидам ошноиро,
Вафо кардам ба ҳар кас бевафоиро надонистам.
Ба гардун ҳамчу Маҷнун содалавҳ афтодаам Ёрй,
Ба ҳар ёре, ки дил бастам, ҷудоиро надонистам.

---

[1] *Азизону бәзәргуну калунуни* — азизону бузургону калоншавандагон.

[2] *Сахмота* — камфаҳм, нодон.

[3] *Тум* — туам.

[4] *Нуҷәк кәме* — нола мекунам, зор мегӯям (маҷозан), асли нуҷок кардан, уловс кашидани сагро мегӯянд.

[5] *Эвар* — ҳозиршуй,

[6] *Каҳршун ҳәраме* — қаҳрашон меояд.

[7] *Қалб* — дил.

11

Дар мәлки[1] Сангевни дароз[2],
Дод мезанан аз беваҳо.
Гуфто ки ҳайб[3] нест, ай, тағо,
Бай мо ни[4] Гишхун[5] амтарай[6]

12

Вусто[7], ту дар ин боғи пури мева бәбин,
Дар ҳар таи тут қофилаи бева бәбин.
Рангзард занако дидем дар рузи баҳор,
Ту боз ай юҳо[8] мастиву ноз, шева бәбин[9].

13

Сари тунди Покашон[10] ғамгинәм караст,
Ба Тутак[11] расидәм, раҳгирәм караст.
Барафтем сап-сапак[12] андар сари ду[13],
Ки Наврӯзам бәдо[14] як аспи фарбу[15].
Чунон рохим[16], ки ай Гишҳун бадар шим[17],
Ба тавларзаву сардард сар ва сар шим[18].
Бигуфтамшон ки эй, ёро муборак!
Кичо реме[19] ақиби мо қаторак.
Нигоҳшун мекәнәм ҳар чор-ҳастан,

---

1 *Мәлк*—мулк.

2 *Сангевни дароз*—кишлоқест дар райони Қалъаи Хумб, ки модари Мулло Ёр аз он кишлоқ буд.

3 *Ҳайб*—айб.

4 *Бай мо нӣ*—дар мо ҳам.

5 *Гишхун*—кишлоки тобеи Ванч аст, дар назди маркази район воқеъ шудааст.

6 *Амтарай*—ҳамин тавр аст.

7 *Вусто*—усто.

8 *Юҳо*—онҳо.

9 Накл мекунанд, ки боре гурӯҳи занон аз Мулло Ёр илтимоси шеъре кардаанд, ки шеъре гӯяд, вай дар ҷавоб ин рубоиро гуфтааст.

10 *Покашун*—кӯталест мобайни кишлокҳои Ғумаяк ва Гишҳун дар Ванч.

11 *Тутак*—ҷоест дар Ванч.

12 *Сап-сапак*—оҳиста-оҳиста.

13 *Ду*—деҳа.

14 *Бәдо*—дод.

15 *Фарбу*—фарбеҳ.

16 *Рохидан*—бо азобу қин роҳ рафтан.

17 *Шим*—шудам.

18 Маънии мисраъ: ба табларза (варача) гирифтор шудам.

19 *Реме*—меравем.

Хашарвор ай кафоям рожа[1] бастан,
Таву тавларзаву сардарду сармо,
Хама як сӯ, Ёрии бечора танхо.

## 2. КОЗӢ НАБОТ

Хафаву зик шидам гуфтор навомем[2] ғалак[3],
Фикри хов дорэм, бедор навомем ғалак.
Дилам мега: чуҳ куну[4] Дарвоз бэра,
Боз ай афғони хунхор навомем, ғалак.
Боша[5] пӯсти бэқагон ай ситаму чаброра,
Мӯзаву маҳсин булғор навомем ғалак.
Боша нони арзэнии, ки ва мудум ғаж[6] бэзанэм,
Деги оши сари бозор навомем ғалак.

## 3. МУЛЛО ХӮЧА

### 1

Мехӯрам доим ба ёди дӯст хунобн чигар,
Нест моро улфате ғайр аз ту дар халқи дигар.
Нисбати ҳусни ту дар олам намебошад заре,
Нест моро дар ду олам ғайри ту ёри дигар.
Шарбати ҳусни туро рӯзе агар орам ба каф,
Дар дилам ояд ҳавои шахду ҳалвои дигар.
Мекашӣ хардам ба чашмони сиёҳат сурмае,
Мекунӣ ҳар соате сад ишваву нози дигар,
Ғамзаи чону диламро, Хӯча, чун бетоб кард,
Гирьяи ошиқ ба маъшуқаш бувад кони шакар.

### 2

Эй ситамгар, ман асири чашми шаҳлоят шавам,
Чоми васлат бар каф орам, болапоймоят шавам.
Медиҳӣ фандам ки рӯзе хоҳӣ дидан рӯи ман,
Э тасаддуқ ба фиребони дилосоят шавам.
Мехиромӣ дар чаман чун кабк андар кӯҳсор,
Бо дилу чонам фидои қадду болоят шавам.
Ҳаст дар нахли вучудат себу бодому анор,
Ман фидои нахли зебову дилороят шавам.

---

1 *Рожа*—қатор.
2 *Навомем*—намефорад.
3 *Ғалак*—ҳозир.
4 *Чуҳ кун*—кинояи аз асп ронидан.
5 *Боша*—бошад.
6 *Ва мудум ғаж* (ё ки ғач) *бэзанэм*—дам ба дам хондан гирам.

Раҳм бинмо соате пеши мани Хуҷа биё,
Мурдам аз ҳиҷрат, нигор, хоки қадамҳоят шавам.

3

Шаб ки дидам дар хаёлам ҷилваи ҷононаро,
Аз даруни дил кашидам наърaи мастонаро.
Гар хаёли ту кунам, чун мум мегардад дилам,
Ишқ дар дил ҷо кунад ин пешаи шоҳонаро.
Хуҷа, чун майли ҷамоли дуст мекардӣ чӣ суд,
Ишқ месузад дили чандин туву ҷононаро.

4

Ақл мегӯяд: тамошои гулу гулзор кун,
Ишқ мегӯяд: тавофи хонаи дилдор кун.
Ақл мегӯяд: бирав дар мадраса такрор кун,
Ишқ мегӯяд ки: ҳай-ҳай тарки ин гуфтор кун.
Ақл мегӯяд: бирав дар гӯшаи масҷид нишин,
Ишқ мегӯяд ки: мону тарки ин гуфтор кун.
Ақл мегӯяд: ки расвоият аз ҳад ҳам гузашт,
Ишқ мегӯяд: хато кардӣ, ки ёди ёр кун.
Ақл мегӯяд: бихон дарсу китоби илму фан,
Ишқ мегӯяд: дилу ҷон дар сари ин кор кун.
Моҷарои ақлу ишқ ин замон аз ҳад гузашт,
Хез, э Хуҷа, тамошои гулу гулзор кун.

5

Аз дурии ту на ханда дорему на хоб,
Як дида пур оташ аст, сад дида пур об.
Худ медонӣ машаққати дуриро,
Пайғом ба коғаз аст, дидор ба хоб.

6

Аз сузи дилам гунбази афлок бисухт,
Аз сӯзиши дил ҷома ба тан пок бисухт.
Худ медонӣ қоидаи ғамхоро,
Мағзам ба даруни устохон пок бисухт.

7

Имсол баҳор омаду гул хуррам шуд,
Сӯзиш ба даруни синаам маҳкам шуд.
Э ҷураи ҷон, ба ҳоли ман гирья бикун,
Ҷон дар тани ман бисӯхт, хокистар шуд.

8

Э зи ишки ту кабӯтар гаштаам дар осмон,
Сузишат аз дил гузашту чо бикард дар устухон.
Ман ба худ гуфтам, ки дилро барканам аз рӯи ту,
Дил ба ман гуфто, ки фурсат нест моро ин замон.

## 4. БЕНАЗИРОВ УРФОН

Ёр, чу моҳи чордаҳ рухро мунаввар кардаӣ,
Орази тобандаатро сӯи ман бар кардаӣ.
Наргиси шаҳло нигоҳат нӯги ханҷар кардаӣ,
Теги абрӯро синони Сому Рустам кардаӣ.
Рағбате рӯи ракибон дориву бар ман каме,
Дил рабудӣ аз ману бегайр гаштӣ ҳамдаме.
Орзӯи васли ту доим, ҳамеша бар ман аст,
Бахри қатлам холи ҳиндуро муҳайё кардаӣ.
Навниҳолӣ коматат зеботар аз сарви сиҳӣ,
Кабк мегардад хиҷолат аз хиромат, ё парӣ.
Тӯтии ширинсухангуфторӣ, ё кабки дарӣ?
Печутоби зулфи худро мори печон кардаӣ.
Андалебмонанд дорам нолаҳо шаб то саҳар,
Ханҷари мижгон синони Гев дар мо кардаӣ.
Офтоби дӯстӣ дар шуъълаи рӯи ту нест,
Заррае меҳру муҳаббат дар дили сарди ту нест.
Мисли ту нозукбадан дар Чину Мисру Рум нест,
Шонаи шамшод бар мӯи зарафшон кардаӣ.
Ҳамдаму суҳбат нагаштӣ бо ман, эй ҳури лиқо,
Орзу дорам, ки бошам ёри ту, эй бевафо.

## 5. САИДАТТОР РАҲМОН (АТТОРӢ)

### 1. АЛО, ЭЙ ДИЛБАР

Ало, эй дилбари ҷонам,
Ки ман қурбони чашмонат.
Ба дил чандин ҳавас дорам,
Бубинам рӯи хандонат.
Барои ту чӣ чиз ёбам,
Ки ту хушнуд зи ман гардӣ?
Бибахшам тухфае, ё ки
Диҳам ҷонро ба фармонат.

Чу кавгон аз барои ту,
Дар ин куҳсор мегардам,
Ки то афтад ду чашмонам,
Ба руи моҳи тобонат.
Ба сад ҳилаву найранге,
Нашастам ман дар ин пешат,
Ки охир бо ду чашмонам,
Бидидам лабу дандонат.
Чу Аттории мастона,
Ки дар роҳи ту паймудаст,
Шабе меҳмони ту бошам,
Нишинам рӯи дӯконат.

**2. ШУДАМ ОШИҚ**

Шудам ошиқ ба чашмони ту, духтар,
Шудам охир гирифтори ту, духтар.
Ту, э духтар, ба ҳоли ман раҳм кун,
Шудам парвонаи гирди ту, духтар.
Агар рӯзе, ки як борат набинам,
Сари роҳи ту ҳар дам менишинам.
Ду чашмам сӯи ту аз баҳри дидан,
Туро ман орзу дорам, бигирам.
Ту, э духтар, ба дилат раҳм дорӣ?
Агар раҳмат бувад, пешам биёӣ.
Ту медонӣ гирифторат кӣ бошад?
Гирифторат бувад Мирзо Атторӣ.

# ФОЛЬКЛОРИ СОВЕТӢ

Дар эҷодиёти имрӯзаи халқи Дарвоз суруд, рубоӣ ва шеърҳои ҳаҷвӣ мавқеи асосиро ишғол мекунанд. Муаллифони онҳо намояндагони интеллигенцияи советӣ — муаллимон, котибони колхоз, коркунони районӣ ва колхозчию колхозчизанони оддӣ мебошанд.

Дар баробари ин ба муносибати афзоиши мактаб ва саводнокии аҳолӣ, паҳн шудани радио, китоб, газета ва журналҳо адабиётҳои советии тоҷик дастраси оммаи васеъ гардидааст. Шеър ва сурудҳои шоирони имрӯзаи тоҷикро бисьёр касон аз ёд медонанд ва онҳо ба мусиқаи халқӣ дароварда шуда, дар идҳо, шабҳои хурсандии ҳаваскорон аз тарафи ҳофизони халқӣ иҷро карда мешаванд.

Аз шоирони маҳаллӣ дар Дарвоз номҳои Раҳмонов (муаллим, қишлоқи Кеврон), Назрӣ Юсуфов, ки аз қишлоқи Шолак ба қишлоқи Роҳарв районн Ванҷ кӯчида, дар он ҷо сторожи базаи Райторг шуда кор мекунад, машҳуранд. Юсуфов бисьёр шеърҳои ҳаҷвӣ эҷод кардааст.

Рубоии № 6, ки духтаре дар бораи маҳбуби барои кор ба Хоруғ рафтааш мегӯяд, хеле завқовар аст: вай ҳасрат мекунад, ки Хоруғ дур аст, вале ҳамоно илова мекунад: „Чӣ бояд кард, охир кори ӯ барои мамлакат муҳим аст-ку". Як қисми рубоиҳо ба Ҷанги Бузурги Ватанӣ бахшида шудааст (№№ 9—13).

Дар шеърҳои шоирони имрӯза ҳаёти нави озодонаи халқи советӣ, аз он ҷумла халқи Дарвоз тавсиф карда мешаванд, асарҳои онҳо бо ҳисси муҳаббат ва садоқат ба Ватани советӣ ва Партияи Коммунистӣ фаро гирифта шудаанд. Аз ҷиҳати ифода намудани ҳисси ватандӯстӣ

шеъри колхозчӣ Нозим Дод (№ 13) қобили диққат аст: шоир баён мекунад, ки бо шодию ифтихор ба сафи Армияи Советӣ хоҳад рафт.

Намунаҳои фольклори советии Дарвоз ба ду қисми асосӣ ҷудо мешаванд: рубоиҳо (№№ 1—13) ва шеърҳои шоирони маҳаллӣ. Дар рубоиҳо ҳаёти социалистӣ ва муносибатҳои нави советӣ инъикос ёфтааст. Баъзе рубоиҳо, ки аз афти кор аз тарафи ҷавондухтарон эҷод карда шудаанд, ба муаллимони маҳаллӣ бахшида шудаанд.

Агар шеърҳои дар ин маҷмуа дохил кардашудаи Мулло Ёрро бо шеърҳои шоирони имрӯзаи Дарвоз муқоиса кунем, то чи андоза тағьир ёфтани мазмуни назми имрӯза ба хубӣ маълум мегардад. Дар шеърҳои Мулло Ёр ҳаёти вазнини тореволюционии ванҷиён тасвир карда шудааст. Шеърҳои ӯ оҳанги навмедона доранд. Шоир аз нокомӣ ва камбағалӣ шикоят карда, менависад, ки ӯ дар ҳаёти худ як соати хушбахтиро надидааст, вай ҳамеша бараҳна, пойлуч ва гурусна буда, дар замини қоқ хоб мекунад.

Шоирони имрӯза менависанд, ки Дарвоз ба кишвари гул-гулшукуфта табдил ёфта, халқи он хушбахт ва бой аст, ҳама маълумотнок шудаанд. Дар ҳама ҷо мактабҳо, китобхонаҳо ва клубҳо сохта шудаанд, газетаи чопии районӣ мебарояд, даҳҳо ҷавонон ва духтарон соҳиби маълумоти миёна ва олӣ гардидаанд; қувваи электрик, радио, телефон дар ҳаёти колхозчиёни Ванҷу Дарвоз ҷорӣ шудаанд.

Дар тараққиёти иқтисодӣ ва маданни Дарвоз роҳи Калони Помир ба номи И. В. Сталин, ки районҳои ҷудогонаи республикаро бо Сталинобод пайваст, роли бузург бозид. Аз ин рӯ шоирон дар ҳар як шеър аз Партияи Коммунистӣ ва Ҳукумати Советӣ барои ҳаёти хушбахтона миннатдор будани худро баён мекунанд.

## РУБОЙ

### 1

Замон, замони мо шуд.
Умри шумо фано шуд,
муллову эшон.
Як замон асир будем,
Асири дастгир будем
мо зану мардон.
Гаштем озод имрӯз,
Рафтаст барбод имрӯз
зулми амирон.
Мо духтарони озод
Дар даври совет дилшод,
Боёнро кардем барбод,
мо зану мардон.

### 2

Э бачаи мактаби, мән ба ту дәл бастәм,
Хатон[1] тәра хӯндәм[2], мән бешкастәм,
Хар боре хатот мерасан дар дастәм,
Бо хар сари хатхӯниёт[3] хурсанд астәм.

---

[1] *Хато* — хатхо.
[2] *Хундәм* — хондам.
[3] *Хатхуниёт* — хатхонихоят.

3

Ай қади боло омаданота садқа,
Дафтар дар дәст табелчиҳота садқа,
Ту лоф мезой[1], ки мән туро мегирәм,
Лофои дуруғи бевафота садқа.

4

Малимбачаи[2] бәландавора[3] садқа,
Шамсу қамари қиматбаҳора садқа,
Шамсу қамари қимат биёран дар пеш,
Малимбачаи дури бебафора садқа.

5

Хәрә-хәр найча кәнәм,
Мән шӯи маллимча кәнәм,
Вахто мӯша[4] шона кәна,
Дар пешәш арғәштча[5] кәнәм.

6

Холе ба миёни абрувон афтодаст,
Ширин ёрум шаҳраки Хоруғ рафтаст.
Хоруғ дурай, раҳаки Хоруғ дурай,
Аммо чӣ кәнам, кори ҳәкумат зарурай.

7

Ҷононаи ҷун, гирди сипорәт гардәм,
Чубдасти зелолиро борәт кардәм,
Дар мошини ҳәкумат сәворәт кардем,
То убари оғбара нигоҳәт кардәм.

---

[1] *Мезой*—мезадӣ.

[2] *Малим*—муаллим.

[3] *Баландаво*—баландхаво, ҳавобаланд, дар ин ҷо ба маънои бофтихор, боғурур.

[4] *Мӯша*—мӯяшро.

[5] *Арғәшт*—ракс.

8

Аз роҳаки дур дав-давун умадаем,
Аз бонси духтарои ҷун умадаем.
Аз хӯрдану нушидан надорем гилае,
Хайрун мундем, ки мо чӣ сун[1] умадаем.

9

Мэн садка гаме[2] кӯтали руболора,
Аскарои бурдагии лаби дарьёра,
Кэрчак бэгирем бод кэнем барфора,
Сармо набара[3] поҳои аскарора.

10

Дар танаи акам сони парча,
Дар пои акам мӯзаи сиёи[4] лахча.
Э акан ҷун, ту ҷанга зудтар хал кэн[5],
Гермони ланна ай ватанмун ҳай кэн.

11

Ин гэлаки зардоля буяш кандай,
Як додари хуб дорэм, ӯ дар ҷангай,
Садбарги шукуфтаи мэнай, ҳафтрангай,
Ай дасти гермон дэли мэн тангай.

12

Ай анда[6] то Маскова селуни мэнай,
Гэл мешэкэфа, пӯшида[7] пайгуми мэнай,
Еракма[8] бигӯ, ки ҷанга мардона кэна[9],
Дар ҷунэш бэмрэм, ки ҷуни ӯ ҷуни мэнай.

---

1 *Чи сун*—чӣ сон.
2 *Гаме*—мешавем.
3 *Набара*—набарад.
4 *Сиӣ*—сиёҳ.
5 *Хай кун*—берун кун, дур кун.
6 *Ай анда*—аз ин ҷо.
7 *Пушида*—почта.
8 *Еракма*—ёри маро.
9 Яъне мардонавор ҷанг кунад.

13

Шод дар мулки советӣ сайру гаштҳо мекунам,
Гирди оламро дар ин поезд тамошо мекунам.
Як тараф осоиши ҷони манаст сулҳи ҷаҳон,
Хизмати сесолаамро бо дилу ҷон мекунам.

## ШЕЪР

### 1. ВАТАНИ МО

Машҳури ҷаҳон шуд ватани пурзафари мо,
Аз шафқату ғамхории доно падари мо.
Раҳмат ба партия—ба мо дод ватанро,
Бишкуфта гули шодӣ ба шому саҳари мо.
Обод шуда аз роҳбариаш мулки кӯҳистон,
Сад раҳмату таҳсин ба чунин роҳбари мо.
Дар асри кадим мо ҳама будем ҷигарреш,
Чун абри сиёҳ кулфату ғам буд ба сари мо.
Ленину Сталин, ки ба мо хуррамӣ доданд,
Гул карда саросар ватани пургуҳари мо.
Боз баҳри ватан меҳнати аъло бинамоем,
Обод шавад гулшани доимзафари мо.
Мо ҳомии сулҳему осоиши дунъё,
Ин аст ҳамеша сухани шӯълавари мо.

### 2. ВАНҶИ МО

Ванҷи мо обод гаштаст дар ҷаҳон,
Мекунем шодӣ кунун мо ин замон.
Дар замони пеш чун вайрон будӣ,
Бе замину хонаву майдон будӣ.
Лек дар ин давраи озоди мо,
Давраи озоду доим шоди мо,
Гаштай гулзори пурганҷи Ватан,
Босавод гаштанд ҷумла марду зан.
Мо ҳама шодему хуррам ин замон,
Мекунем меҳнат ба колхоз шодмон.
Давлати ванҷӣ бигуфто ин сухан,
Аз дилу ҷон васфи гулбоғи Ватан.

## 3. МУЛКИ МО

Мулки мо сабз аст доим бехазон,
Хаст ин дорои кадрони чавон.
Халки хушбахташ чунин ёфтаст зафар,
Сохт ягона давлате дар ин гузар.
Хаст ин давлат аз они коргар
Деҳқон ҳам илму соҳиби ҳунар.
Хаст тавонову наметарсад зи кас,
Нест чизе, ки набошад дастрас.
Роҳбарии партия дар мо ки ҳаст,
Боғу бӯстонаш ҳамеша хуррам аст.

## 4. БА ПЕШВОЗИ ДЕПУТАТ

Мо ба пешат ҳамчу гул бишукуфта хандон омадем,
Марду зан ҳам духтарон бо як дилу чон омадем.
Хаст бар мо толеу бахту саодат ин замон,
Бо ҳазорон неъмату ганчи фаровон омадем.
Ҳастем озод аз тамоми ғуссаву андуҳу гам,
Мо ба пешвози азизу дӯсти чонон омадем.
Оммаи колхозчиён ҳам як дилу як чон шуда,
Ҳамчу булбул дар гулистон мо ғазалхон омадем.
Менамоем саъю кӯшиш баҳри ичрои план,
То шавад модар аз ин розӣ, ба паймон омадем.
Э, Атторӣ, ту расон бар депутати худ салом,
Мо салом гӯён ба пешаш чамъи ёрон омадем.

## 5. ШОДАМ

Шодам, ки ғаму ғусса зи ёрон баромад,
Офтоб расид сабзаи боғон баромад.
Сабза бидурахшид, гулҳо бишукуфтанд,
Булбул ба тамошои гулистон баромад.
Ҳар мева, ки имрӯз дар ин боғ расидаст,
Бар чиндани он духтари хандон баромад.
Гуфтам саломе бар он ёру рафиқон,
Ҳар чанговаре бар зидди Гермон баромад.
Ин роҳи навободе, ки дар мамлакати мост,
Дар кӯҳу чару минаи[1] сангон баромад.

---

[1] *Мина*—мобайн, байн.

## 6. ЭЙ КОЛХОЗЧИЁН

Э, колхозчиёни куртасафед ҳам куртакабут,
Сарҷамъ нишастаед андар таи тут,
Ин рӯзи баҳор аст ҳама сабзу кабут,
Ҳар рӯза плони худ расонед ба субут.

## 7. ЭЙ ҚАЛАМ

Эй қалам, бар дасти ман як ханҷари бурро туӣ,
Баҳри иҷрои мақсадам, тайёр доимо туӣ.
Ҳоли ман андар гузашта: бе замину хона буд,
Истиқоматгоҳи ман як кулбаи вайрона буд.
Халқи Дарвоз доимо аз бераҳӣ ранҷ мекашид,
Ҳам азоб, ҳам ҷабру зулм, бераҳӣ хун мемакид.
Лек офтоби адолат партав андохт сӯи мо,
Сохта шуд як роҳи кӯҳӣ баҳри мо мошинбаро.
Ғайр аз ин дода ба моён ҳам маориф, илм, ҳунар,
Дар ҳама деҳоту шаҳри мо аён фатҳу зафар.
Шуд мактабҳо бино аз баҳри таҳсилҳо ба халқ,
Ҳар якӯми сентябрь хонанд писарҳомон сабақ.
Мераванд якҷоя ҷамъи духтарон бо писарон,
Дарс мехонанд ҳама хурсанд ҳам шодикунон.
Дар замони пеш ҳама меҳнаткашон буданд кӯр,
Ҳоло дар давраи советӣ гашта бо илму ҳунар.
Бо қалам Мухтор мегӯяд пас аз ин ҳам сухан,
Эй қалам, тайёр шав аз баҳри тасвири Ватан.

## 8. БА РАЙОНИ САРҲАДДӢ

Мевазор шуд боғҳоят, эй райони сарҳаддӣ,
Дилкушо шуд ҳар куҷоят, эй райони сарҳаддӣ.
Дар замонат гашт хуррам сабзаву себаргаҳо,
Ҳамчу гул бишкуфт рӯят, эй райони сарҳаддӣ,
Дар замони пеш будӣ кулбаи вайрона ту,
Ҳоло обод ҳар канорат, эй райони сарҳаддӣ,
Ленину партия оварданд бахти ҷовидон,
Аз барои халқҳоят, эй райони сарҳаддӣ.
Ғайрату меҳнат кунем, мо, ҷумлагӣ пиру ҷавон,
То физояд обрӯят, эй райони сарҳаддӣ.
Баҳри иҷрои плони пилла кӯшиш мекунем.
Дар ҳама колхозҳоят, эй райони сарҳаддӣ.

То бигардад пешқадам андар вилоят номи ту,
Дар тамоми ӯхдаҳоят, эй райони сарҳадӣ.
Месарояд Абдулло бо шодию фархундагӣ,
Дар ҳавои дилкушоят, эй райони сарҳадӣ.

### 9. ХӘШ ДУХТАРИ ЗЕБО

Хәш дәхтари зебо, ту эй Нордунамой,
Хәш кәртаву хәш собаву[1] хәш паси қафой.
Ту хандакәнун мегәзарӣ дар раҳи мошин,
Мән гирьякунун мекәнәм ай дур нигое[2].

---

[1] *Соба*—румол.
[2] *Нигое*—нигохе.

## ЭЗОҲОТ

*Ба фасли афсона*

1. Ориф. Дар Вахиёи Боло, қишлоқи Сангвор, аз Юсуф Фазлиддин, 22-сола, босавод, дар соли 1932 аз тарафи Н. А. Кисляков навишта гирифта шудааст.

2. Содиқҷон. Аз ҳамон шахс, дар ҳамон сол аз тарафи Н. А. Кисляков навишта гирифта шудааст.

3. Тоҷбек. Дар ҳамон ҷо аз Нидо Хол, 40-сола, колхозчӣ, аз тарафи Н. А. Кисляков дар соли 1936 навишта гирифта шудааст.

4. Холдонаи паризода. Дар райони Қалъаи Хумб дар қишлоқи Тоғмай аз Амирбек Давлат, 71-сола, колхозчӣ, соли 1952 навишта гирифта шуд.

5. Волволак. Дар ҳамон район, қишлоқи Хек, аз Нозиамо Назарова, 26-сола, дар соли 1953 навишта гирифта шудааст.

6. Фалокат. Дар ҳамон район, қишлоқи Ширговад, аз Муҳаммадиева Кибриё, 60-сола, колхозчизан дар соли 1949 навишта гирифта шудааст.

7. Мурдаи сӯзанпур. Дар ҳамон район, қишлоқи Ризвай, аз Комьёб Саидҷалил, 19-сола, дар соли 1949 навишта гирифта шудааст.

8. Туқлибара. Дар райони Тавилдара қишлоқи Сафедорон, аз Аҳмадов Раҳмон, 18-сола, дар соли 1949 навишта гирифта шудааст.

9. Одина. Дар қишлоқи Сафедорон, аз Мирзо Назар, 14-сола, дар соли 1949 навишта гирифта шудааст.

10. Суханизан. Дар қишлоқи Сангвор, дар соли 1932 аз тарафи Н. А. Кисляков навишта гирифта шудааст.

11. Духтари доно. Дар райони Тавилдара, қишлоқи Найгуфт, аз Назир Шариф, 50-сола, сторожи мактаб,

бесавод, дар соли 1932 аз тарафи Н. А. Кисляков навишта гирифта шудааст.

12. Карбосбоф. Дар қишлоқи Сангвор, аз Нозимзода Сангак, раиси совети қишлоқ, 60-сола, аз тарафи Н. А. Кисляков дар соли 1930 навишта гирифта шудааст.

13. Кали зирак. Дар районн Қалъаи Хумб, қишлоқи Ёгед, аз Олимҷонов Каримҷон, 14-сола, дар соли 1949 навишта гирифта шудааст.

14. Хирсу рӯбоҳ. Дар ҳамон қишлоқ аз Аброр Шоҳ, 11-сола, дар соли 1949 навишта гирифта шудааст.

15. Мушак. Дар қишлоқи Хек, аз Назарова Нозиамо, 26-сола, дар соли 1953 навишта гирифта шудааст.

*Ба фасли латифаҳо*

1. Ҳар ду мисраъ баробаранд. Дар Ванҷ қишлоқи Рохарв, аз Давлатзода Абдулло, 50-сола, босавод, шоир, дар соли 1951 навишта гирифта шудааст.

2. Ман роҳи офтобро мекушоям. Дар Ванч, қишлоқи Рован, аз Хабиров Вазир, студенти курси дуйуми Институти педагогии ба номи Т. Шевченко, дар соли 1953 навишта гирифта шудааст.

3. Ғал нагӯй! Дар районн Қалъаи Хумб, қишлоқи Киврон, аз Раҳмонов Саидаттор, муаллим, 35-сола, дар соли 1949 навишта гирифта шудааст.

4. Ғал намефорад? Дар қишлоқи Киврон, аз ҳамон шахс дар ҳамон сол навишта гирифта шудааст.

5. Кадуча. Дар районн Қалъаи Хумб, қишлоқи Зинг, аз Амирбек, колхозчӣ, 21 сола, дар соли 1949 навишта гирифта шудааст.

6. Шаҳр дидагӣ ман ҳастам. Дар қишлоқи Рован, районн Ванҷ аз Ҳимматшо, дар соли 1951 навишта гирифта шудааст.

7. Вахиёчӣ. Дар Ванч, қишлоқи Бунай, дар соли 1951 навишта гирифта шудааст.

8. Ванҷӣ. Дар Ванҷ, қишлоқи Сед аз Шукуроза Сайлон, 57-сола, колхозчизан дар соли 1949 навишта гирифта шудааст.

*Ба фасли сурудҳо*

1. Эй, рафиқон. Дар қишлоқи Сангвор, аз Юсуф Фазлиддин, 22-сола дар соли 1932 навишта гирифта шудааст.

2. Мурдани ӯ авлост. Дар қишлоқи Сафедорон, аз Ятимов Кувват, аз тарафи Н. А. Кисляков дар соли 1932 навишта шудааст.

3. Аз духтар бо мепурсем. Дар қишлоқи Сангвор, аз Ёфтак Хол дар соли 1932 навишта гирифта шудааст.

4. Дар сараки санг. Дар қишлоқи Зинг,аз Амирбек дар соли 1949 навишта гирифта шудааст.

5. Лапар. Дар маркази районн Қалъаи Хумб, дар соли 1953, аз аъзоёни кружоки худфаъолиятии ҳаваскорон навишта гирифта шудааст.

6. Сурудҳои баҳорӣ дар қишлоқҳои Рахарв, Бунай, Ғуҷовас дар солҳои 1949—1951 навишта гирифта шуданд.

7. Шеърҳои маросими тӯй. Дар Ванҷ, қишлоқи Ширговад, аз Даргӣ Муҳаммадиев, 30-сола, хизматчӣ, дар соли 1949 навишта гирифта шуданд.

*Ба фасли фольклори бачагона*

1. Бузак. Дар қишлоқи Киврон, аз Талбов Аҳмад, 17-сола, босавод, соли 1949 навишта шудааст.

2. Харак. Дар ҳамон қишлоқ аз Саидаброров Саидасрор, 12-сола, соли 1949 навишта гирифта шудааст.

3. Каҳдаравӣ. Аз ҳамон шахс навишта шудааст.

4. Гәндәшк. Дар қишлоқи Тоғмай, районн Қалъаи Хумб аз Шамсиев Амриддин, 25-сола, мудири чойхона, босавод, соли 1953 навишта гирифта шудааст.

5. Боло мерам. Дар қишлоқи Киврон аз Муродов Саидалӣ, 40-сола, босавод, соли 1953 навишта шудааст.

6. Осунаи сесуна. Дар қишлоқи Доршир (Ванҷи боло) аз Сурхова Руҳафзо, 12-сола, соли 1949 навишта шуд.

7. Лулак лулаки хокӣ. Дар қишлоқи Ризвай, аз Юсуфҷонова Анварбибӣ, 10-сола, соли 1949, ва варианти II, дар қишлоқи Ёгед навишта гирифта шудааст.

8. Афсонаҳои Кадуча бо кадуча. Дар қишлоқи Киврон, аз Сайрон Мерганова соли 1949 навишта гирифта шудааст.

9. Сағира хест. Дар қишлоқи Сангвор, соли 1932 навишта гирифта шудааст.

10. Гәҷо будӣ. Дар қишлоқи Одешт, районн Ванҷ, соли 1951.

11. Важгакон важгай.

12. Буд набуд.

бесавод, дар соли 1932 аз тарафи Н. А. Кисляков навишта гирифта шудааст.

12. Карбосбоф. Дар қишлоқи Сангвор, аз Нозимзода Сангак, раиси совети қишлоқ, 60-сола, аз тарафи Н. А. Кисляков дар соли 1930 навишта гирифта шудааст.

13. Кали зирак. Дар райони Қалъаи Хумб, қишлоқи Ёгед, аз Олимҷонов Каримҷон, 14-сола, дар соли 1949 навишта гирифта шудааст.

14. Хирсу рӯбоҳ. Дар хамон қишлоқ аз Аброр Шоҳ, 11-сола, дар соли 1949 навишта гирифта шудааст.

15. Мушак. Дар қишлоқи Хек, аз Назарова Нозиамо, 26-сола, дар соли 1953 навишта гирифта шудааст.

*Ба фасли латифаҳо*

1. Хар ду мисраъ баробаранд. Дар Ванҷ қишлоқи Рохарв, аз Давлатзода Абдулло, 50-сола, босавод, шоир, дар соли 1951 навишта гирифта шудааст.

2. Ман роҳи офтобро мекушоям. Дар Ванҷ, қишлоқи Рован, аз Хабиров Вазир, студенти курси дуйӯми Институти педагогии ба номи Т. Шевченко, дар соли 1953 навишта гирифта шудааст.

3. Ғал нагӯй! Дар райони Қалъаи Хумб, қишлоқи Кеврон, аз Раҳмонов Саидаттор, муаллим, 35-сола, дар соли 1949 навишта гирифта шудааст.

4. Ғал намефорад? Дар қишлоқи Кеврон, аз ҳамон шахс дар ҳамон сол навишта гирифта шудааст.

5. Кадуча. Дар райони Қалъаи Хумб, қишлоқи Зинг, аз Амирбек, колхозчӣ, 21 сола, дар соли 1949 навишта гирифта шудааст.

6. Шахр дидагӣ ман ҳастам. Дар қишлоқи Рован, райони Ванҷ аз Химматшо, дар соли 1951 навишта гирифта шудааст.

7. Вахиёчӣ. Дар Ванҷ, қишлоқи Бунай, дар соли 1951 навишта гирифта шудааст.

8. Ванҷӣ. Дар Ванҷ, қишлоқи Сед аз Шукурова Сайлон, 57-сола, колхозчизан дар соли 1949 навишта гирифта шудааст.

*Ба фасли сурудҳо*

1. Эй, рафиқон. Дар қишлоқи Сангвор, аз Юсуф Фазлиддин, 22-сола дар соли 1932 навишта гирифта шудааст.

2. Мурдани у авлост. Дар қишлоқи Сафедорон, аз Ятимов Қувват, аз тарафи Н. А. Кисляков дар соли 1932 навишта шудааст.

3. Аз духтар бо мепурсем. Дар қишлоқи Сангвор, аз Ёфтак Хол дар соли 1932 навишта гирифта шудааст.

4. Дар сараки санг. Дар қишлоқи Зинг, аз Амирбек дар соли 1949 навишта гирифта шудааст.

5. Лапар. Дар маркази райони Қалъаи Хумб, дар соли 1953, аз аъзоёни кружоки худфаъолиятии ҳаваскорон навишта гирифта шудааст.

6. Сурудҳои баҳорӣ дар қишлоқҳои Рахарв, Бунай, Ғуҷовас дар солҳои 1949—1951 навишта гирифта шуданд.

7. Шеърҳои маросими туй. Дар Ванҷ, қишлоқи Ширговад, аз Даргӣ Муҳаммадиев, 30-сола, хизматчӣ, дар соли 1949 навишта гирифта шуданд.

*Ба фасли фольклори бачагона*

1. Бузак. Дар қишлоқи Кеврон, аз Талбов Аҳмад, 17-сола, босавод, соли 1949 навишта шудааст.

2. Харак. Дар ҳамон қишлоқ аз Саидаброров Саидасрор, 12-сола, соли 1949 навишта гирифта шудааст.

3. Каҳдаравӣ. Аз ҳамон шахс навишта шудааст.

4. Гәндәшк. Дар қишлоқи Тоғмай, райони Қалъаи Хумб аз Шамсиев Амриддин, 25-сола, мудири чойхона, босавод, соли 1953 навишта гирифта шудааст.

5. Боло мерам. Дар қишлоқи Кеврон аз Муродов Саидалӣ, 40-сола, босавод, соли 1953 навишта шудааст.

6. Осунаи сесуна. Дар қишлоқи Доршир (Ванҷи боло) аз Сурхова Руҳафзо, 12-сола, соли 1949 навишта шуд.

7. Лулак лулаки хокӣ. Дар қишлоқи Ризвай, аз Юсуфҷонова Анварбибӣ, 10-сола, соли 1949, ва варианти II, дар қишлоқи Ёгед навишта гирифта шудааст.

8. Афсонаҳои Кадуча бо кадуча. Дар қишлоқи Кеврон, аз Сайрон Мерганова соли 1949 навишта гирифта шудааст.

9. Сағира хест. Дар қишлоқи Сангвор, соли 1932 навишта гирифта шудааст.

10. Гәҷо будӣ. Дар қишлоқи Одешт, райони Ванҷ, соли 1951.

11. Важғакои важгай.

12. Буд набуд.

13. Зардолибачгак. Дар қишлоқи Зинг, аз Идимо Назарова, соли 1949 навишта гирифта шудааст.

14. Рубаак.

15. Кана дар қишлоқи Паткинов, аз Гул Наим, 71-сола, соли 1949 навишта шудаанд.

16. Чистонҳо. Дар қишлоқҳои Ризвай, Кеврон, Тоғмай, Ванҷ навишта гирифта шудаанд.

*Ба фасли шоирони маҳаллӣ*

1. Шеърҳои Мулло Ёр дар солҳои 1949, 1951, 1953 дар Ванҷ ва Оби Гарм аз рафиқони зерин навишта гирифта шуд: Хоҷаев, Абдуллоев, Абдулло Давлатзода, муаллими қишлоқи Одешт Ғайрат, Холов Қуввват, Шокиров Зокир ва дигарон. Варианти шеърҳои ӯ: „Хурокму оши боқлегӣ“ „Мусулмонон, аҷаб ҳолам батар шид“-ро С. М. Климчицкий дар мақолаи зерини худ чоп карда буд: Дарвазские фахлавиёт, Труды Таджикистанской Базы Ан СССР, т. IX, 1949, стр. 71 и 74.

2. Муллохӯҷа—бошандаи қишлоқи Дашти Лич, райони Қалъаи Хумб, 50-сола, босавод, шеърҳояш дар соли 1949 навишта гирифта шудаанд.

3. Беназиров Урфон. Қишлоқи Садвадки райони Ванҷ, муаллим, 43-сола, шеърҳои ӯ дар соли 1951 навишта гирифта шудаанд.

4. Саидатор Раҳмонов. Ба фасли фольклори советӣ нигоҳ кунед (эзоҳи 5).

*Ба фасли фольклори советӣ*

1. Замон замони мо шид. Дар қишлоқи Рохарви райони Ванҷ, дар соли 1949 навишта гирифта шудааст.

2. Рубоиҳо. Дар қишлоқҳои Дарвоз дар солҳои 1949—1953 навишта гирифта шудаанд.

3. Хуш, аҷаб дар мулки советӣ. Аз Нозимов Дод, 16-сола, колхозчӣ, дар райони Қалъаи Хумб, қишлоқи Умарак, дар соли 1953 навишта гирифта шуд.

4. Абдулло Давлатзода (Ванҷӣ). Қишлоқи Рохарв, шоири маҳаллӣ, 55-сола, босавод. Шеърҳои ӯ: „Ватани мо“, „Ванҷи мо“ дар газетаи „Бадахшони советӣ“ дар соли 1951 чоп шуда буданд.

5. Саидаттор Раҳмонов (Атторӣ). Аз қишлоқи Кеврон,

соли таваллудаш 1914, муаллими география, шеърҳои ӯ дар соли 1949 навишта гирифта шудаанд.

6. Амирҷон Мухторов. Қишлоқи Ёгед, муаллими мактаб, 46-сола, шеъри ӯ: „Эй, қалам“ дар соли 1949 навишта гирифта шудааст.

7. Назриев Абдулло. Аз қишлоқи Ризвай, 22-сола, роҳбари кружоки худфаъолиятии санъати назди клуби районии Қалъаи Хумб. Шеъри ӯ: „Ба райони сарҳадӣ“ дар соли 1953 навишта гирифта шудааст.

8. Саидаброр Раҳмонов. Аз қишлоқи Кеврон, колхозчӣ, 40-сола, босавод, акаи Саидаттор Раҳмонов, рубоии ӯ: „Хәш дәхтари зебо“ дар соли 1949 навишта гирифта шудаанд.

## ЛУҒАТ

**Ай**—аз.
**Ай**—аст.
**Амзо**—ҳамин қадарӣ.
**Амро**—(ҳамроҳ), ҷӯра, дӯст.
**Амтарӣ**—ҳамин тавр.
**Амғал**—ҳозир.
**Амғалак**—ҳозиракак.
**Амқа**—ҳамин қадар.
**Анда**—ин ҷо.
**Астағу**—устухон.
**Бай**—ба.
**Бӣ**—буд.
**Биёр**—бародар.
**Бича**—буғзола.
**Боба**—дада, падар.
**Бодхэрэк**—бодхӯрак (як навъ парранда).
**Богчун**—кундош, палонч.
**Вуча**—бузғола.
**Буша**—хамир.
**Ва**—ба, бо.
**Вара кардан**—фиристодан.
**Вегай**—бегоҳӣ.
**Вегуна**—бегона.
**Воистан**—форидан.
**Вусто**—усто.
**Гэлбек**—чечак.
**Гэндэшк**—чумчуқ, гунҷишк.
**Диёр**—кишвар, мамлакат, вилоят.
**Диёр**—намудор, намоён.
**Дохтан**—андохтан.
**Дохэнда**—ҷӯра, дӯст, ёр.
**Дэстоҳан**—дастпона.
**Ду**—деҳ.
**Эвар**—додаршӯй.
**Жувуқ кардан**—зер кардан пахш кардан.
**Зардов**—заҳра, зардоб.
**Зухун**—забон.
**Иш**—инаш.
**Як кабгард**—як мушт орд.
**Кабидан**—нӯшидан.
**Капол**—косахонаи сар.
**Кашкапар шудан**—кадуи кач шудан.
**Кэли**—калид.
**Ко**—куҷо.
**Курпалоқ**—кӯрпаи кӯҳнаи даридагӣ.
**Қэнғола**—номзад ба занӣ.
**Лап-лапак**—хазида—хазида, оҳиста-оҳиста.
**Ликак**—ангуштча.
**Лиқоба**—ҷилд, никоб.
**Лув кардан**—фарьёд кардан, чеғ задан.
**Луки дар**—ҳалқаи чӯбини дар.
**Малел шудан**—ранҷидан.
**Мина**—миёна.
**Мума**—оча, она.
**Мэткин**—санги кулӯла.
**Нажғар**—зер накун, вайрон нашав.
**Наита**—ин хел.
**Нахрӯвӣ**—рӯфтани замини хона.
**Нэшлэқ**—сиёҳӣ, ки мувофиқи тасаввури одамони гузашта, баъзан одамро дар вақти хоб пахш мекунад.
**Олӣ**—ҳоло.
**Осуна**—афсона.

**Нэмайлоқ**—намади кӯҳна.
**Пэҳэл кардан**—бахшидан (гунохи касеро).
**Пога**—пойгаҳ.
**Потелэк**—позанӣ, по ҷунбонӣ.
**Пун**—поён.
**Пушья**—пӯшидагӣ.
**Пӯшнӣ**—пешона.
**Рағди кок**—замини қоқ.
**Рожа**—қатор.
**Рохидан**—хазидан, ба мушкилӣ ба ҷое баромадан.
**Сап-сапак**—оҳиста-оҳиста.
**Саркок**—зани бе фарзанд, танҳо.
**Сагера**—ятим, сагир.
**Саҳмота**—ҳайронмонда, беақл.
**Села**—гурух, тӯда.
**Синҳор**—келин.
**Таи**—таги.
**Тор**—боло.
**Тумч**—талх.
**Тутпэст**—орди тут ки куфта-шудагӣ.
**Тӯша**—хӯроки роҳ.
**Убар**—он сӯ, он тараф.
**Уч кардан**—бардоштан.
**Угам**—баъд.
**Уча**—лона.
**Учако**—дар по рост истодан.
**Фалхос**—бечора.
**Фара**—қувват.
**Фэлхок**—чормагзи бепӯст.
**Фэлэк**—садои пои ба ҷое медаромадагӣ.
**Хавча**—гарами гандум.
**Хамборундан**—фуровардан.
**Хелья**—хамир.
**Хинг**—хокистарранг.
**Хоки сар**—хок ё гиле, ки ба ҷои собун истеъмол мекарданд.
**Хорхэнда**—дугона.
**Хэрпутӣ**—майда-майда, реза-реза.
**Чова**—чи хел.
**Чойлоб**—ҷои хоби тобистонӣ.
**Чал**—лой.
**Чаплоқ**—ҷомаи даридагӣ.
**Шавина**—шабина.
**Шӣ**—шуд.
**Шила задан**—сих задан.
**Шилмутук**—часпонак.
**Шиғаст**—чириқ-чириқ.
**Шоруғза**—эзори васеи корп, ки аз матои пашмини маҳаллӣ дар замони пеш медӯхтанд.
**Яков кардан**—омехтан.
**Янда**—ин ҷо.
**Як хэпэк**—камакак.
**Йу**—ӯ (дар лаҳҷаи Ванҷ).
**Ғаз**—чормагз (ба забони кӯҳнаи Ванҷ).
**Ҳавлин**—ҳавлӣ.
**Ҳапиков**—атолаи тупуки бе равған.
**Ҳелагарӣ**—азиз, меҳрубон.
**Ҳуч кардан**—бардоштан.
**Ҷаҳт кардан**—даъват кардан.
**Ҷэгел**—чигил.
**Ҷога**—ҷои хоб.
**Ҷогар**—буқоқ, гуррӣ.
**Ҷэвозук**—ӯғурча.

## МУНДАРИЧА

Сах.

Сарсухан . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 3

*Қисми якум*

Наср.

Афсонаҳо . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 11
1. Ориф . . . . . . . . . . . . . . . . . . 14
2. Содиқҷон . . . . . . . . . . . . . . . . 32
3. Тоҷбек . . . . . . . . . . . . . . . . . 48
4. Холдонаи паризода . . . . . . . . . . . . 54
5. Волволак . . . . . . . . . . . . . . . . 56
6. Фалокат . . . . . . . . . . . . . . . . . 59
7. Мурдаи сӯзанпур . . . . . . . . . . . . 61
8. Тӯқлибара . . . . . . . . . . . . . . . 62
9. Одина . . . . . . . . . . . . . . . . . 65
10. Зани доно . . . . . . . . . . . . . . . 66
11. Духтари зирак . . . . . . . . . . . . . 72
12. Карбосбоф . . . . . . . . . . . . . . . 73
13. Кали зирак . . . . . . . . . . . . . . 75
14. Хирсу рӯбоҳ . . . . . . . . . . . . . . 78
15. Мушак . . . . . . . . . . . . . . . . . 79

Латифаҳо . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 82
1. Ҳарду мисраъ баробар аст . . . . . . . . —
2. Ман роҳи офтобро мекушоям . . . . . . . —
3. Ғал нагӯй . . . . . . . . . . . . . . . . 83
4. Ғал намефорад? . . . . . . . . . . . . . —
5. Кадуча . . . . . . . . . . . . . . . . . —
6. Шаҳр дидагӣ ман хастам . . . . . . . . . 84
7. Вахиёчӣ . . . . . . . . . . . . . . . . —
8. Ванҷӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . —

Зарбулмасал ва мақолҳо . . . . . . . . . . . . . . 86

*Қисми дуйӯм*

Н а з м.

Рубоӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 94
I. Ғарибӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 96
II. Никоҳи маҷбурӣ . . . . . . . . . . . . . . . . 97
III. Изҳори муҳаббат . . . . . . . . . . . . . . . . 99
IV. Шикоят аз фироқи ёру дӯст . . . . . . . . . . 102
V. Шикоят аз бевафогии ёр . . . . . . . . . . . . 104
VI. Дар мавзӯъҳои гуногун . . . . . . . . . . . . 107
VII. Рубоиҳои ба мотам бахшидашуда . . . . . . . 109
VIII. Нақарот (фаровард) . . . . . . . . . . . . . . 111
Сурудҳо . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 113
1. Эй рафикон . . . . . . . . . . . . . . . . . . 115
2. Мурдани ӯ авлост . . . . . . . . . . . . . . . —
3. Аз духтар бо мепурсем . . . . . . . . . . . . 116
4. Дар сараки санг . . . . . . . . . . . . . . . . 118
5. Лапар . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . —
6. Сурудҳои баҳорӣ . . . . . . . . . . . . . . . 119
7. Сурудҳои маросими тӯи арӯсӣ . . . . . . . . . 120
Фольклори бачагона . . . . . . . . . . . . . . . . . 122
1. Бузак . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 124
2. Харак . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 125
3. Каҳдәравӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 126
4. Гәндәшк . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 127
5. Боло мерам . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 128
6. Осунаи сесуна . . . . . . . . . . . . . . . . . —
7. Лӯлак, лӯлаки хокӣ . . . . . . . . . . . . . . 129
8. Кадуча бо кадуча . . . . . . . . . . . . . . . 130
9. Сағира хест . . . . . . . . . . . . . . . . . . 131
10. Куҷо будӣ? . . . . . . . . . . . . . . . . . . 132
11. Важгакои важгаи . . . . . . . . . . . . . . . —
12. Буд набуд . . . . . . . . . . . . . . . . . . . —
13. Зардолубачгак . . . . . . . . . . . . . . . . 133
14. Рӯбаак . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . —
15. Кана . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . —
16. Чистонҳо . . . . . . . . . . . . . . . . . . . —
Шоирони маҳаллӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . 136
1. Мулло Ёр . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 137
2. Қозӣ Набот . . . . . . . . . . . . . . . . . . 146
3. Мулло Хӯҷа . . . . . . . . . . . . . . . . . . —
4. Беназиров Урфон . . . . . . . . . . . . . . . 148
5. Саидаттор Раҳмон (Атторӣ) . . . . . . . . . . —

Фольклори советӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 150
Рубоӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 152
Шеър . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 155
1. Ватани мо . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . —
2. Ванҷи мо . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . —
3. Мулки мо . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 156
4. Ба пешвози депутат . . . . . . . . . . . . . . . . —
5. Шодам . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . —
6. Эй колхозчиён . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 157
7. Эй калам . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . —
8. Ба райони сарҳаддӣ . . . . . . . . . . . . . . . . —
9. Хәш дәхтари зебо . . . . . . . . . . . . . . . . . 158
*Эзоҳот* . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 159
*Луғат* . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 164

---

**Образцы дарвазского фольклора**

(на таджикском языке)

составитель *А. З. Розенфельд*

Муҳаррирон *Амонов Р.* ва *Воҳидов З.*

Муҳаррири техники *Ильёбоев Р.* Корректор *Тулаев Ф.*

Ба истехсолот супорида шуд 31/XII-1954. Ба чоп иҷозат дода шуд 2/VIII-1955. Формати когаз $84 \times 108/_{32}$. КЛ 02077 Ҷузъи чопӣ 10,5(8,61). Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 7,39. Тираж 4000 Заказ № 1700.

Сталинобод, Комбинати полиграфии Вазорати маданияти РСС Тоҷикистон.